Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

№40 (12574)
8 октябри
соли 2026

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО



МО БА НЕРУИ СОЗАНДАИ УСТОДОНУ ОМӮЗГОРОН ЭЪТИМОДИ ҚАВӢ ДОРЕМ

Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи омӯзгорон

03.10.2026, шаҳри Душанбе

Устодон ва омӯзгорони гиромӣ!
Муҳтарам кормандони соҳаи маориф!

Ҳамаи шуморо ба муносибати Рӯзи омӯзгорон самимона табрик гуфта, бароятон саломатӣ, рӯзгори босаодат ва дар фаъолияти касбиатон барору комёбӣ орзу менамоям.

Омӯзгорӣ аз ҷумлаи касбҳои пуршараф ва дар айни замон масъулияти бузург мебошад, зеро рушди давлат, пешрафти ҷомеа ва ояндаи миллат аз сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ ва тарбияи наслҳое вобастагии мустақим дорад, ки бо заҳмати омӯзгорон ба камол мерасанд.

Маҳз ба ҳамин хотир, аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ таъмин намудани рушди илму маориф, фароҳам овардани шароити мусоид барои таълиму тарбияи наслҳои наврас ва баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгор дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумати Тоҷикистон аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок эълон карда шуд.

Дар тӯли 35 соли соҳибистиқлолӣ бо истифода аз тамоми имконияту захираҳо барои пешрафти соҳаи маориф корҳои зиёде анҷом дода шуда, ҷиҳати беҳтар намудани шароити иҷтимоии кормандони соҳа ва дастгирии омӯзгорон тадбирҳои доимӣ андешида мешаванд.

Мо ин равандро минбаъд низ идома мебахшем. Зеро мо хуб дарк мекунем, ки дар шароити пешрафти босуръату бесобиқаи илму техника ва технологияҳо рисолати омӯзгор боз ҳам муҳимму масъулиятнок мегардад.

Онҳо бояд наврасону ҷавононро ба омӯзиши илму донишҳои муосир, забонҳои хориҷӣ, аз худ кардани технологияҳои замонавӣ, фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ ҳидоят карда, дар баробари ин, онҳоро дар руҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ҳифзу гиромидошти таъриху фарҳанги ниёгон ва заҳматдӯстиву масъулиятшиносӣ тарбия намоянд.

Барои иҷрои ин рисолати муҳимму ояндасоз устодону омӯзгорон бояд серталабу сахтгир ва масъулиятшинос бошанд ва хусусан ба масъалаи баланд бардоштани сифати таълим ва корҳои тарбиявӣ муносибати ҷиддӣ намоянд.

Устодону омӯзгорони мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки ояндаи давлату миллат аз мактабу маориф оғоз меёбад ва пояи фардои ободу пешрафтаи Тоҷикистонро омӯзгорони имрӯза бо донишу маърифат ва заҳмати содиқонаи худ мегузоранд.

Мо ба неруи созандаи аҳли маориф, таҷрибаи устодони рӯзгордидаву корозмуда ва талошу ташаббусҳои омӯзгорони ҷавон дар ҷодаи таълиму тарбияи наслҳои ояндасози Ватан ва миллат эътимоди қавӣ дорем.

Бо изҳори итминон ба ояндаи неки кишвари маҳбубамон, бори дигар ҳамаи устодону омӯзгорон, собиқадорон ва кулли кормандони соҳаи маорифро ба ифтихори Рӯзи омӯзгорон самимона табрик мегӯям.

Ба ҳар яки шумо саломатӣ, саодати рӯзгор ва дар иҷрои рисолати пуршарафи омӯзгорӣ барору муваффақият орзу менамоям.

Ҷашни касбиатон муборак бошад, устодону омӯзгорони азиз!

САНАД

ФАРМОНИ

ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар бораи ҷашн гирифтани 40-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо мақсади таҳкими Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзу густариши арзишҳои миллӣ ва таъмини рушди босуботи ҷомеа, фармон медиҳам:

1. Ҷашни 40-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 2031 баргузор карда шавад.

2. Ҳайати Кумитаи тадорукоти ҷашни 40-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи чорабиниҳои ҷашни 40-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муҳлати шаш моҳ таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намояд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе
2 октябри соли 2026, №1224

Тавзеҳот ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷашн гирифтани 40-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

02.10.2026, шаҳри Душанбе

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи худшиносии миллӣ, арҷгузорӣ ва ҳифзи муқаддасоти миллӣ, аз ҷумла, истиқлолу озодӣ, инчунин, равияи ватансозиву давлатсозӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ ва дар шароити орому осуда зиндагӣ кардани аҳолиро аз ҳадафҳои аввалиндараҷаи сиёсати давлату Ҳукумат муайян кардаанд.

Мардуми шарафманди Тоҷикистон дар муддати панҷ соли сипаригардида бо кору пайкори худ ба хотири сазовор истиқбол намудани ҷашни муқаддаси 35-солагии Истиқлоли давлатӣ собит сохтанд, ки дар эъмори давлати мутамаддину пешрафта дар паҳлуи давлату Ҳукумат қарор доранд ва азми қатъӣ доранд, ки барои наслҳои ояндаи Тоҷикистон як Ватани ободу зебо ва пешрафта ба мерос гузоранд.

Тибқи маълумоти оморӣ, дар панҷ соли сипаригардида бо заҳмату талош, ташаббусҳои хайрхоҳонаи шаҳрвандон, соҳибкорони эҳсонкору ватандӯст дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат корҳои ободониву созандагӣ вусъати бесобиқа пайдо карда, зиёда аз 36 ҳазор иншооти ҷашнӣ сохта ба истифода дода шуд.

Аз ҷониби соҳибкорону шаҳрвандон беш аз 1200 корхонаву коргоҳи саноатӣ, зиёда аз 3100 иншооти соҳаи маориф, 1050 иншооти тандурустӣ, 960 майдончаи варзиш ва 2275 иншооти хизматрасонӣ бунёд ва ба истифода дода шуд.

Умуман, дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби соҳибкорону шахсони саховатпешаи кишвар зиёда аз 3300 корхонаву коргоҳи саноатӣ, беш аз 4300 иншооти соҳаи маориф, 2200 иншооти тандурустӣ, 2080 майдончаи варзиш ва 5100 иншооти хизматрасонӣ бунёду навсозӣ ва ба истифода дода шудааст.

Соли 2026 барои мардуми Тоҷикистон соли басо муҳим ва таърихӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар ин сол мардуми шарафманди Тоҷикистон ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҷлил намуданд.

Чорабиниҳое, ки ба ифтихори ин ҷашни бузург дар пойтахти мамлакатамон – шаҳри Душанбе баргузор карда шуданд, на танҳо дар минтақа, балки дар арсаи ҷаҳонӣ камназир буданд ва обрӯву нуфузи Тоҷикистонро дар миқёси байналмилалӣ боз ҳам баланд бардоштанд.

Таъриху фарҳанги бостонии миллати тоҷик собит менамояд, ки тоҷикон аз замонҳои қадим мардуми бомаърифат, сулҳпарвар, заҳматдӯсту ободкор, давлатсозу тамаддунофар ва худшиносу худогоҳ буданд.

Бинобар ин, ҳар як шаҳрвандро зарур аст, ки кору пайкори гузаштагон ва падарону модаронро идома дода, ба хотири боз ҳам ободу зебо гардонидани Ватани маҳбуби хеш, фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ва таълиму тарбия барои фарзандон кӯшиш намояд ва ин равияро ба як амали ҳамешагӣ ва фарҳанги умумимиллӣ табдил диҳад.

Боз ҳам ободу зебо гардонидани Ватани азизамон, беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон ва ба ҷаҳониён ҳамчун давлати пешрафта, дорои таъриху пурғановати ва фарҳанги бостонии оламшумул муаррифӣ намудани он ҳадафи ниҳоии қабули фармони мазкур мебошад.

Дар илм ба нияти амал кӯш,
То заҳри ту з-ин амал шавад нӯш.
Бадриддин Ҳилолӣ

КАЛОМИ ПЕШВО

ГАНҶИНАИ БЕБАҲОИ ҲУВИЯТСОЗ

Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ

05.10.2026, шаҳри Душанбе



Ҳамватанони азиз!

Ҳамаи шумо ва ҳамзабонони бурунмарзиамонро ба ифтихори Рӯзи забони давлатӣ, ки ганҷинаи бебаҳои таъриху тамаддун, яке аз рукнҳои муҳимми давлатдории миллӣ ва бақову пойдории миллату давлат мебошад, самимона табрик мегӯям.

Забони ширину гӯшнавози тоҷикии форсӣ дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи миллати тоҷик ҳамчун унсури асосии муттаҳидсоз ва оинаи фарҳангу тамаддуни бостонии мо хизмат кардааст ва имрӯз низ ин рисолати муқаддасро бо тавонмандии бештар иҷро карда истодааст.

Он ҳамчун арзишмандтарин ёдгори аҷдоди ориёии мо дар паҳнои таърихи пур аз шебу фароз, вале пурифтихори худ тавассути андешаву қалами фарзандони фарзонаи миллат ҳама гуна монеаҳоро убур карда, роҳи рушди худро идома бахшидааст.

Забони тоҷикӣ, ки инъикосгару муаррифгари андешаву афкори миллӣ ва арзишу дастовардҳои мо мебошад, гузаштаи пурифтихори моро ба имрӯзи босаодат ва фардои дурахшони миллату давлат пайванди ҷовидонӣ мебахшад.

Ҳамчунин, забони модарии мо ҳамчун ганҷинаи бебаҳои ҳувиятсоз руҳи шикастнопазири ниёгону имрӯзиён, нигоштаҳои оламшумули бузургони илму адаб, фарҳангу маънавиёти миллат ва талошҳои созандаву бунёдгаронаи мардуми куҳанбунёди моро дар пайкари хеш таҷассум намудааст.

Дар раванди ҷаҳонишавии арзишҳои фарҳангӣ мо бояд хотираи неки абармардони илму адаби гузаштаамонро, ки дар рушду такомули забони тоҷикии форсӣ ва густаришу пойдории он саҳми бузурги таърихӣ гузоштаанд, пайваста зинда нигоҳ дорем, барои омӯзишу таҳқиқ ва муаррифии шоистаи осори гаронбаҳои онҳо ба аҳли башар кӯшишу талоши бештар намоем.

Боиси ифтихор ва шукргузорист, ки имрӯзҳо садо додани забони нобу шевои тоҷикӣ аз минбарҳои баланди созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ гувоҳи ҳастии миллати тоҷик ва пешрафту ободии давлати соҳибихтиёри тоҷикон мебошад.

Дар 35 соли соҳибистиқлолӣ забони тоҷикӣ бо пуштибониву ғамхориҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат марҳалаи муҳимми рушдро тай намуда, ҳоло ба василаи асосии иттиҳоду сарҷамъии мардуми мо ва омили муҳимтарини тавсеаву таҳкими худшиносиву худогоҳии ҷомеа табдил ёфтааст.

Ман ҳанӯз соли 2002 дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат иброз дошта будам, ки ғамхориву пуштибонӣ аз забони давлатӣ, фароҳам овардани шароити гону муосиронамон аз ҷумлаи иқдомоте мебошанд, ки иқтидори илмиву истеъмолии забонро таҳким мебахшанд ва мақоми онро дар ҷомеа боз ҳам устувор менамоянд.

Ҳамватанони азиз!

Мо дар замоне умр ба сар мебарем, ки илму техника ва технологияҳо, ихтирооту кашфиёт ва зеҳни сунъӣ суръати бесобиқа касб намудаанд.

Ҳама гуна дастоварду кашфиёт ва ихтирооти илмиву техникӣ, пеш аз ҳама, тавассути забон ифода гардида, бо калимаву истилоҳоти махсуси соҳавӣ муаррифӣ мегардад.

Дар шароити шиддат гирифтани таъсиргузориҳои забонӣ мутахассисони соҳаро зарур аст, ки низоми истилоҳсозии забонро аз ҳисоби имкониятҳои маъноиву луғавии он боз ҳам ғанӣ гардонанд ва дар заминаи захираи луғавии аслии тоҷикӣ истилоҳоти дурусту фаҳмо ва мувофиқ ба мазмуну муҳтавои соҳаҳои гуногунро барои истифода пешниҳод намоянд.

Истифодаи меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ дар шабакаи ҷаҳонии интернет низ аз олимону мутахассисони соҳа талаб мекунад, ки навигариҳои илмиву соҳавиро, бо дарназардошти арзишҳои милливу фарҳангии мардуми тоҷик, ба хотираи он ворид намоянд.

Хотирнишон менамоям, ки забони гуфториву навиштории тоҷикӣ имрӯз ҳамчун падидаи муҳимми шуури миллӣ яке аз омилҳои таҳкимбахши худогоҳиву худшиносии насли наврас ва ҷавонон ба шумор меравад.

Бинобар ин, мо бояд мақоми иҷтимоӣ, зарурати дар сатҳи аъло донистани забон ва эҳтирому бузургдошти забони модариамонро дар миёни кӯдакон ва наврасону ҷавонон ҳанӯз аз зинаҳои аввали таълиму тарбия ҳарчи бештар тарғиб намоем.

Насли наврас ва ҷавонони мо бояд огоҳ бошанд, ки бе донистани забони адабии тоҷикӣ ва риояи қоидаҳои маъноиву дастурии он омӯхтан ва аз худ намудани забонҳои хориҷӣ бисёр мушкил ва ҳатто номумкин аст.

Фарзандони мо бояд дарк намоянд, ки забон на танҳо василаи ибрози андеша, балки падидаи нодири иҷтимоиест, ки дар он таъриху тамаддуни пурифтихор, фарҳангу маънавиёти гаронбаҳои мардумӣ ва эҳсоси баланди худшиносиву ватандӯстӣ нуҳуфтааст.

Вазифаи ҷонии мо – соҳибони аслии забон аст, ки бо ҳисси баланди ифтихори миллӣ аз он пуштибонӣ кунем, истифодаи дурусту меъёрии онро дар ҳама зинаҳои фаъолият таъмин созем ва забони зебову шевои тоҷикии форсиро дар сатҳи ҷаҳонӣ ба таври арзанда муаррифӣ намоем.

Итминон дорам, ҳар нафаре, ки бо ин забони ширину шоирона сухан мегӯяд ва андеша меронад, дар оянда низ ба хотири ҳифзу гиромидошт, поку беолоиш нигоҳ доштан ва тавсеаи фазои истеъмолии он саъйу талош хоҳад кард.

Бори дигар Рӯзи забони давлатиро ба мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамзабонони бурунмарзиамон табрик гуфта, ба ҳар як хонадони мамлакат рӯзгори ободу осуда ва ба забони нобу ширини тоҷикии форсӣ умри ҷовидон орзу менамоям.

Рӯзи забони давлатӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!

8 иншоот дар ноҳияи Фархор

Дар идомаи сафари корӣ ба ноҳияи Фархор, 4 октябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ 8 иншооти таъиноташон гуногунро ифтитоҳ намуда бо лоиҳаи навсозии роҳи Гулистон – Фархор шинос шуданд.

Аз ҷумла, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои иловагии таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45-ро дар деҳаи Дӯстии деҳоти Фархор ба истифода доданд. Бинои иловагии таълимӣ барои 480 хонанда дар ду баст пешбинӣ шуда, мушкилоти норасоии ҷойи нишастро дар муассиса аз байн мебарад. Дар иншооти нав шароит мутобиқ ба талаботи замон оварда шудааст.

Иншооти дигари соҳаи маориф, ки аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ мавриди истифода қарор дода шуд, бинои иловагии таълимӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48 дар деҳаи Муродбахши деҳоти Истиқлол мебошад.

Дар ин бинои таълимӣ метавонанд 384 хонанда дар ду баст ба таълим фаро гирифта шаванд. Бо мавриди истифода қарор гирифтани бинои иловагии муассисаи таълимӣ хонандагон таҳсилро дар шароити замонавӣ идома хоҳанд дод.

Дар идома Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон толори варзишӣ, майдончаи варзишии болопӯшида ва маҷлисгоҳро дар деҳаи Бобосафоли деҳоти Гулшан тариқи фосилавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Иншооти нав дар доираи тадбирҳои созандагӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардида, ба ҷалби таваҷҷуҳи сокинон, бахусус, ҷавонону наврасон ба варзиш ва тарзи ҳаёти солим мусоидат хоҳад кард.

4 октябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз ифтитоҳи бинои меҳмонхонаи Эҳсон дар ноҳияи Восеъ, 20 иншооти таъиноташон гуногун, аз ҷумла, 3 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 1 кӯдакистон, 9 маркази инкишофи барвақтии кӯдакон, бинои маъмурии Корхонаи давлатии фаръии оби нушокӣ ва рафъи обҳои партов, марказҳои хидматрасонӣ ва забономӯзӣ, бинои маъмурии шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар деҳоти Миралиобод, корхонаи парандапарварӣ барои 60 ҳазор сар паранда ва истеҳсоли гӯшти мурғ, корхонаи истеҳсоли хишти Бадахшон-Тур, корхонаи истеҳсоли хишти «Шукуҳи маҳсулоти сохтмонӣ» ва 70 километр роҳи мумфаршгардидаи маҳаллиро ба таври фосилавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Бинои иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13 дар деҳоти Бобошоҳиён ҷойгир буда, дар он 960 хонанда дар ду баст ба таҳсил фаро гирифта мешавад. Муассисаи нави таълимӣ дорои 16 синфхона, аз ҷумла, 6 кабинети фаннӣ, ошхона бо 50 ҷой ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон мебошад. Иншоот бо маблағгузории Раёсати сохтмони вилояти Хатлон сохта шуда, дар он 41 омӯзгор ва 13 корманди техникӣ ба кор ҷалб гардид.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи

Ба истифода додани 20 иншоот ва 70 километр роҳҳои маҳаллӣ дар Восеъ

умумии №42, воқеъ дар деҳоти Худоёр Рачабов барои 480 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Иншоот аз ду ошёна иборат буда, дар он 8 синфхона ва ду ҳуҷраи корӣ барои омӯзгорон мавҷуд мебошад. Муассисаи наву замонавӣ аз ҷониби сокинони маҳаллӣ ва Кумитаи падару модарон дар ҳамкорӣ бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ сохта шудааст. Бо ба истифода додани иншооти нави соҳа 25 омӯзгори соҳибтахассус ва 15 корманди техникӣ ба кор ҷалб гардид.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №76 дар деҳаи Навдеҳ барои 540 хонанда дар ду баст пешбинӣ шуда, бо саҳми сокинону соҳибкорони саховатпеша бунёд гардидааст. Иншоот аз ду ошёна иборат буда, дар 9 синфхонаи наву барҳаво хонандагон ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Бо мавриди истифода қарор гирифтани муассисаи нави таълимӣ 30 нафар омӯзгор ба кор ҷалб шуд.

Иншооти дигари соҳа бинои нави кӯдакистон дар деҳаи Тосқалъа мебошад, ки аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Камол Ҳабибуллозода барои 80 кӯдак сохта шудааст. Иншоот дорои 8 синфхона, ошхона бо 40 ҷой ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон мебошад. Бо мақсади таълими дӯстрӯякон 15 парастор ба кор ҷалб гардид.

Дар 9 маркази инкишофи барвақтии кӯдакон, ки дар доираи лоиҳаи «Рушди барвақтии кӯдакон барои густариши сармояи инсонӣ дар Тоҷикистон» аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди муассисаҳои таълимӣ дар шаҳраки Ҳулбук ва деҳаҳои Мехробод, Баҳористон, Гулистон, Навобод, Анористон, инчунин, дигар маҳаллаҳо бунёд гардидаанд, барои ба таълим фаро гирифтани 325 тарбиятгиранда ва 26 ҷойи нави корӣ замина фароҳам омад.

Дар маҷмуъ, бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани муассисаҳои нави таълимӣ, корхонаҳои саноатӣ ва дигар иншоот зиёда аз 390 ҷойи нави корӣ барои сокинон муҳайё гардид.

Илова бар ин, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 540 хонанда ҷойи нишаст ва дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ барои 400 тарбиятгиранда шароит фароҳам гардид, ки ҳамаи ин нишонаи возеҳи сиёсати созанда, ғамхорӣ ва ҳидоятҳои инсондӯстонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба мардуми шарифи Тоҷикистон мебошад.

Дар шаҳри Кӯлоб 77 корхонаи саноатӣ фаъолият дорад.

ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ

Маркази таълимӣ ва забономӯзии «Ориё»

4 октябр дар идомаи сафари корӣ дар ноҳияи Восеъ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти Маркази таълимӣ ва забономӯзии «Ориё» расман оғоз бахшиданд.

Марказ бо тарҳи зебову муосир бунёд гардида, барои фароҳам овардани шароити муносиб ҷиҳати омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва аз худ намудани фанҳои дақиқ пешбинӣ шудааст. Дар он синфхонаҳои махсуси компютерӣ, химия, биология ва математика ташкил гардида, ҳар кадом бо таҷҳизоти зарурӣ ва воситаҳои муосири таълимӣ таъмин мебошанд.

Дар марказ, ҳамчунин, озмоишгоҳи муҷаҳҳаз бо дастгоҳу таҷҳизоти замонавӣ фаъолият намуда, ба хонандагон имкон медиҳад, ки донишҳои назариявии худро дар амал санҷанд ва бо усулҳои муосир ба омӯзиши фанҳои табиию дақиқ машғул шаванд.

Дар маҷмуъ, марказ барои фарогирии 168 нафар ба омӯзиши забонҳо ва фанҳои дақиқ имконият фароҳам овардааст. Ин иқдом, пеш аз ҳама, ба рушди қобилияти зеҳнӣ, васеъ гардидани ҷаҳонбинӣ ва баланд шудани сатҳи донишомӯзии насли ҷавон мусоидат хоҳад кард.

Дар муассиса китобхонаи замонавӣ низ ташкил гардида, дар он ҳудуди 6 ҳазор китоб гирд оварда шудааст. Ин ганҷинаи маърифат барои толибилмон имкони васеъ фароҳам меорад, ки дониши худро тавассути мутолиаи адабиёти таълимиву илмӣ такмил бахшанд.

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти марказ омодасозии довталабон ба имтиҳонҳои Маркази миллии тестӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф дар муассиса омӯзгорони соҳибтаҷриба ва дорои дониш малакаи зарурӣ ба кор ҷалб шудаанд.

Ҳоло дар марказ 10 омӯзгори дорои таҷрибаи баланд ба таълиму тарбияи хонандагон машғуланд. Ҳамин тавр, дар баробари фароҳам овардани шароити муносиб барои донишомӯзӣ, таъсиси марказ барои 15 нафар ҷойи кор муҳайё кардааст.

Бунёди чунин марказҳои таълимӣ дар маҳалҳо барои рушди неруи зеҳнии ҷомеа муҳим арзёбӣ гардид. Зеро дар шароити имрӯза донистани забонҳои хориҷӣ, аз худ намудани илмҳои дақиқ ва истифодаи дурусти технологияҳои муосир аз омилҳои асосии омодасозии ҷавонон ба таҳсилоти олӣ ва бозори ҷаҳонии меҳнат ба шумор меравад.

Маркази таълимӣ ва забономӯзии «Ориё» бо чунин имкониятҳо метавонад ба пойгоҳи муҳимми донишомӯзӣ барои наврасону ҷавонони ноҳия табдил ёфта, дар омодасозии довталабони соҳибдониш ва рақобатпазир саҳми назаррас гузорад.

Дар маҷмуъ, ба истифода додани ин марказ боз як қадами муҳим дар роҳи таҳкими заминаҳои таълимӣ, дастгирии ҷавонон ва фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои омӯзиши илм, забон ва технологияҳои муосир мебошад.



ИФТИТОҲИ ИНШООТИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР КӮЛОБ

5 октябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хиёбони Исмоили Сомонии шаҳри Кӯлоб муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №51 ба номи Худоёр Раҷабовро, ки баъд аз таъмиру навсозии пурра омода гардидааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Ба Саравари давлат иттилоъ дода шуд, ки муассисаи таълимӣ соли 2004 бунёд ва ба истифода дода шуда буд, вале бо гузашти вақт ба таъмиру навсозӣ ниёз пайдо намуд.

Корҳои навсозӣ бо саҳмгузории оилаи Ҷобирзодаҳо ва бо ҷалби 200 коргари маҳаллӣ дар якҷоягӣ бо Вазорати маориф ва илми кишвар дар муҳлати кутоҳ бо сифати баланд ба анҷом расонида шуд. Акнун дар муассисаи навсозишуда 2600 хонанда дар ду баст бо шароити ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ ба таҳсил фаро гирифта мешавад.

Дар муассисаи навсозишуда 93 омӯзгор ва 26 корманди техникӣ ба кор ҷалб шудаанд.

Муассиса дорои 50 синфхона, аз ҷумла, кабинетҳои фаннии муҷаҳҳаз бо аёният ва лавозимоти зарурии химия, биология, физика, география, математика, асосҳои кор бо компютер, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва ҳунаромӯзӣ барои писарону духтарон ва омодагии ҳарбӣ мебошад.

Ҳуҷраҳои кории омӯзгорон, китобхонаҳои анъанавию электронӣ, нуқтаи тиббӣ ва толори маҷлис бо 100 курсӣ ҳам ба шароити муосири таълим ва кору фаъолият мутобиқ гардонида шудааст.

Толори барҳаво ва муҷаҳҳази варзишӣ низ, ки дар муассиса навсозӣ шудааст, барои машқу тамрини футбол, волейбол, баскетбол, тенниси рӯйи миз, шоҳмот ва умуман, ба тарғибу ташаккули тарзи ҳаёти солим ва обутоб ёфтани хонандагон мусоидат мекунад. Майдончаи варзишии таъмиргардида ҳам аз бартариҳои дигари мактаб дар самти рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аст.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ба сатҳу сифати корҳо баҳои баланд дода, ба соҳибкороне, ки дар ободонӣ ва навсозии мактаб саҳм гузоштаанд, изҳори сипос намуданд. Ин иқдомро намунаи равшани саҳмгузории соҳибкорон дар рушди соҳаи маориф ва ободонии Ватан арзёбӣ карданд.

Зикр гардид, ки бо фароҳам гардидани шароити мусоиди таълиму тарбия бояд дар мадди аввал сифати таҳсилот ва дониш гузошта шавад.

Навсозии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №51 ба номи Худоёр Раҷабов дар рӯзҳои таҷлил аз ҷашни умумимиллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қадами муҳим дар самти фароҳам овардани шароити муносиб барои таълиму тарбияи насли наврас ва таҳкими заминаи моддию техникии соҳаи маориф ба шумор меравад.

***

5 октябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Кӯлоб 10 иншооти соҳаи маорифро ба таври фосилавӣ мавриди истифода қарор доданд.

Аз ҷумла, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи Асадулло Қурбонов бинои нави филиали муассисаи давлатии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифро ифтитоҳ намуданд.

Ба Саравари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки бинои наву замонавии филиал аз шаш ошёна ва таҳхона иборат буда, бо дарназардошти талаботи муосири таълимӣ бунёд гардидааст. Дар он барои баргузории машғулиятҳои назариявию амалӣ, курсҳои такмили ихтисос, семинарҳо, ҳамоишҳои илмӣ ва дигар чорабиниҳои таълимию методӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар ҳамин ҷо аз ҷониби Саравари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47, воқеъ дар деҳаи Гулистони деҳоти Зарбдор ба таври фосилавӣ ифтитоҳ гардид.

Муассисаи нави таълимӣ дар заминаи корҳои ободонию созандагӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот бунёд гардидааст. Муассиса дорои 21 синфхона ва кабинетҳои фаннӣ буда, барои ба таҳсил фаро гирифтани 1000 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст.

Ҳамчунин, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №26-и деҳаи Сари Ҷари деҳоти Даҳанаро ба истифода доданд.

Муассисаи нави таълимӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардида, ба фароҳам овардани шароити муосири таълиму тарбия ва фарогирии бештари кӯдакону наврасон ба таҳсил нигаронда шудааст.

Ба Саравари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар муассиса 40 омӯзгор ба фаъолияти таълимию тарбиявӣ ҷалб гардида, барои таҳсили 600 хонанда дар ду баст имкониятҳои зарурӣ муҳайё мебошанд.

Дар идома Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои иловагии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №27-и деҳаи Файзободи Болои деҳоти Зарбдорро ба истифода доданд.

Бино аз 10 синфхонаи барҳаво иборат буда, барои дар ду баст ба таҳсил фаро гирифтани 480 хонанда пешбинӣ шудааст.

Ба истифода додани бинои иловагӣ боис мешавад, ки имкониятҳои муассиса барои қабули хонандагон зиёд гардида, раванди таълим дар шароити муносиб ба роҳ монда шавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Пистамазори деҳоти Зиракӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №33-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Синфхонаҳо бо дарназардошти талаботи муосири соҳаи маориф бунёд гардида, барои беҳтар намудани шароити таълим ва ташкили самараноки раванди дарсҳо мусоидат мекунанд.

Мактаб дар ду баст барои 600 хонанда пешбинӣ шудааст. Дар ин ҷо 22 омӯзгор ба таълиму тарбияи насли наврас машғуланд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Зиракии деҳоти Зиракӣ ба таври фосилавӣ бинои иловагии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13-ро ба истифода доданд.

Бинои нави таълимӣ аз 10 синфхона иборат буда, барои дар ду баст ба таҳсил фаро гирифтани 480 хонанда пешбинӣ шудааст.

Ҳоло дар муассисаи қаблӣ ва синфхонаҳои иловагӣ дар ду баст, дар маҷмуъ, 796 хонанда ба таҳсил фаро гирифта шуда, ба таълиму тарбияи онҳо 63 омӯзгор машғул мебошанд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и шаҳри Кӯлобро ба истифода доданд.

Сохтмони синфхонаҳои иловагӣ ба хотири фароҳам овардани шароити муносиб барои таълим ва зиёд намудани имкониятҳои муассиса амалӣ гардидааст.

Синфхонаҳои нав бо дарназардошти талаботи муассиса бунёд гардида, барои ба роҳ мондани дарсҳо дар муҳити муносиб ва истифодаи самараноки имкониятҳои таълимӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар муассиса 12 омӯзгор ба таълиму тарбияи хонандагон машғул мебошанд.

Дар идома Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хобгоҳи мактаб-интернати №1 барои кӯдакони ятим дар деҳаи Лағмони шаҳри Кӯлобро ба таври фосилавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Корҳои сохтмонӣ дар хобгоҳи мактаб-интернати №1-и шаҳри Кӯлоб соли 2025 бо иқдоми созандаи академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ӯлмас Мирсаидов ва дастгирии соҳибкорони ватандӯст Аюбҷон Маҳмадов ва Мирсаид Мирсаидов оғоз гардида, он дар доираи тадбирҳои ободонӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рияоти талаботи муосири меъморӣ ва инфрасохтори замонавӣ бунёд гардидааст.

Ба Пешвои миллат иттилоъ дода шуд, ки бинои нави хобгоҳ хуштарҳу барҳаво буда, бо 14 ҳуҷраи хоб, 160 кат, 2 толори васеъ барои бозӣ ва машғулиятҳои инкишофдиҳанда, 5 утоқи корӣ ва бахшҳои ёрирасон барои зиндагии хуби ятимону кӯдакони имконияташон маҳдуд шароити мусоиди зист ва таҳсил фароҳам гардида, иншоот бо низоми эҳтиётии барқ дар асоси неруи офтобӣ таъмин карда шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Зарбдори деҳоти Зарбдори шаҳри Кӯлоб муассисаи таҳсилоти томактабии «Бобуна»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки сохтмони муассисаи таҳсилоти томактабии «Бобуна» соли 2021 оғоз ёфта, барои фарогирии 200 кӯдак бо таълиму тарбия пешбинӣ гардидааст.

Муассисаи таълимии мазкур дорои 86 ҳуҷраҳои корӣ, таълимӣ, хобгоҳ, утоқҳои ёрирасон ва 2 ҳавзи шиноварии алоҳида барои духтарон ва писарон буда, дар 10 гурӯҳи кӯдакон мукаммал сохтани маҳорат, ҳозирҷавобӣ, ҳушёриву зиракӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва рушди дигар сифатҳои ақливу зеҳнӣ дар сатҳи баланд ба роҳ монда шудаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи Асадулло Қурбонови шаҳри Кӯлоб муассисаи таҳсилоти томактабии «Дурахшон»-ро ба таври фосилавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки муассисаи томактабии «Дурахшон» барои 300 кӯдак пешбинӣ шуда, дар он тамоми шароити муосири таълиму тарбия барои 15 гурӯҳ, толори варзишӣ, ошхона, бунгоҳи тиббӣ, ҳавзҳои шиноварӣ, системаи гармидиҳии муосир, майдончаи бозии кӯдакона ва суҳбаткадаҳо муҳайё гардидааст.

Бо мавриди истифода қарор додани муассисаи таҳсилоти томактабии «Дурахшон» дар маҳаллаи Асадулло Қурбонови шаҳри Кӯлоб 120 сокини маҳаллӣ бо кор таъмин гардиданд.

Ифтитоҳи фосилавии 10 иншооти соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб туҳфаи арзишманди Пешвои миллат ба аҳли маориф дар рӯзҳои таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардид.

www.president.tj

Дар Конфронси C5+1 SI дар шаҳри Остонаи Қазоқистон дастовардҳои Тоҷикистон дар самти рушди зеҳни сунъӣ муаррифӣ гардид.

АРҶГУЗОРӢ

Таҷлили бошукӯҳи Рӯзи омӯзгорон



3 октябри соли 2026 дар шаҳри Душанбе чорабинии тантанавӣ бахшида ба Рӯзи омӯзгорон баргузор гардид. Дар чорабинӣ муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ, вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода, муовинони вазири маориф ва илм, собиқадорони соҳа, намояндагони дигар вазорату идораҳо ва омӯзгорону мураббиён иштирок намуданд.

Вазири маориф ва илм чорабиниро оғоз намуда, ҳозирин ва дар симои онҳо тамоми омӯзгорони кишварро ба муносибати Рӯзи омӯзгорон самимона табрику таҳният гуфта, зимни суханронӣ аз нақши арзанда ва заҳматҳои содиқонаи омӯзгорон дар таълиму тарбияи насли наврас, баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва рушди соҳаи маориф ёдовар шуда, ба омӯзгорону мураббиён барои фаъолияти пурсамар ва саҳми арзандаашон дар пешрафти ҷомеа изҳори сипос намуд.



Сипас, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ироаи Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи омӯзгорон чорабиниро идома дод. Мавсуф дар суханронӣ аз номи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзгорону мураббиёнро ба муносибати иди касбиашон самимона табрику таҳният гуфта, барои хидмати содиқона, заҳмати созанда ва саҳми арзандаашон дар рушди соҳаи маориф ва тарбияи насли наврас арзи сипос намуд. Таъкид гардид, ки омӯзгорон ҳамчун тарбиятгарони насли нав дар таҳкими маърифату фарҳанг, худшиносии миллӣ, рушди неруи инсонӣ ва бунёди оянда дурахшони кишвар нақши муҳим доранд.

Гуфта шуд, ки барои дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии омӯзгорон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои назаррасро амалӣ намуда, рушди соҳаи маорифро дар маркази сиёсати давлатӣ қарор додааст. Омӯзгорон дар ташаккул ва рушди маърифати аҳли ҷомеа вазифаи басо муҳимми таърихӣ дошта, Ҳукумати кишвар талош мекунад, ки барои фаъолияти онҳо тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Дар идомаи чорабинӣ ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявии «Мураббии соли Тоҷикистон» ва «Омӯзгори соли Тоҷикистон» эълон ва бо мукофотҳои пулӣ, дипломҳои фахрӣ ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ шуданд. Ҳамчунин, як қатор собиқадорони соҳа бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуданд.

Қисмати фарҳангии чорабинӣ бо иштироки ҳунармандони шинохтаи кишвар баргузор шуд. Барнома бо иҷрои сурудҳо ва рақсу навоҳои миллӣ хотири иштирокчиёнро болида гардонид ва фазои идонаро тақвият бахшид.

***

ДИЛРАБОИ ҲОТАМШО - МУРАББИИ СОЛИ ТОҶИКИСТОН – 2026

3 октябри соли 2026 зимни таҷлили Рӯзи омӯзгорон маросими расмии ҷоизасупории ғолибони озмуни ҷумҳуриявии



«Мураббии соли Тоҷикистон – 2026» баргузор гардид.

Озмуни мазкур бо ҳадафи ҷалби мураббиёни боистеъдод, эҷодкор ва кордон, инчунин, ҳавасмандсозӣ ва дастгирии фаъолияти онҳо дар самти таълиму тарбия роҳандозӣ шуда, беҳтарин мураббиён аз муассисаҳои томактабӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ муайян гардиданд.

Соли равон, дар даври ниҳоии озмун панҷ мураббии беҳтарин аз минтақаҳои гуногуни кишвар ширкат варзиданд. Аз миёни онҳо Дилрабои Ҳотамшо – мураббияи муассисаи таълимии томактабии №7 «Булбулакон»-и шаҳри Бохтари вилояти Хатлон сазовори Ҷоми ғолиб, Диплом ва мукофоти пулии озмун ба маблағи 10 000 сомонӣ гардид.

Ҳамзамон, дигар иштирокчиёни фаъолу боистеъдод бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» ва туҳфаҳои махсус қадрдонӣ шуданд.

***

ШАРИФ ШАРИФЗОДА - ОМӮЗГОРИ СОЛИ ТОҶИКИСТОН – 2026

3 октябри соли 2026, зимни таҷлили Рӯзи омӯзгорон маросими расмии ҷоизасупории ғолибони озмуни ҷумҳуриявии «Омӯзгори соли Тоҷикистон – 2026» баргузор гардид.

Озмуни мазкур бо мақсади таҳкими сатҳу сифати таълим, дастгирии омӯзгорони соҳибистеъдод ва эҷодкор, инчунин, баланд бардоштани мақому ҷойгоҳи касби омӯзгорӣ баргузор гардида, ҳамасола миқёси иштирок ва сатҳи касбии довталабонро тавсеа мебахшад.

Дар натиҷаи ҷамъбасти озмун Шарифзода Шариф - омӯзгори гимназияи №2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе ғолиби озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон – 2026» эълон гардида, бо Ҷоми озмун, Диплом ва мукофоти пулӣ ба маблағи 30 000 сомонӣ сарфароз гардонида шуд.

Ҳамзамон, дигар иштирокчиёни фаъолу боистеъдод бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» ва туҳфаҳои махсус қадрдонӣ шуданд.

ШОДБОШӢ

ОМӮЗГОРОН РАВШАНГАРОНИ ИМРӮЗУ ФАРДОИ МИЛЛАТАНД

ПАЁМИ ТАБРИКИИ ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН РАҲИМ САИДЗОДА БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ОМӮЗГОРОН



Ҳамватанони азиз!

Омӯзгорон ва шогирдони арҷманд!

Дар кишвари маҳбуби мо омӯзгорон мақому мартабаи баланд доранд ва аз ин ҷост, ки дар радифи тадбирҳои дигари ифодагари иззату эҳтиром ба онҳо ҳар сол рӯзи якшанбеи аввали моҳи октябр ҳамчун Рӯзи омӯзгорон таҷлил мешавад ва ин ҷашн пайваста бонуфузтару фарогиртар гардида, ҳамакнун, ба ҷашни ҳамагонӣ дар ҷумҳурии азизамон табдил ёфтааст.

Воқеан, омӯзгорон машъалафрӯзони ҷомеаанд, бо нури дониш хирад имрӯзу фардои миллатро равшанӣ мебахшанд ва ҳамвора ба он мекӯшанд, ки парчами илму маърифат ҳамеша парафшон бошад. Аҳли хирад барҳақ омӯзгорро ба офтобе мушобеҳ донистаанд, ки ба олам бо камоли ҳиммату саховат гармию хуррамӣ эҳдо мекунад, ҷаҳонро мунаввару пурнур месозад. Ҳикмати зер низ далели мақоми волои омӯзгор мебошад:

Беҳин фарди ҷаҳон омӯзгор аст,
Аз ӯ сарсабзу хуррам рӯзгор аст.

Ба шарофати соҳибистиқлол гаштани ҷумҳуриамон ва дар заминаи сиёсати хирадмандонаю маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маориф дар мамлакатамон соҳаи имтиёзнок эълон гардид ва омӯзгор ҳамчун бузургтарин сарвати маънавии миллату раҳнамои соҳибхиради насли наврас шинохтаю эътироф шуд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба омӯзгорон эҳтироми самимӣ ва таваҷҷуҳи ҳамешагӣ доранд ва пайваста таъкид мекунанд, ки омӯзгор симои меҳварии ҷомеа буда, тақдири имрӯзу фардои миллат ба фаъолияти ӯ ҳамбастагии устувор дорад. Дар оғози соли таҳсили равон зимни суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ, ки дар муассисаи таълимии №105-и пойтахт баргузор гашт, Сарвари кишвар боз ҳам ба нақши бузургу тақдирсози омӯзгорон дар пешрафту шукуфоӣ ва ободонии Ватани азизамон таъкид карда, аз ҷумла, иброз дошта нд: «Бо қаноатмандию ифтихор мехоҳам иброз намоям, ки заҳмати омӯзгорон ва аҳли маорифи кишвар дар роҳи тақвияти Истиқлоли давлатӣ, тарғиби ғояҳои давлатдории миллӣ, раҳнамоӣ кардани мардум ба таҳкими сулҳу ваҳдат ва таълиму тарбияи шоистаи насли даврони истиқлол бисёр назаррас ва шоистаи таҳсину қадрдонӣ мебошад».

Боиси шарафмандист, ки аҳли маориф 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии ҷумҳуриро бо туҳфаҳои арзанда истиқбол гирифтанд ва дар таҷлили ин ҷашни бошукӯҳу ифтихории Ватан хеле фаъолона ширкат варзиданд.

Маҳз бо дастуру ибтикори Пешвои миллат, бо ҳадафи боз ҳам боло бурдани обрӯю эҳтиром ва мақому манзалати омӯзгор дар ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо Қонун «Дар бораи мақоми омӯзгор» қабул гардид, ки дар ҳақиқат, марҳалаи наверо дар ҳаёт ва фаъолияти аҳли таълиму тарбия ифтитоҳ бахшид.

Дар даврони Истиқлоли давлатӣ дар Ватани маҳбубамон барои фаъолияти бавусъату босамари аҳли маориф шароити созгор ва имконоти васеъ фароҳам оварда шудааст. Имрӯз устодони мо дар таълимгоҳҳои муҳташами замонавӣ ва муҷаҳҳаз бо технологияҳои зарурии муосир ба таълиму тарбияи шоистаи насли наврас машғуланд ва бо дастуру раҳнамоҳои таълимию методӣ комилан таъмин мебошанд.

Ба шарофати фаъолияти фарогиру ҳадафмандонаи омӯзгорон сатҳу сифати таҳсилот дар тамоми муассисаҳои таълимии мамлакат давра ба давра беҳтар мешавад ва шогирдони мо дар баробари омӯзиши ҳамарӯза, дар озмуну сабқатҳои ватанию хориҷӣ ба пирӯзиҳо ноил мегарданд. Иштироки теъдоди бузурги хонандагон дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Шоҳномахонӣ» бозгӯи дигари фаъолияти босамари омӯзгорони шарафманди мо мебошад.

Омӯзгорони кишвар дар корҳои ҷамъиятии ҷумҳурӣ, таҳкими пояҳои давлату давлатдории миллӣ ва дар тарғиби ғояҳои олии ватандӯстию сулҳу ваҳдатпарастӣ ширкати ҳамешагию фаъол доранд. Ба ин гуна, аҳли маориф дар татбиқи сиёсати хирадбунёду маърифатгароёнаи Пешвои миллат ҳиссаи сазовору файзбор мегузоранд. Бовар дорам, ки аз ин лиҳоз корномаи шарафмандонаи устодони сарбаланди мо минбаъд боз ҳам вусъат хоҳад ёфт.

Ба ифтихори фархундаҷашни Рӯзи омӯзгорон тамоми устодону омӯзгорони муҳтарам ва алоқамандони соҳаи маориф, ҳамчунин, кулли мардуми шарафманди диёри арҷмандамонро самимона табрик мегӯям.

Ба аҳли таълиму тарбия пирӯзию комёбиҳои навин ва идомаи фаъолияти самарбор таманно дорам.

Рӯзи омӯзгорон муборак!

Китоби нави Шоири халқии Тоҷикистон Давлат Сафар «Достони худшиносӣ» рӯнамоӣ гардид.

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

3 октябри соли 2026 вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар мулоқот намуд.

Дар оғози мулоқот вазири маориф ва илм роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ба муносибати Рӯзи омӯзгорон самимона табрик намуда, ба онҳо дар фаъолияти таълимиву тарбиявӣ, илмӣ ва роҳбарӣ муваффақиятҳо орзу намуд.

Қадрдонии роҳбарони мактабҳои олӣ

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни мулоқот таъкид намуд, ки таҳти роҳбарӣ ва сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ пайваста рушд намуда, барои пешрафти илму маориф, баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ва омода намудани насли соҳибмаърифату соҳибкасб тадбирҳои муҳим амалӣ гардида истодаанд.

Дар ин замина, таъкид гардид, ки ҳар як роҳбар ва масъули соҳаи маориф бояд бо эҳсоси баланди масъулиятшиносӣ, садоқат ба касбу вазифа ва дарки амиқи рисолати худ дар татбиқи ҳадафҳои созандаи давлат саҳми арзандаи худро гузорад, зеро рушди соҳаи маориф ва сатҳи омодагии мутахассисон бевосита ба рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар, таҳкими иқтидори зеҳнии ҷомеа ва ояндаи давлат вобастагии амиқ дорад.

Вазир зикр намуд, ки роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд минбаъд низ тамоми иқтидор ва имконоти мавҷударо барои такмили фаъолияти муассисаҳо, баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди илми соҳавӣ, таҳкими заминаҳои моддию техникӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои донишандӯзии ҷавонон сафарбар намоянд.

Ҳамзамон, таъкид гардид, ки имрӯз дар назди ҳар як корманди соҳаи маориф, аз ҷумла, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, вазифаи муҳим, бо меҳнати софдилона, фаъолияти самаранок ва истифодаи дурусти имконоти фароҳамовардаи давлат дар ободиву пешрафти Ватани азиз саҳми муносиб гузоштан қарор дорад. Ҳар як дастоварди омӯзгор, олим, донишҷӯ ва хатмкардаи муассисаи таҳсилоти олӣ метавонад ба муаррифии бештари Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибмаърифат, дорои неруи зеҳнии қавӣ ва ҷавонони соҳибистеъдод дар арсаи байналмилалӣ мусоидат намояд.

Дар фарҷоми мулоқот бо мақсади қадрдонӣ аз фаъолияти самаранок ва саҳми арзандаи роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар рушди соҳаи маориф, таълиму тарбияи мутахассисони соҳибкасб, инчунин, дар сатҳи баланд баргузор намудани чорабиниҳои бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини иштироки фаъолонаи устодону донишҷӯён дар роҳпаймоии осоишта, ба роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдим гардид.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода зимни сафари корӣ ба ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар доираи Рӯзи омӯзгорон бо мақсади шиносоӣ аз ҳолу аҳвол ва қадршиносӣ ба аёдати як қатор омӯзгорони собиқадор рафт. Аз ҷумла, вазири маориф ва илм аз ҳолу аҳволи собиқадори соҳаи маориф Шоҳ Назаров дидан намуд. Номбурда 13 октябри соли 1942 ба дунё омада, соҳиби таҳсилоти олӣ буда, ихтисосаш омӯзгори математика мебошад.

Шоҳ Назаров фаъолияти меҳнатии худро соли 1960 ба ҳайси омӯзгори фанни математика оғоз намуда, солҳои тӯлонӣ дар мактабҳои ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба ҳайси омӯзгор, директор ва муовини мудири шуъбаи маориф фаъолият кардааст. Аз соли 1994 то соли 1996 мудири шуъбаи маорифи ноҳия буд ва баъдан то ба нафақа баромадан фаъолияти омӯзгории худро идома додааст.

Дар идома вазир омӯзгори собиқадор Шарофат Маҳмудоваро аёдат намуд. Номбурда 30 июни соли 1953 дар шаҳри Кӯлоб таваллуд шуда, соли 1973 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакиро хатм кардааст. Шарофат Маҳмудова фаъолияти меҳнатии худро соли 1973 оғоз намуда, то 1 августи соли 2025 ҳамчун омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ кор кардааст. Давоми беш аз 50 соли фаъолияти омӯзгорӣ дар таълиму тарбияи насли наврас саҳми арзанда гузоштааст.

Аёдати собиқадорон дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ



Зимни аёдат вазири маориф ва илм бо собиқадорони соҳа суҳбати самимӣ анҷом дода, дар бораи дастгириҳои рӯзафзуни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушди соҳаи маориф ва баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгор дар ҷомеа ёдовар шуд.

Таъкид гардид, ки дар заминаи сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат пайваста рушд намуда, барои фаъолияти самараноки омӯзгорон ва таълиму тарбияи насли наврас шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Вазир саҳми собиқадорони соҳаи маорифро дар рушди соҳа ва тарбияи насли наврас баланд арзёбӣ намуда, таҷрибаи бисёрсолаи онҳоро мактаби бузурги касбӣ барои насли ҷавони омӯзгорон арзёбӣ кард.

Собиқадорони соҳа дар навбати худ аз таваҷҷуҳ ва ғамхории роҳбарияти Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба соҳаи маориф ва омӯзгорон изҳори миннатдорӣ намуда, таъкид карданд, ки рушди соҳа ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти омӯзгорон натиҷаи дастгириву таваҷҷуҳи пайвастаи Пешвои муаззами миллат мебошад.

Ҳамзамон, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гимназияи давлатии №1-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо омӯзгорони муассиса мулоқот анҷом дод.

Зимни мулоқот вазир бо омӯзгорон дар бораи шароиту имкониятҳои фароҳамовардаи Давлату Ҳукумат барои фаъолияти самараноки онҳо, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва сатҳи дониши хонандагон суҳбат намуд.

Таъкид гардид, ки омӯзгоронро зарур аст аз имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода намуда, бо дарки масъулияти касбӣ барои баланд бардоштани савияи дониш, ҷаҳонбинӣ ва маърифати хонандагон тамоми кӯшиши худро равона созанд.

Дар рафти мулоқот вазири маориф ва илм ба омӯзгори фанни забони англисии гимназияи давлатии №1-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Қурбонбӣ Шукурова барои фаъолияти самаранок ва саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илмро супорид.

Вазир таъкид намуд, ки дар шароити рушди муносибатҳои байналмилалӣ омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, забони англисӣ аҳаммияти муҳим дошта, омӯзгоронро зарур аст, бо истифода аз усулҳои муосири таълим барои баланд бардоштани сатҳи забондонии хонандагон ва омода намудани насли рақобатпазир саҳми арзанда гузоранд.

Ҳамзамон, таъкид гардид, ки таҷрибаи омӯзгорони соҳибтаҷриба ва фаъолияти омӯзгорони ҷавону фаъол бояд ба ҳам пайваста, дар заминаи он барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва рушди минбаъдаи соҳаи маориф тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда шаванд.

Ҷаласаи ситоди даври сеюми озмуни ҷумҳуриявӣ

6 октябри соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи кории ҳайати комиссияи ҷумҳуриявии озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор гардид, ки ба масъалаҳои ҷамъбасти ду даври озмун ва омодагӣ ба баргузории даври сеюм бахшида шуд.

Дар ҷаласа муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, котиби комиссияи ҷумҳуриявии озмун Равшан Каримзода, аъзои комиссия, масъулони соҳаи маориф дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ҳайати ҳакамон ва дигар масъулон тариқи ҳузурӣ ва маҷозӣ иштирок намуданд.

Зимни ҷаласа масъалаҳои ҷамъбасти даври якум ва дуюми озмун дар соли 2026, омодагӣ ба баргузории даври сеюм, тасдиқи ҷадвали рӯзҳои баргузории даври сеюм ва ҳайати ҳакамон, инчунин, масъалаҳои марбут ба ҳуҷҷатгузорӣ, назорат ва таъмини шаффофияти раванди озмун баррасӣ гардиданд.

Муовини вазири маориф ва илм зимни пешниҳоди ҳисобот оид ба натиҷаҳои ду даври озмун ва омодагӣ ба даври сеюм таъкид намуд, ки озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» бо иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2019 баргузор гардида, ба яке аз иқдомҳои муҳимми фарҳангиву маърифатӣ дар кишвар табдил ёфтааст.

Зикр гардид, ки ҳадафи асосии озмун баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти истеъдодҳои нав, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳӣ ва рушди ҷаҳони маънавии аҳолӣ, бахусус, наврасону ҷавонон мебошад.

Таъкид шуд, ки дар соли 2026 ду даври озмун баргузор гардида, дар даври якум 368 ҳазору 291 нафар иштирок намуданд. Аз ин шумора 311 ҳазору 501 нафар хонандаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, 41 ҳазору 209 нафар хонандаву донишҷӯи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва 15 ҳазору 581 нафар омӯзгор, аспирант ва намояндаи дигар қишрҳои ҷомеа мебошанд.

Шумораи иштирокчиёни даври якуми озмун нисбат ба соли гузашта 16 ҳазору 249 нафар зиёд буда, дар соли 2025 ин нишондиҳанда 352 ҳазору 42 нафарро ташкил дода буд.

Дар даври дуюми озмун 75 ҳазору 795 нафар довталаб дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар иштирок намуданд. Аз ин шумора 64 ҳазору 276 нафар хонандаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, 5 ҳазору 112 нафар донишҷӯ, 770 нафар магистранту аспирант, 4 ҳазору 628 нафар омӯзгор ва 1 ҳазору 9 нафар намояндаи дигар қишрҳои ҷомеа мебошанд.

Дар даври сеюми озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» 4 ҳазору 484 нафар довталаб иштирок менамоянд. Аз ин шумора 3 ҳазору 584 нафар хонандаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, 373 нафар донишҷӯ, 38 нафар магистранту аспирант, 385 нафар омӯзгор ва 104 нафар намояндаи дигар қишрҳои ҷомеа мебошанд. Шумораи занону духтарон дар ин давр 3 ҳазору 625 нафарро ташкил медиҳад.

Дар ҷаласа таъкид гардид, ки даври сеюми озмун тибқи талаботи Низомнома дар марказҳои илмию фарҳангии шаҳри Душанбе ва вилоятҳо баргузор гардида, аз 7 октябри соли 2026 дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Хатлон, Суғд, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳри Ҳисор оғоз меёбад.

Муовини вазири маориф ва илм таваҷҷуҳи аъзои комиссия, ҳайати ҳакамон ва масъулони баргузории озмунро ба масъалаи таъмини шаффофият ва баҳогузории одилонаи довталабон ҷалб намуд. Таъкид шуд, ки ба ҳар як иштирокчӣ бояд танҳо дар доираи талаботи Низомномаи озмун баҳо дода шуда, натиҷаи меҳнати довталабон холисона ва воқеъбинона арзёбӣ гардад.

Дар ҷаласа, ҳамчунин, масъалаи иштироки тоҷикону форсизабонони бурунмарзӣ дар озмун баррасӣ гардида, зикр шуд, ки барои иштироки онҳо тариқи маҷозӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Бо ин мақсад дар назди Вазорати маориф ва илм комиссияи баҳодиҳӣ ташкил шуда, тартиби иштирок ва ҳуҷҷатҳои марбут ба озмун дар сомонаи вазорат ҷойгир карда шудаанд.

Дар фарҷоми ҷаласа масъулин вазифадор гардиданд, ки ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ баргузор намудани даври сеюми озмун, риояи талаботи Низомнома, таъмини шаффофияти раванди баҳогузорӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки довталабон тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд.

Маркази матбуоти
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таҳти унвони «Зеҳни сунъӣ: эътимод, амният ва рушд: аз ташаббуси байналмилалии Тоҷикистон ба платформаи глобалии ҳамкорӣ» конференсия доир шуд.

Илм чу донӣ, зи амал сар мапеч,
Дониши бекор наарзад ба ҳеҷ.
Абдураҳмони Ҷомӣ

РАҚАМИКУНОНИИ СОҲАИ МАОРИФ

Низоми биллингӣ – омили таъмини шаффофият дар пардохти маблағҳо

Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ дигар наметавон равандҳои муҳимми иҷтимоиро бо усулҳои куҳна пеш бурд. Имрӯз рақамикунонӣ талаботи воқеии идоракунии самаранок, шаффоф ва масъулиятнок аст.

Соҳаи маориф низ аз ин раванд истисно нест. Гузариш ба пардохтҳои ғайринақдӣ, рақамикунонии ҳисобдорӣ ва таҳкими назорати молиявӣ аз ҷумлаи самтҳое мебошанд, ки дар солҳои охир бештар ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир мешавад.

Дар ҳамин замина, «Барномаи биллингӣ» барои пардохти иҷораи китобҳои дарсӣ таҳия ва соли 2024 мавриди истифода қарор гирифт. Низоми мазкур ҳоло дар муассисаҳои таълимии шаҳрҳои Душанбею Ҳисор ва ноҳияи Шаҳринав татбиқ шуда, тибқи нақша, аз соли таҳсили 2026-2027 бояд дар тамоми муассисаҳои таълимии кишвар ҷорӣ гардад.

Чаро биллинг зарур шуд?

Пеш аз ҷорӣ шудани низоми биллингӣ пардохти иҷораи китобҳои дарсӣ асосан ба таври нақдӣ сурат мегирифт. Ин усул мушкилоти худро низ дошт, аз ҷумла, дар баъзе ҳолатҳо шаффофияти маблағгузорӣ таъмин намешуд, ҳуҷҷатгузорӣ ба таври зарурӣ пеш намерафт ва назорати марказонидашудаи гардиши китобу маблағҳо душвор буд.

Ҳатто ҳолатҳое вуҷуд дошт, ки аз волидайн маблағи бештар аз нархи муқарраргардидаи китоб талаб мешуд. Масалан, агар арзиши иҷораи китоб 5 сомонию 36 дирам бошад, эҳтимоли талаб кардани 6 сомонӣ вуҷуд дошт. Дар низоми рақамӣ чунин амал имконпазир нест, зеро система маблағи дақиқи муқарраршударо ҳисоб мекунад.

Масъалаи дигар, қарзҳои ҷамъшудаи муассисаҳои таълимӣ барои китобҳои иҷора буд. Дар баъзе ҳолатҳо маблағҳои ҷамъовардашуда дуруст ҳисобу китоб намешуданд ё пурра ба ҳисоб ворид намегардиданд.

Аз ин рӯ, зарурати ташкили низоме ба миён омад, ки ҳам пардохтро ба тартиб дарорад, ҳам ҳаракати китобҳоро назорат кунад ва ҳам барои роҳбарияти соҳаи маориф имкони мониторинги воқеиро фароҳам оварад.

Бартарии асосии низоми биллингӣ дар шаффофияти он аст. Ҳар як пардохт дар система сабт мешавад: кӣ пардохт кардааст, кай пардохт кардааст ва чӣ қадар маблағ ворид шудааст.

Дар чунин шароит маблағ «даст ба даст» намегузарад. Пардохт мустақиман ба суратҳисоби дахлдор ворид шуда, маълумоти он дар низом нигоҳ дошта мешавад.

Ин раванд барои коҳиш додани хавфҳои коррупсионӣ низ аҳаммияти муҳим дорад. Вақте ки муомилоти нақдӣ аз байн меравад ва ҳар амалиёти молиявӣ изи рақамӣ мегузорад, пинҳон кардан ё истифодаи ғайримақсадноки маблағҳо имконнопазир мегардад.

Аз ҷониби дигар, масъулони Вазорати маориф ва илм метавонанд вазъи пардохтҳоро ба таври онлайн назорат кунанд. Масалан, муайян кардани он ки дар кадом ноҳия ё муассиса чӣ қадар маблағ ҷамъ шудааст, чанд нафар қарздор аст ва раванди пардохт бо кадом суръат пеш меравад, бе зарурати ҷамъоварии ҳисоботи коғазӣ имконпазир мегардад.

Биллинг чӣ гуна кор мекунад?

«Барномаи биллингӣ», дар асл, низоми ягонаи рақамии идоракунии маълумот ва ҳисоббаробаркунӣ мебошад. Дар он бахшҳои дархости китобҳо, анбор, китобхона, пардохтҳо, маълумотномаҳо ва муассисаҳо пешбинӣ шудаанд.

Барои фаъолияти дурусти система аввал маълумоти китобҳо - номи китоб, муаллиф, фан, соли нашр, соли воридшавӣ ба китобхона, нарх ва теъдод ворид карда мешавад. Сипас маълумоти хонандагон сабт мегардад. Маълумоти вобаста ба гирифтани китоб, баргардонидани он ва пардохти иҷора низ дар система инъикос меёбад.

Ба ҳар хонанда ID-и мушаххас дода мешавад. Ҳамин тавр, ҳаракати китоб ва маблағи вобаста ба иҷораи он дар як низоми ягона ба қайд гирифта мешавад.

Дар ин раванд нақши китобдор муҳим аст. Маҳз ӯ бояд маълумотро сари вақт ва дуруст ворид намуда, онро мунтазам навсозӣ кунад.

Рақамикунонии китобхона вазифаи китобдорро низ тағйир медиҳад. Агар пештар ӯ асосан



бо қабулу супоридани китоб, нигоҳдории фонд ва кор бо хонандагон машғул бошад, имрӯз аз ӯ донистани технологияҳои рақамӣ, кор бо маълумот ва рияои дақиқи тартиби ҳисобдорӣ низ талаб карда мешавад.

Дар баробари зиёд шудани масъулият, ҳавасмандгардонӣ низ пешбинӣ шудааст. Аз маблағҳои гардишӣ қисми муайян ҳамчун ҳаққи китобдор ҷудо мешавад. Ҳамчунин, имконият мавҷуд аст, ки як қисми маблағ барои ғанӣ гардонидани фонди китобхона ва харидории адабиёти зарурӣ истифода шавад.

Пардохт аз хона

Ҳамгироии «Барномаи биллингӣ» бо барномаи «Амонат-мобайл» имконияти дигареро фароҳам овардааст: волидайн метавонанд маблағи иҷораи китобро бе ҳозир шудан ба муассиса ва дар вақти мувофиқ пардохт кунанд.

Албатта, барои истифодаи васеи чунин хидматрасониҳо баланд бардоштани саводи рақамии аҳолӣ низ зарур аст. Баъзе шаҳрвандон ҳанӯз ба усулҳои анъанавии пардохт одат кардаанд. Аммо бо густариши технологияҳо эҳтимол дорад, ки хидматрасониҳои рақамӣ тадриҷан ба як қисми одии ҳаёти рӯзмарра табдил ёбанд.

Яке аз масъалаҳои муҳим қарзҳои солҳои гузашта мебошад. Низоми нави биллингӣ онҳоро ба таври автоматӣ ворид намекунад, зеро ин қарзҳо пеш аз таъсиси базаи нави электронӣ ба ҳисоб меравад.

Барои бартараф намудани онҳо механизми дигар пешбинӣ шудааст. Маблағҳои аз гардиши китобҳои солҳои чорум ва панҷум ҷамъовардашуда метавонанд барои пӯшонидани қарзҳои пешина равона шаванд.

Ин усул имкон медиҳад, ки қарзҳо тадриҷан кам шуда, ҳамзамон, ба низоми нави ҳисобдорӣ маълумоти нопурра ва эҳтимолан нодурусти солҳои гузашта ворид карда нашавад.

Имтиёз барои ниёзмандон

Дар баробари назорати молиявӣ, масъалаи дастгирии гурӯҳҳои ниёзманд низ ба назар гирифта шудааст. Барои ятимони кул, нимятимон, фарзандони оилаҳои камбизоате, ки ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда доранд ва гурӯҳҳои муайяни дорои имконияти маҳдуд имтиёзҳо пешбинӣ шудаанд.

Вобаста ба соли истифодаи китоб маблағ барои чунин хонандагон метавонад аз ҳисоби маблағҳои дохилии муассиса пӯшонида шавад ё ҳамчун қарз ба вуҷуд омадаанд.

Барои паҳн намудани иҷораи китобҳои дарсӣ аз ҳисоби гардиши умумии китобҳои солҳои чорум ва панҷум баргардонида шавад.

Албатта, ҷорӣ намудани низоми рақамӣ дар тамоми кишвар бе мушкилот нахоҳад буд. Дар баъзе минтақаҳои дурдаст дастрасӣ ба интернет ва барқ метавонад барои истифодаи мунтазами система монеа эҷод кунад, аммо чунин мушкилот роҳи ҳалли худро дорад. Масалан, шахсе, ки дар маҳал ба интернет ва низоми биллингӣ дастрасӣ дорад, метавонад барои чанд оила ё хонанда дар анҷом додани пардохт кумак расонад.

Бо вуҷуди ин, густариши чунин системаҳо зарурати рушди инфрасохтори рақамӣ, беҳтар кардани дастрасӣ ба интернет ва баланд бардоштани саводи рақамии аҳолиро боз ҳам бештар таъкид мекунад.

Аҳаммияти «Барномаи биллингӣ» танҳо ба китобҳои дарсӣ маҳдуд намешавад. Аллакай пардохти маблағи аттестат низ ба система ворид гардида, дар баъзе муассисаҳо ба таври тачрибавӣ истифода мешавад.

Агар ин раванд идома ёбад, дар оянда дигар хидматрасониҳои молиявии соҳаи маориф низ метавонанд ба низоми ягонаи рақамӣ пайваст шаванд.

Ҷорӣ намудани «Барномаи биллингӣ» қадами муҳим дар роҳи рақамикунонии соҳаи маориф мебошад.

Татбиқи пурраи он метавонад тадриҷан мушкилоти вобаста ба пардохтҳои нақдӣ, ҳисоботи дастӣ, қарздорӣ ва назорати гардиши китобҳоро коҳиш диҳад. Дар баробари ин, истифодаи чунин технологияҳо заминаи бештареро барои густариши дигар хидматрасониҳои электронии давлатӣ фароҳам месозад.

Тоҷиддин УРОҚЗОДА,
мудири шуъбаи нигаҳдорӣ ва таъминоти адабиёти таълимии Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

СОЗАНДАГӢ

Таълимгоҳи №3 ифтитоҳ ёфт

Дар деҳаи Охҷари Ҷамоати деҳоти Миралиободи ноҳияи Восеъ баъд аз таъмиру азнавсозӣ бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3 ба истифода дода шуд.



Дар маросими ифтитоҳи муассиса муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Бадриддин Музаффарзода, менеҷери лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» Нарзия Азатуллозода, менеҷери амалиётии Бонки Ҷаҳонӣ оид ба минтақаи Осиёи Марказӣ Инду Ҷон-Абрахам, менеҷери кишварии Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ Гаэл Рабалланд, мутахассиси соҳаи маориф Алмира Закиева, мушовир оид ба робитаҳои ҷамъиятӣ Ҷаҳона Акбарова, муовини раиси ноҳияи Восеъ, намояндагони соҳаи маорифи ноҳия ва омӯзгорону хонандагони муассисаи мазкур иштирок намуданд.

Бинои муассиса барои 1200 ҷойи нишаст дар як баст пешбинӣ шуда, аз се ошёна иборат мебошад. Дар он 37 синфхона, аз ҷумла, лабораторияҳои фанҳои физика, химия ва биология, синфхонаи компютерӣ, маркази инкишофи барвақтии кӯдак ва 29 синфхонаи умумитаълимӣ, инчунин, ҳуҷраи кории директор, ҳуҷраи тиббӣ, хонаи омӯзгорон, толори варзишӣ, толори маҷлисгоҳ ва ошхона ҷойгир шудаанд.

Дар ҳудуди муассиса, инчунин, ҳавзи зиддисӯхтор, дегхона, анбор ва манораи обфишор сохта шуда, корҳои ободонӣ ва маҳкам намудани гирду атрофи он анҷом дода шудаанд.

Дар муассиса 1371 хонанда, аз ҷумла, 651 духтар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ҳамзамон, дар маркази инкишофи барвақтии кӯдак 92 нафар, аз ҷумла, 43 духтар ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, барои 78 нафар ҷойи кори доимӣ фароҳам оварда мешавад.

Дар раванди таъмиру азнавсозии муассиса ба фароҳам овардани муҳити таълимии бехатар, фарогир, солим ва ба талаботи муосир ҷавобгӯ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Барои таъмини дастрасии баробар ба таҳсил, аз ҷумла, барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ва дорои эҳтиёҷоти махсус роҳҳои дастрас, даромадгоҳҳо ва дигар унсурҳои зарурии муҳити дастрас пешбинӣ шудаанд.

Ҳамзамон, муассиса бо шароити зарурии об, санитария ва гигиена таъмин гардида, нуқтаҳои дастшӯӣ ва ҳоҷатхонаҳои мувофиқ ташкил карда шудаанд. Барои духтарон низ шароити муносиб ва бехатари риояи гигиенаи шахсӣ пешбинӣ гардида, ҷудокунии санитарии писарону духтарон ба инобат гирифта шудааст.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ ва устувории муассиса ба таъсири тағйирёбии иқлим, истифодаи равшанидиҳии самаранок, беҳтар намудани низоми гармидиҳӣ ва нигоҳдории ҳарорати мувофиқ дар дохили бино пешбинӣ шудааст.

Яке аз самтҳои муҳимми муассисаи нав фароҳам овардани инфрасохтори муосири таълимӣ ва рақамӣ мебошад. Синфхонаи компютерӣ ва шароити зарурӣ барои истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди малакаҳои рақамии хонандагону омӯзгорон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Таъмиру азнавсозии МТМУ №3-и ноҳияи Восеъ дар доираи татбиқи лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, дар самти беҳтар намудани инфрасохтори соҳаи маориф, фароҳам овардани шароити муосири таълиму тарбия ва таъмини муҳити бехатару фарогири таълимӣ ба ҳисоб меравад.

Маркази матбуоти
Вазорати маориф ва илм

Дар Ҷамоати деҳоти Роҳатии ноҳияи Рӯдакӣ иншооти нави таълимию варзишӣ ба истифода дода шуд.

ОЗМУНИ «МУРАББИИ СОЛИ ТОҶИКИСТОН – 2026»

Аз 28 то 30-юми сентябри соли 2026 дар кӯдакистони №59-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе озмуни ҷумҳуриявии «Мураббии соли Тоҷикистон – 2026» баргузор шуд.

Сатҳи баланди омодагии довталабон



Мутобиқи талаботи банди 4-и Низомнома, озмун аз рӯйи шаш шарт – муаррифии фаъолияти педагогӣ, дониш ва маҳорати касбии мураббия, мизи мудаввар, машғулияти таълимӣ, тасвир намудан ва сохтани манзара бо дархости ҳайати доварон ва таҳлили ҳолатҳои равонӣ-педагогӣ баргузор шуд. Дар озмун панҷ довталаб аз 5 минтақаи ҷумҳурӣ: Мадинаи Амрулло – мураббияи ширхоргоҳ-кӯдакистони №132-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, Наргиса Ҷӯраева – мураббияи муассисаи таълимии томактабии хусусии «Хуршеди Истиқлол»-и шаҳри Хуҷанд, Робия Давлатшоева – омӯзгор-мураббияи маркази инкишофи барвақтии кӯдаки назди литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хоруғ, Саъбагул Миназарова – мураббияи муассисаи давлатии таълимии томактабии №7-и шаҳри Турсунзода, Дилрабои Ҳотамшо – мураббияи муассисаи таълимии томактабии №7 «Булбулакон»-и шаҳри Бохтар сабқат оростанд.

Пас аз қуръапартоӣ довталабон ба иҷрои шарти аввали озмун пардохтанд. Ин марҳала имконияти хубе фароҳам овард, ки иштирокчиён донишу малакаи назариявию амалӣ, дастовард ва натиҷаи фаъолияти касбӣ, раванди машғулиятҳо дар муассисаи таълимӣ, усули таълиму тарбия ва тарзи муносибат бо кӯдаконро тавассути слайд ва наворҳо давоми 20 дақиқа муаррифӣ намоянд. Довталабон кӯшиш менамуданд, ки маҳорати касбӣ ва қобилияти эҷодии худро ба доварон нишон диҳанд. Дар муаррифӣ тарзи баён, мазмуну муҳтаво, қобилияти суханварӣ аҳаммияти махсус дошт. Аз ин ҷиҳат, суханронии Дилрабои Ҳотамшо, Робия Давлатшоева, Мадинаи Амрулло бештар қобили таваҷҷуҳ буд. Онҳо тавонистанд, фаъолияти худро нисбатан озод баён намоянд. Дар ин миён, дар муаррифии қисме аз довталабон норасоиҳо низ мушоҳида шуд. Дар баёни андеша душворӣ мекашиданд, аз мавзуи асосӣ дур мерафтанд, сухан ва наворҳояшон гуногун буда, бо ҳам мутобиқат намекарданд.

Шарти навбатии озмун дониш ва маҳорати касбии мураббия буда, ба ҳар як иштироккунанда даҳ савол пешниҳод гардид, ки ӯ давоми 20 дақиқа ба онҳо бояд посух диҳад. Ин шарт аз довталабон донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои таълимии синнусолӣ ва донишу маҳорати касбиро тақозо менамуд. Бештар ба суолҳо иштирокчиён – Саъбагул Миназарова ва Дилрабои Ҳотамшо посухҳои мукаммалу мушаххас доданд.

Баъдан довталабон ба иҷрои шарти дигари озмун, ки машғулияти таълимӣ аст, шуруъ намуданд. Бояд қайд кард, ки давомнокии он дар гурӯҳҳои синнусолӣ тибқи талаботи барнома амалӣ мегардад. Мураббия Дилрабои Ҳотамшо дар гурӯҳи омодагӣ ба мактаб (синни 6-7-сола) машғулияти «Тарбияи ҷисмонӣ» баргузор намуд. Мураббия машғулиятро аз шиносоӣ бо кӯдакон оғоз намуд. Сипас ҳамроҳашон ба бозии сабук пардохт. Шарти бозӣ ҳамин буд, ки омӯзгор ба кӯдакон тӯбро як-як партофта, калимаеро номбар мекунад. Кӯдакон дар навбати худ тӯбро дошта, ҳангоми ба мураббия бозпас партофтан калимаи муқобилмаънои онро талаффуз мекунанд.

Машғулияти «Шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ»-и мураббия Робия Давлатшоева дар гурӯҳи миёна (синни 4-5-сола) баргузор шуд. Дар машғулият 19 нафар кӯдак иштирок доштанд. Р. Давлатшоева тавассути суолу ҷавоб кӯдаконро ба машғулият омода намуда, онҳоро бо китобчаи нав, ки «Баргак ва шамол» ном дошт, шинос кард. Бояд қайд намуд, ки мураббия зимни машғулият ва лаҳзаҳои дамгирии кӯдакон бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба тарбиятгирандагон муошират менамуд. Бо истифода аз методи муосири таълим ӯ кӯдаконро ба ду марказ ҷудо намуда, супориш дод, то онҳо расми баргу шамолро бо ранг оро диҳанд. Муаллима худ дар байни онҳо гашта, корашонро назорат мекард. Ҳангоми иҷрои супориш кӯдакон мустақилона фаъолият менамуданд.

Довталабон Наргиса Ҷӯраева, Мадинаи Амрулло, Саъбагул Миназарова низ бо истифодаи самаранок аз бозиҳои гуногуни омӯзишӣ, аёният, усулҳои муосир, аз қабили кӯдак-марказ, нақшофарӣ машғулиятҳои худро хуб ба роҳ монда, бо фароҳам овардани муҳити озод иштироки фаъоли кӯдаконро таъмин намуданд. Дар умум, машғулияти иштирокчиён бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва қобилияти дарки кӯдакон ба роҳ монда шуда, барои баланд бардоштани шавқу рағбати тарбиятгирандагон ба омӯзиш мусоидат карданд. Истифодаи чунин усулҳои таълимӣ ба баланд бардоштани сифати машғулиятҳо ва ташаккули малакаи эҷодиву маърифатии кӯдакон замина фароҳам меорад.

Ба гуфти муовини сардори раёсати таҳсилоти томактабии Вазорати маориф ва илм Қутбиддин Муҳиддинзода, сатҳи омодагии довталабони имсолаи озмуни ҷумҳуриявии «Мураббии соли Тоҷикистон – 2026» дар муқоиса ба солҳои қаблӣ хуб буд.

Дар фарҷом, тибқи хулосаи ҳайати ҳакамон довталаб Дилрабои Ҳотамшо ғолиби озмуни ҷумҳуриявии «Мураббии соли Тоҷикистон – 2026» эълон гардид. Ғолиб дар ҷамъомади тантанавӣ бахшида ба Рӯзи омӯзгорон, ки 3 юми октябр дар Кохи Суруш баргузор шуд, бо нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва 10 000 сомонӣ қадрдонӣ гардид.

ОЗМУНИ «ОМӮЗГОРИ СОЛИ ТОҶИКИСТОН – 2026»

Фаъолияти самарабахш ва дарсҳои рангин

Дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз 30 сентябр то 2 октябри соли ҷорӣ даври ҷумҳуриявии озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон – 2026» баргузор гардид. Панҷ нафар довталаб дар он аз минтақаҳои гуногуни кишвар – ВМКБ, вилоятҳои Сугду Хатлон, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе ширкат варзиданд.

Озмун аз рӯйи ҳафт шарт – муаррифии тачрибаи корӣ, маҷлиси падару модарон, дарси конкурсӣ аз рӯйи ихтисос, таҳлили дарс, соати тарбиявӣ, ҷавоб додан ба даҳ савол, кор бо компютер сурат гирифт.

Нахуст тачрибаи кории педагогиашро омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №182-и ноҳияи Рӯдакӣ Маҳмадрасул Бобиев муаррифӣ намуд. Мавсуф хатмкардаи факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, ҳафт сол аст, ки дар мактаб ба ҳайси омӯзгори фанни алгебра фаъолият дорад. Тӯли ин солҳо М. Бобиев ба дастовардҳои назаррас ноил шуда, шогирдонаш пайваста дар олимпиадаҳои фаннӣ, Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» иштирок ва соҳиби ҷойҳои сазовор мегарданд. Дар муассиса, дар баробари таълим, маҳфили «Математикони ҷавон»-ро роҳандозӣ намуда, ҳамчунин, барои афзудани шавқи хонандагон ба ин фан викторинаву конфронс ва дарсҳои кушод ташкил менамояд.

Омӯзгори фанни математикаи гимназияи №2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе Шариф Шарифзода бештар дар рафти таълим аз усулҳои фаъоли «Ҳа-не», «Пурсиши занҷирии ботаваққуф», «Блитс-пурсиш», «Бовар мекунам-бовар намекунам» истифода мекунад. Ӯ иброз дошт, ки самараи омӯзиши ҳар як фан аз бисёр ҷиҳат ба донистани методи он вобаста мебошад, зеро мазмун ва мундариҷаи таълимро методика таъмин менамояд. Ҳар як метод ҷиҳатҳои хос дошта, ба мазмуни дарс ва донишандӯзии хонанда таъсир мерасонад. Омӯзгор муаллифи мақолаҳои зиёд буда, дастурҳои методиаш, аз қабили «Амалҳои арифметикӣ бо ададҳои ратсионалӣ», «Методикаи ҳалли муодилаҳо бо истифода аз технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ», «Мисолу масъалаҳои математикӣ ва шаклҳои геометрӣ» ба табъ расидаанд.

Иштирокчии дигари озмун, омӯзгори фанни химияи мактаби Президентӣ барои кӯдакони болаёқат дар шаҳри Хоруғ Алидод Абдолбек собиқаи кории 32-сола дорад. А. Абдолбек вазифаи аввалиндараҷаи худро ҳамчун омӯзгор дар бедор намудани шавқу завқи хонандагон нисбат ба фанни химия арзёбӣ намуд. Муаллим дар рафти дарс корҳои амалӣ ва лабораторӣ гузаронида, аз барномаҳои гуногуни технологияи муосир, абзорҳои зеҳни сунъӣ, лабораторияҳои виртуалӣ, маводи химиявӣ ва таҷрибаҳои пешқадами омӯзгорони ҷумҳурию байналмилалӣ истифода мекунад. Дар баробари он ки шогирдони зиёдаш дар озмунҳои гуногуни минтақавию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ соҳиби дастовардҳои назаррас гаштаанд, ҳамчунин, ду нафари онҳо пас аз дифои рисолаи номзадӣ дар ҷодаи илм саҳми арзандаи хешро мегузоранд. Заҳмати афзуни омӯзгор дар соҳаи илму маориф бо ифтихорномаву сипосномаҳои бешумор ва соли 2021 бо Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ва соли ҷорӣ бо Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф сарфароз гардонида шудааст.

Омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики муассисаи давлатии таълимии махсусгардонидашудаи хонандагони болаёқат дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Гулноза Азимӣ собиқаи кории даҳсола дошта, дар раванди дарс бештар аз усулҳои муосири таълим истифода намуда, хонандагонро барои дарки донишҳои нав ва фаъолият дар гурӯҳҳо водор менамояд. Тавре ки худ иброз дошт, аз дарсҳои ғайрианъанавӣ, ба мисли дарс-саҳна, дарс-панорама, дарс-викторина, дарс-саёҳат ва дарси ҳисоботӣ бо иштироки падару модарон самаранок истифода мекунад. Муаллима роҳбари маҳфили «Ҳозирҷавобон»-и муассиса буда, дар ин баробар, 15 мақолаи илмӣ, 10 мақолаи методиву оммавӣ, 8 дастури методӣ ба табъ расонидааст.

Довталаби дигари озмун омӯзгори забони англисии Мактаби байналмилалӣ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ Зоиршоҳ Назирзода собиқаи кории 15-сола дошта, то ин муддат шогирдони зиёдеро таълиму тарбия додааст. Мақолаҳояш пайваста дар нашрияҳои соҳавӣ ба табъ мерасанд.

Шарти дуюми озмун – маҷлиси падару модарон тибқи мавзуъҳои пешниҳодшуда, муҳокимаи масъалаҳои мубрамро дар бар мегирифт, ки аз уҳдаи иҷрои он довталабон бо истифода аз тачрибаву маҳорати корӣ хуб баромаданд. Бахусус, иштирокчиён Гулноза Азимӣ ва Шариф Шарифзода зимни иҷрои шарт маҳорати хуби ташкил кардани ҷаласа ва ҷалби бевоситаи волидонро ба ҳалли масъалаи пешниҳодшуда нишон дода тавонистанд.

Дарси конкурсӣ аз рӯйи ихтисос дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №65-и ноҳияи Шоҳмансур баргузор гардид.

Дарси Алидод Абдолбек дар синфи 9 «б» аз фанни химия дар синфхонаи фаннӣ бо иштироки 19 нафар хонанда сурат гирифт. Муаллим баъд аз пурсиши вазифаи хонагӣ – «Маҳлул ва нишондиҳандаи намакӣ», дар тахтаи синф номи мавзуи нав «Ҳидролизи намакҳо»-ро навишт. Оид ба он фикру андешаҳои хонандагонро гирифт. Давоми дарс ӯ дар бораи ҳидролизи намакҳо, аҳаммияти он ба хонандагон маълумот дод, ҳамроҳи онҳо муодила ҳал карда, ба воситаи кори лабораторӣ, иҷрои супоришҳо, усули кор дар гурӯҳ, аёният (тахтаи электронӣ, варақа) мавзуи навро фаҳмонд.

Маҳмадрасул Бобиев – омӯзгори фанни алгебра низ дар баргузории дарси намунавӣ фаъолияти хуб нишон дод. Дарси мавсуф дар синфхонаи фаннии алгебра тибқи ҷадвал дар синфи 9 «в» бо иштироки 24 нафар баргузор шуд. М. Бобиев бо истифода аз усулҳои наву классикии таълим: «Ҳа-не», «Пурсиши занҷирии ботаваққуф», «Блитс-пурсиш», «Барои чӣ?», «Кор дар гурӯҳ» аёният (тахтаи электронӣ, варақа, плакат, кроссворд) дарси худро ҷолиб баргузор намуд. Омӯзгор кӯшиш мекард, ки дар ҷараёни дарс диққати хонандагонро бо ҳар гуна роҳу усул ҷалб намояд. Дар умум, хонандагон дар дарс хеле фаъол буда, мавзуи навро, ки «Функсияи квадратӣ ва хосиятҳои он» ном дошт, хуб дарк карданд. Бояд қайд кард, ки дарси дигар довталабон низ хубу хотирмон баргузор шуд.

Дар маҷмуъ, дар рафти иҷрои дигар шартҳо низ ҳар як довталаб кӯшиш намуд, ки донишу малакаи касбӣ, тачрибаи пешқадам, маҳорати истифодаи усулҳои муосири таълим ва технологияҳои гуногунро муаррифӣ намояд.

Озмуни ҷумҳуриявии «Омӯзгори соли Тоҷикистон – 2026» ҷамъбаст гардида, ғолиб Шариф Шарифзода – омӯзгори фанни математикаи гимназияи №2-и барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе дар маросими тантанавие, ки дар Рӯзи омӯзгор дар Кохи Суруш баргузор гардид, қадрдонӣ шуд.

Шаҳноза БОБОМУРОДОВА,
«Омӯзгор»

Дар шаҳри Москва 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон таҷлил гардид.

Илме, ки дар он амал набошад,
Ҷуз арбадаву ҷадал набошад.
Бадриддин Ҳилолӣ

5 ОКТЯБР – РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ба инобат гирифтани даврабандии таърихии забони тоҷикӣ, густариш, хостгоҳ ва меҳани забони тоҷикӣ, намунаҳои хат, замони пайдоиш, вижагиҳо, замина ва омилҳои ташаккули он боиси мушаххас баён шудани қалamрави пурвусъати забони форсӣ дар тӯли ҳастии чандинҳазорсолаи он гардидааст.



Пешвои миллат ва сарнавишти таърихии таҳаввули забони тоҷикӣ

Таҳлили ҳамаҷонибаи ин масоил бо беҳтарин ваҷҳ аз нахустин фасли боби аввали китоби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Забони миллат – ҳастии миллат», ки «Мардуми ориёӣ ва забони онҳо» номгузорӣ шудааст, оғоз ёфтааст. Барои дарки моҳияти масъалаи мазкур дар ин бахш зарурати шарҳи баъзе истилоҳот пеш омадааст, ки корбурди ин равиш барои бозгӯйи сарҳади инкишофи забонҳои ориёӣ ба сифати қисми муҳимми таърихи забони тоҷикӣ ёрмандӣ менамояд.

Ба эътиборгирии пайванд, шабоҳат, умумият ва ҳамгуниҳои забонии мардумони ориёии эронӣ ва ориёии ҳиндӣ, ки «Авасто» ва «Ведо» ба сифати манбаи муштараки ёдгориҳои ин давра хидмат менамоянд, ба ҳукми як равиши алоҳидаи тадқиқотӣ дар аломатгузории ҷуғрофиёи таърихи забон дар даврai Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор рафтаанд. Корбурди ин усул заминаеро ба бозгӯйи чигунагии густариши забону лаҳҷа ва расму одатҳои мардумони ориёӣ фароҳам оварда, ҳамин тариқ ҷуғрофиёи ориёиҳо дар асоси далелҳои қотеи илмӣ чунин муайян гардидааст: «… даштҳои ҷанубӣ Русия, соҳилҳои баҳри Сиёҳ, назди баҳри Азов то шимоли Кавказ (скифҳо ва сарматҳо), Осиёи Миёна, минатақаҳои назди соҳили Сирдарё, қисмати шарқ то Туркистони шарқӣ (мардумони сакоӣ), водиҳо ва воҳаҳои Осиёи Миёна дар ҳавзаи Зарафшон, Қашқадарё ва навоҳии атрофи он (суғдиҳо), поёноби Амударё (хоразмиҳо), болооб ва қисматҳои миёнаи соҳилҳои рост ва чапи Амударё (бохтариҳо), як бахши Хуросон то ҷанубӣ Туркманистон (портҳо), шимолу ғарби Эрон (модҳо), ҷанубу ғарби Эрон (порсҳо)».

Агарчи дар ин иқтибос маҳалли паҳновари сукунати қавмҳои ориёӣ нишон дода шудааст, вале бояд қайд кард, ки ҳамин ҷуғрофиё бо ҳамраъйии аксари муҳаққиқон дар ҳазораи аввали пеш аз милод ҳамчун хостгоҳи таърихии забони ҳиндуаврупоӣ, аз ҷумла, ҳиндуэронӣ низ пазируфта шудааст.

Дигар равиши корбастшуда дар ин раванд ба эътибор гирифтани муштаракоти забонӣ, фарҳангӣ ва расму одатҳои диниву мардумӣ ба ҳисоб меравад. Муаллиф бо маводи гирдовардашуда дар бознамоии марзҳои фарҳангӣ як андоза дар доираи фосилаи калони замонӣ, ки чандин ҳазорсолаҳоро дар бар мегирад, мухтасаран ба муштаракоти ин забонҳо ишораҳо намудааст. Дар ин бахш манзараи умумии тасвири ҳаритаи инкишофи забони тоҷикӣ дар як марҳалаи тӯлонии таърихӣ, ки аз ҳазораи дуюми пеш аз мелод то асри ҳозир доман паҳн кардааст, бо баёни хусусиятҳои се давра: давраи забони эронӣ, давраи миёна ё асримиёнагӣ ва давраи нав баррасӣ ёфтааст. Ба назар мерасад, ки ҳар як давра фарогири чандин қалamрави давлатҳои қудратманди ҳавзаи тамаддуни ориёӣ буда, баҳрамандие аз лаҳҷаву шеваҳои забонҳои ҳиндуаврупоӣ доштаанд.

Бо таҳқиқи решаҳои амиқи забон дар мисоли вожаи «тоҷик», ки ба ҳамин гуна масъалаҳо имрӯз ниёз доштани ҷомеаро бозгӯ менамояд, ин равиш идома пайдо мекунад. Ҳарчанд унвони фасли нахустини боби дуюм «Истиқлолият ва масъалаҳои тоҷикшиносӣ» номгузорӣ шудааст, вале бо назардошти ҷуғрофиёи фарҳангии забони тоҷикӣ ва фосилаи дурударози таърихӣ, ки як муддат бо ҳадафҳои маълум ин асли таърихӣ инкор ҳам мегардид, маҳдуд намонда, бо таҳлили масъалаҳои вобаста ба шинохти рукну пояҳои фарҳангофари ин мероси гаронмоя доманаи фарохи ҳамин сарҳади бегазандро пеши назар ба ҷилва овардааст.

Дар боби дуюм бо муродифоташ таҳлил шудани калимаи тоҷик, аз қабили эронӣ, аҷамӣ, порсӣ, деҳқон ва ҳамчунин, муродифоти тавсифиаш озод, озода, озодагон, озодазодагон, озоднажод ва озоданажод ба асли таърихӣ ва ҷуғрофии қавмиятҳои сарзамини таҳҷойии минтақаҳои дар боло нишондодашуда ишорат мекунад.

Барои баровардани хулосаҳои дақиқи илмӣ дар ин мавриd чанд далел аз катибаҳо ва сиккаҳои бозёфтгардидаи бохтарӣ истифода шудаанд. Дар баробари ин, забти муносибати мутақобилаи вожаи тоҷик, турк, аъроб, тоту сарт низ барои равшан баён гардидани матлаб кумак расондаанд, ки онро дар фасли дуюми боби дуюм «Муродифоти вожаи тоҷик» ба мушоҳида гирифта метавонем. Масалан, дар мавриди вожаи «сорт» ва «сарт» омадааст: «Калимаи «сорт» ва «сарт» низ номи дигаре аст, ки тоҷикҳоро ба он ном меҳонанд». Ҳамин тариқ, бо овардани чунин мисолҳо дар бораи сарзамини онҳо менигоранд: «Бояд ба назар гирифт, ки дар як солномаи тибетии соли 732 милодӣ тоҷикон ҳамчун сокинони бумии Эронии Осиёи Марказӣ ва ҳамсоягони наздики Чин дар ғарб ёд шудаанд».

Ҳамин матлаб дар фасли сеюми боби дуюми китоби мазкур, ки «Хостгоҳ ва меҳани забони тоҷикӣ» ном гирифтааст, ҷой дорад. Яъне, далелу асноди нави илмӣ як андоза ҳамовозиву ҷонибдории муборизаҳои Садриддин Айнӣ дар самти эътирофи ҳаққи тоҷикон ҳамчун сокинони бумии ин манотиқ мебошад, ки ин вазифа ҳам аз ҷониби Пешвои миллат ҳамчун ҳомиву пуштибони давлату фарҳанги ниёгон дар асри навин сарбаландона анҷом ёфта истодааст.

Бо пеш гузоштани замони пайдоиши забони тоҷикӣ дар фасли алоҳидаи китоб, ки ҳамин унвонро дорад, бо истифода аз маводи устуравӣ, сарчашмаҳои аҳди классикӣ ва пажуҳишоти илмии олимони дохиливу хориҷӣ ба андешаҳои баҳсноки ҷараёнҳое, ки соҳибияти тоҷиконро дар Осиёи Миёна дар даҳсоли дуюм ва сеюми асри гузашта инкор менамуданд, посухҳои сазовор додааст.

Мавриди баррасӣ қарор гирифтани номи имрӯзии забони модарии мо, яъне, «забони тоҷикӣ» дар фасли охири боби дуюм яке аз равишҳои дигари муаллиф дар тадқиқи ҷуғрофиёи интишори забони форсӣ дониста мешавад. Аз баррасии баъзе маълумотҳои таърихӣ, аз ҷумла, аз навиштаҷоти бозёфтшудаи гимнҳои монавии ноҳияи Турфони Чин воҳӯрдани калимаи тоҷик ба шакли «тоҷикона», ба чашм расидани кишваре ба шакли Тагзик дар маъхазҳои динии ҷумҳурии Тибет, ки мувофиқи нишондоди онҳо дар Осиёи Марказӣ ин кишвар воқеъ шудааст, нақши ин қавм ва забон ҳамчун «тоҷик» ё «таоҷӣ», «таочӣ» ва забони ба истилоҳ «тоҷикӣ» дар матнҳои бозёфтшудаи портӣ, суғдӣ, тибетӣ, чинӣ, туркӣ-ӯйғурӣ барҷаста инъикос ёфтааст.

Яъне, ин калима бо асли таърихиаш дар канори ду муродифот – «дарӣ» ва «форсӣ» аз матнҳои куҳани забонҳои дунё ба сифати ифодагари забони мардумони дорои ҳудуд ва қалamрави воҳиди сукунатӣ бо шаклҳо ва намудҳои ба худ хос боқӣ мондааст. Аз ин нуқтаи назар, истилоҳи «забони тоҷикӣ» ба сифати номи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фасли чаҳоруми боби дуюм дорои ҳамин ном аст, метавонад чунин пайванду решаи қадимаи калимаи «тоҷик»-ро имрӯз дар ин шакл ҳам ҳамчун муродифоти калимаи «дарӣ» ва «форсӣ» ифода кунад.

Дар китоби мазкур ба омилҳои сиёсӣ ва кӯшишу ҳимояти асосгузорону таъсисдиҳандагони сулолаҳои эрониасл, аз ҷумла, давраи ҳукмронии Сомониён, ки забони тоҷикӣ забони расмӣ эътироф гардида буд, рабт доштани боландагӣ ва шукуфоии забони тоҷикӣ бозгӯ гардидааст.

Ҳамин тариқ, бо истифода аз равишҳои мазкур Пешвои миллат ҳамчун як ҳомиву пуштибони таъриху фарҳанг, забону оинҳои мардумӣ як меҳрномаи садоқату эътиқодоти фарзандии хешро ба шоистагӣ дар ҷодаи рӯйи кор овардани тадқиқотҳои арзишманд ба халқу миллати хеш фароҳам сохта, дар канори ҳамин гуна масоил ба сифати фарзанди фарзонаи замон дар умқи таърих дар батни саҳифаҳои бозмонда, ки имрӯзу фардои миллатро таҷассум менамоянд, назар намуда, бо роҳандозии чунин барномаҳои арзанда ҷуғрофиёи интишори забони тоҷикиро дар тайи чандинҳазорсолаи таърихӣ бознамоӣ кардаанд.

Ромиз АБДУЛЛОЕВ,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, дотсент

Бақои миллат ва пояи давлатдорӣ

Забон барои ҳар як миллат аз ҷумлаи арзишҳое мебошад, ки ҳастии маънавӣ ва таърихии онро муайян мекунад. Миллат метавонад дар даврaҳои гуногуни таърихӣ ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ шавад, аммо то замоне ки забони худро ҳифз мекунад, пояҳои фарҳангӣ ва маънавии худро аз даст намедиҳад. Аз ин рӯ, забонро метавон яке аз муҳимтарин рукнҳои худшиносии миллӣ номид.

Забони тоҷикӣ аз ҷумлаи забонҳои қадима ва дорои мероси ғании адабиву фарҳангӣ мебошад. Дар тӯли асрҳо ин забон барои ба наслҳои баъдӣ расидани андешаҳои илмӣ, адабӣ ва таърихии ниёгон хидмат кардааст. Осори бузургони адабиёти тоҷик, аз ҷумла, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва дигарон нишон медиҳад, ки забони тоҷикӣ чӣ гуна тавоноии баёни андешаҳои баланд ва маъниҳои амиқро дорад.

Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон масъалаи ҳифз ва рушди забони давлатӣ аҳаммияти бештар пайдо кардааст. Забони тоҷикӣ имрӯз на танҳо забони муошрати мардум, балки яке аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ ба шумор меравад. Қонунгузории кишвар низ барои ҳифзи мақоми забони давлатӣ ва истифодаи дурусти он заминаҳои заруриро фароҳам овардааст.

Имрӯз, дар шароити рушди босуръати технология ва густариши воситаҳои муосири иттилоотӣ, муносибати мо ба забон низ бояд масъулона бошад. Хусусан, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои электронии муошират аксар вақт ба ғалатҳои имлоӣ, истифодаи нодурусти калимаҳо ва омехта шудани забонҳо дучор меоем.

Ҳангоми навиштани мақола, таҳияи маводи иттилоотӣ, омода намудани гузориш ё ҳатто навиштани матн дар шабакаҳои иҷтимоӣ риояи меъёрҳои забонӣ аҳаммияти калон дорад.

Мо - омӯзгорон дар ин раванд масъулияти бештар дорем, зеро муносибати омӯзгор ба забон ба донишҷӯ низ таъсир мерасонад. Агар дар муҳити таълимӣ ба сухани дуруст, баёни равон ва истифодаи меъёрҳои забонӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шавад, ҷавонон низ ин фарҳангро ҳамчун як ҷузъи муҳимми зиндагии ҳаррӯзаи худ қабул мекунанд.

Забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз рукнҳои муҳимми худшиносии миллӣ ва давлатдории миллӣ бояд ҳамеша мавриди эҳтиром ва таваҷҷуҳи ҷомеа қарор дошта бошад. Эҳтиром ба забон дар асл эҳтиром ба таърих, фарҳанг ва арзишҳои миллии мост.

Фаррух АМРИДИНЗОДА,
сардори сикли тайёрии тактикии кафедраи ҳарбии ДМТ, майори милиса

ЗАБОНИ ТАВОНОЮ УСТУВОР

Таърих гувоҳ аст, ки забони гуҳарбори тоҷикӣ дар гирудорҳои шадид ва тохтутозҳои бераҳмонаи аҷнабиёни истилогар покию фасоҳати худро гум накард, балки густариш ёфту тавонотар гашт. Ҳатто давлатдорони чанде миллатҳои дигар низ онро ҳамчун забони коргузорӣ ва давлатдории хеш қабул намуданд.

Бо вуҷуди маҳдудиятҳои зиёди даврони Шуравӣ пойдевори забони тоҷикӣ бо кӯшишҳои пайвастаи шахсиятҳои фидокори илмиву адабӣ, фарзандони фарзонаи миллат, ба мисли Қаҳрамони Тоҷикистон, устод Садриддин Айнӣ бузургию асолати таърихию миллии он боз ҳам мустаҳкамтар гардид. Замони сифатан нав барои баланд гардидани мақому манзалат ва рушди забони тоҷикӣ давраи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Таваҷҷуҳи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақому манзалати забони тоҷикӣ хосса буда, дар беолоиш нигоҳ доштану ғанӣ гардондани он саҳми беандоза доранд. Дар яке аз суханрониҳояшон Сарвари давлат чунин зикр доштаанд: «Поку беолоиш нигоҳ доштани забон ва асолату шевоии онро ҳифз кардан қарзи фарзандии ҳар як шаҳрванд аст. Бинобар ин, олимону зиёиёни мо бояд ба таҳқиқи масъалаҳои муҳимтарини забон ва таҷдиду таҳияи қомусу фарҳангномаҳо, ки барои баланд бардоштани сатҳи забондонӣ ва маърифати забономӯзии наслҳои имрӯзу оянда заруранд, ҷиддӣ машғул шаванд».

Дар ин замина, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Дар асоси ин қонун дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бахри ҳифз, омӯзиш ва рушди забонҳои дигар низ шароиту имкониятҳо фароҳам оварда шуданд.

Мусаллам аст, ки забон бо тафаккур алоқаи ногусастанӣ дорад, ба ибораи дигар, забон аслиҳаи тафаккур, воситаи ифодаи фикр аст. Аз ин рӯ, воҷиб аст, ки дар пояи рушди ҳамаҷонибаи забони миллӣ тафаккури миллӣ низ инкишоф ёбад.

Ҷангибеки УЛФАТШОҲ,
«Омӯзгор»

18 октябр дар доираи сеюмин Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон» (аз 15 то 20 октябр) дар шаҳри Душанбе Рӯзҳои синамои Қирғизистон баргузор мешаванд.

5 ОКТЯБР – РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қадамҳои устувор дар таълими забони давлатӣ

Мусоҳиба бо сармутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илм Бӯрибой Ҳайдаров

– Муаллими муҳтарам, нахуст мегуфтед, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ғайриторикӣ вазъи таълими забони давлатиро тайи солҳои соҳибистиқлолӣ чӣ тавр метавон арзёбӣ кард?

– Забони давлатӣ (тоҷикӣ) зиёда аз 35 сол боз дар муассисаҳои таълимие, ки ақаллиятҳои миллӣ (русҳо, ӯзбекҳо, қирғизу туркманҳо) таҳсил мекунанд, таълим дода мешавад. Тавре ки маълум аст, 22-юми июли соли 1989 забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ гирифт. Ба таълими забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ бештар аҳаммият дода шуд. 5-уми октябри соли 2009 бо имзои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Пас аз қабули қонуни мазкур ба таълиму рушди забони давлатӣ, сифату муҳтавои китобҳои дарсӣ бештару беҳтар таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Забони давлатӣ дар синфҳои 2-11 (10 синфи ғайриторикӣ, истиснои синфи 1-ум) таълим дода мешавад. Хушбахтона, вазъи таълими фанни мазкур дар қиёс бо 5 соли пеш хеле беҳтар гардидааст, зеро ҳамаи синфҳо бо китоби дарсӣ таъмин шудаанд. Дар муассисаҳои таълимии ғайриторикӣ хонандагон чун фанҳои забонҳои русӣ ва хориҷӣ ба ду зергурӯҳ ҷудо мешаванд. Ҳамзамон, сатҳи забондонии хонандагон хеле рушду такомул ёфтааст. Онҳо бо забони давлатӣ озодона ҳарф зада, муошират мекунанд. Дар суҳбату гуфтугӯ ва муколама ба мушкилот рӯ ба рӯ намешаванд. Ҳамчунин, дар нутқи шифоҳӣ, гуфтор ва хондану навиштани хонандагон пешравӣ бештар дида мешавад. Яъне, хонандагон метавонанд донишҳои гирифтаашонро дар суҳбату гуфтугузорҳои ҳаррӯзаи худ истифода кунанд.

– Китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ аз фанни забони давлатӣ ба талаби рӯз ҷавобгӯ ҳастанд?

– Бояд гӯем, ки барномаи таълими забони давлатӣ дар синфҳои 2-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ соли 2017 аз тарафи С. Аминов ва Қ. Мухторӣ таҳия шудааст. Мутаассифона, маводи китобҳои дарсӣ бо барномаи таълимии мазкур мутобиқат намекунанд. Матнҳои интихобкардаи муаллифон, корҳои эҷодии хонандагон, кор бо луғат порчаҳои шеърие, ки ҷанбаи тарбиявӣ-ахлоқӣ доранд, маълумот дар бораи адибон ва эҷодиёти онҳо ба сатҳи воқеии забондонии хонандагон мусоидат менамоянд. Дар зимн, матнҳои китобҳо, корҳои амалӣ, машқҳои эҷодӣ, маълумот дар бораи адибони тоҷик ва эҷодиёти онҳо ҷанбаҳои қавии китобҳои дарсӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, тестҳои пӯшида, кушода ва мувофиқонварӣ, усулҳои фаъоли таълим ва кор бо луғат ба такмил ниёз доранд. Хурсандиовар он аст, ки дар китобҳо маводи кофӣ барои рушду такомули гуфтори зинда ва муошират рӯзмарра мавҷуд аст. Барномаи таълимии забони давлатӣ бештар ба самтҳои зерин равона шудааст: салоҳиятҳои коммуникативӣ, забонӣ ва таълим. Ба андешаи мо, оянда ба барномаи таълимӣ се тағйиротро ворид кардан зарур аст. Дар ин масъала ба се омил бештар эътибор бояд зоҳир кард: истифодаи васеи тестҳои пӯшида, кушода ва мувофиқонварӣ, луғатомӯзию корҳои эҷодӣ ва хонанда-меҳвар (яъне, хонанда дар меҳвар қарор дошта бошад). Дар бораи методикаи таълими забони давлатӣ ҳаминро бояд гуфт, ки муносибати босалоҳият бо таълим, усули ҳамкорӣ (интерактивӣ), кор бо гурӯҳи дунафара ва гурӯҳбандӣ, усули проблемагузорӣ аз судмандтарину муассиртарин сабку шеваи таълимӣ маҳсуб меёбанд.

– Кадом омилҳо мавҷуданд, ки ба сатҳу сифати таълими забони давлатӣ халал эҷод мекунанд?

– Ба назари мо се мушкили асосие, ки ба сифати таълими забони давлатӣ халал мерасонанд, инҳоянд: норасоии мутахассисони варзидаи филологияи тоҷик, нокифоягии воситаҳои техникӣ, асбобҳои аёнӣ, дастурҳои методӣ ва маводи дидактикӣ, мушкилоти маводи китобҳои дарсӣ, яъне, вазнин будани матолиби таълимӣ барои ақаллиятҳои миллӣ. Ин мушкилот бештар ба низоми таълим таъсир мерасонад. Бояд зикр намуд, ки теъдоди соатҳои ҷудошудаи Нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2024 ва солҳои минбаъда баҳри аз худ намудани забони давлатӣ кофӣ аст. Дар синфҳои таълимашон бо забони русӣ дар ҳар як синф ҳафтае 3-соатӣ ва барои дигар ақаллиятҳои миллӣ – ӯзбекӣ, қирғизӣ ва туркманӣ ҳафтае 2-соатӣ пешбинӣ шудааст.

– Оё муҳит ба омӯзишу аз худ кардани забони давлатӣ ба толибилмон мадад расонда метавонад, манзури мо муҳити оилавӣ ва забонӣ мебошад.

– Воқеан, муҳити атрофу оила ба сатҳи ибтидоии забондонии хонандагон ва натиҷаи таълим таъсир мерасонад. Дар як синф фарқияти калони сатҳи забондонии хонандагон вуҷуд дорад. Дар хонаводае, ки бо забони давлатӣ гуфтугӯ мекунанд, сатҳи забондонии онҳо беҳтар аст. Омӯзгорон бо чунин хонандагон супоришҳои нисбатан осонтар медиҳанд, корҳои инфиродӣ мебаранд. Дар ин раванд, норасоии маводи таълимӣ, сатҳи ибтидоии фаҳмишу дониши хонандагон, муҳити забонӣ ва методика ба сифати таълим таъсир мерасонад. Муҳити забонӣ низ берун аз дарс ба омӯзиши забони давлатӣ таъсир дорад.

Дар натиҷаи муошират бо ҳамсолони худ, ҳаққу ҳамсоя ва додугирифти тарафайн хонанда забонро зуд аз худ мекунад. Хонандагон забони давлатиро берун аз таълимгоҳ бо рафиқону ҳамсолони худ дар доираи ҳамон маҳал, мавзуъ, яъне, бо забони гуфтори маҳалли худ (шеваи гуфтор) истифода мекунанд. Мавҷуд набудани муҳити кофии забонӣ яке аз сабабҳои асосии малакаи сусти гуфтории хонандагон мебошад. Асосан хонанда забони давлатиро дар муҳиту муошират гуфтугӯ, суҳбату ҳангоми бозӣ бо ҳамсолону ҳамсоягони худ ёд мегирад. Дар муҳите, ки якзабонӣ дар он ҳукмрон аст, хонанда забони давлатиро умуман намедонад ё агар донад ҳам, бисёр нофаҳмо, шикаста ва бо забони модарияш омехта карда ҳарф мезанад. Тавре ки дар боло ишора кардем, нақши оила дар омӯзиши забони давлатӣ хосса аст. Агар аъзои оила дар хона бо забони давлатӣ гуфтугӯ кунанд, фарзанд зуд забонро аз худ мекунад. Яъне, вай ба зудӣ ба муҳити забонӣ ворид мешавад. Дар ин радиф, муҳити маҳал, ҳамсолон, ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ низ дар омӯзиши забони давлатӣ нақши асосӣ ва ҳалкунандаро мебозанд. Дар натиҷаи тамошои барномаҳои телевизионӣ, шунидани гуфторҳои радио ва истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ малакаи забондонии хонанда зуд рушд ва ташаккул меёбад. Ҳамчунин, барои хуб аз худ кардани забони давлатӣ омӯзгори соҳибкасб, барномаи таълимӣ, китоби дарсӣ, муҳити забонӣ, низоми таълиму тадрис мавқеи асосӣ ва калидӣ доранд. Агар китоби дарсӣ, барномаи таълимӣ бошаду омӯзгори соҳибкасбу варзида набошад, ин омил ба низоми таълим ва ҷиҳати аз худ кардани забони давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар ин росто, муассисаи таълимӣ муваззаф аст, ки таълимгоҳро бо омӯзгорони соҳибмаълумот (забон ва адабиёти тоҷик), таҷҳизоти техникӣ, асбобҳои аёнии полиграфӣ (навиштаҷоту овезаҳо) таъмин намояд. Хушбахтона, пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» байни омӯзиши забони давлатӣ ва истифодаи он дар ҳаёти ҳаррӯза тавофут хеле кам дида мешавад. Муҳимтарин дастоварди дар ин самт бо барномаи таълимӣ, китобҳои дарсӣ таъмин будани омӯзгорону хонандагон ва чун машғулиятҳои забони русӣ ва хориҷӣ ба зергурӯҳҳо ҷудо намудани онҳо дар дарсҳои забони давлатӣ ба шумор меравад.

Мусоҳиб
Шодӣ РАҶАБЗОД,
«Омӯзгор»

Забони тоҷикӣ аз ҷумлаи тавонотарину ганитарин забонҳои ҷаҳон ба шумор меравад, имконоти зиёди онро аҳли таҳқиқ ва донишмандон борҳо таъкид кардаанд. Ин забони пурфасоҳат дар дарозои таърих ҳаргиз мавқеи худро заррае коҳиш надодааст, балки бо гузашти солҳо, бо вуҷуди ба монеаҳои зиёд дучор омадан, бештар қудратманд гардидаву мавқеъ устувор кардааст. Барои он ки забони тоҷикӣ пойдор боқӣ бимонад, якчанд омил мусоидат кардааст: муҳаббату самимияти халқи тоҷик нисбат ба забони модарии худ, сатҳи баланди ҳувияти миллии мардум, адабиёти ганию фарогир, сиёсати маърифатпарваронаи зумрае аз зиомдорони замонҳо, ҷидду ҷаҳди фарзонафарзандони баору номуси миллат.

Ҳомии забони миллат

Забони тоҷикӣ марҳалаҳои гуногуни рушду такомулро аз сар гузаронидааст. Муҳимтарин ва пурсамартарин марҳалаи шукуфоию пешрафти ин забони ноб ба давраи Истиқлоли давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ омадааст. Истиқлол ба эҳёву рушди анъанаҳои миллӣ, ҷашну маросими дерини мардумӣ ва болоравии ҳисси ифтихори миллии халқи тоҷик мусоидат кард. Сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғози давраи наву бесобиқае барои рушди забони тоҷикӣ ва соҳибмақом шудани он гардид. Ин забони бостонӣ бори аввал аз забони Пешвои миллат тавассути баландтарину боэътибортарин минбарҳои ҷаҳонӣ садо дод ва ба оламиён аз ҳастии давлати соҳибистиқлоли тоҷикон паём расонд. Дар заминаи дастуру ҳидоятҳои Президенти ҷумҳурӣ забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ тамоми бахшу соҳаҳои ҳаёти мамлакатро фаро гирифт. Ҳуҷҷатгузорӣ дар ҳамаи таълимгоҳҳо, вазоратхонаҳо, корхонаҳои истеҳсолӣ ва дигар муассисаҳо комилан ба забони давлатӣ роҳандозӣ гардид. Пешвои миллат дастур доданд, ки номгузории тамоми муассисаҳо ва ташкилоту коргоҳу марказҳо низ ба забони тоҷикӣ ба роҳ монда шавад ва таъкид намуданд, ки эҳтироми забон эҳтироми миллат аст, арҷгузории он тавъам ба ҳувияти миллӣ мебошад. Бо ташаббуси Сарвари кишвар аҳли диёр тадриҷан ному насаби худро ба гунаи анъанавӣ (миллӣ) баргардон карданд ва расмиёти ниёгонро эҳё намудаю идома бахшиданд. Ин падида як навъ табаддулоти ҷиддие дар таҳкими ҷаҳони маънавии сокинони ҷумҳурӣ маҳсуб меёфт. Ҳамчунин, бо ҳидояти Пешвои миллат ба тамоми мавзеъҳои ҷуғрофию таърихии мамлакат номи аслии тоҷикиашон баргардонда шуд, тамоми маҳаллаю маскунгоҳҳои аҳолӣ номи тоҷикона дарёфтанд.

Сарвари кишварамон худ ҳаводори самимии забони давлатӣ – забони тоҷикӣ мебошанд ва ҳамчун ориёии асил бо забони модарӣ хеле равону ширадор сухан мегӯянд, ҳатто дар давоми аксар суханрониҳояшон бадоҳатан порае шеър ё чанд зарбулмасалу мақол мегӯянд. Китобҳои Пешвои миллат «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Ориёиҳо ва шиноҳти тамаддуни ориёӣ», «Чеҳраҳои мондагор» ва «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» бо забони саҳеҳу пурҷозиба навишта шудаанд ва қисмате аз ҳамаи ин китобҳо ба умдатарин масоили марбут ба арзишдоварии забони тоҷикӣ даҳл мекунад. Китоби «Забони миллат – ҳастии миллат» яке аз пурмуҳаббаттарин асарҳои Президенти Тоҷикистон буда, забони тоҷикиро аз ҳар ҷиҳат – таърихи рушд, марҳалаҳои ташаккул, имконоти сарфию наҳвӣ, робита бо илму адаб ва монанди инҳо шарҳу тавзеҳ мебахшад.

Забони тоҷикӣ, мавқеъ ва ҳастии онро дар Тоҷикистон Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» расман ҳифз менамояд. Илова бар ин, бо ташаббуси Пешвои миллат соли 2020 «Барномаи рушди забони давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» таҳия ва қабул шудааст ва дар ин замина, забони модарии мо боз ҳам вусъат меёбаду мавқеъ устувор месозад. Мо ифтихормандем, ки Сарвари кишвари маҳбубамон ҳамеша ва дар ҳама ҳолат ҳомии иродатманди забони тоҷикӣ мебошанд.

Солеҳа ОДИНАЕВА,
омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаб-интернати №4 барои кӯдакони имконияташон маҳдуди шаҳри Душанбе

Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст

Имрӯз, хушбахтона, забони тоҷикӣ бар маснади волои худ ҷой гирифтааст. Пас аз ба даст овардани соҳибистиқлолӣ зиёиёну равшанфикрон ва адибон баҳри мустаҳкам гардидани пояҳои забони тоҷикӣ ҷаҳду талош намуданд. Бо дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 5 октябр Рӯзи забон эълон карда шуд, ки ҳамасола он дар сатҳи баланд ҷашн гирифта мешавад.

Воқеан, дар тарғибу муаррифии забони тоҷикӣ адибони муосири тоҷик – Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар, Гулрухсор, Низом Қосим, Раҳмат Назрӣ ва бисёр дигарон саҳми шоиста гузоштаанд. Дар замони соҳибистиқлолӣ баҳри такомулу ташаккули қоидаҳои забони тоҷикӣ дар назди Ҳукумати ҷумҳурӣ Кумитаи забон ва истилоҳот таъсис дода шудааст. Тайи солҳои охир Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ қабул гардида, ҳамзамон, асарҳои зиёди адабию илмӣ вобаста ба таъриху пайдоиши забони тоҷикӣ аз ҷониби олимону донишмандони тоҷик таълиф ва ба нашр расонда шуданд. Имрӯз вазифаю масъулияти ҳар як шаҳрванди кишвар – омӯзгору муҳандис, табибу бинокор, коргару деҳқон ва олиму адиб аз он иборат аст, ки баҳри тозагии забони тоҷикӣ талош варзида, онро аз ҳар гуна вожаю таркибҳои забонҳои ғайр ҳифз кунанд.

Зеро аз қавли устоди равоншод, шоири шаҳир Бозор Собир:

Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон,
Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.

Зоҳира РАҲМАТОВА,
омӯзгори МТМУ №76-и ноҳияи Фирдавсӣ

Дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон барои омӯзгорон сайри идонаи осорхонавӣ ташкил гардид.

Илми худро макун ҷудо зи амал,
Ки бувад корсоз илму амал.
Камолиддин Биноӣ

МАКТАБИ ОЛӢ

ИЛМ БО АМАЛ САМАРАБАХШ АСТ



Дар густариш додан ва баланд бардоштани сифати таҳсилот ва таъмини пешрафту тавсеаи соҳаи маориф муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ саҳми бориз доранд. Сол то сол заминаҳои моддиву техникии донишкадаву донишгоҳҳои мамлакат такмил меёбанд. Дар ин росто, бо ҷойи кор таъмин намудани хатмкунандагони мактабҳои олӣ низ яке аз вазифаҳои муҳимми масъулин ба шумор меравад. Дар аксари муассисаҳои таълимӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса медиҳанд.

– Яке аз роҳҳои бо кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷалб намудани кордиҳандагон аст,-мегӯяд муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Қудбуддин Муқимзода. – Бо ин мақсад дар донишгоҳ дар соли ҷорӣ ду маротиба ярмаркаи ҷойҳои холии корӣ бо иштироки 34 муассисаи ба кор таъминкунанда баргузор карда шуд. Чунин тарзи ташкили кор имкон медиҳад, ки хатмкунандагон бо кордиҳандагон аз наздик суҳбату мулоқот анҷом дода, бо шарту шароити коргоҳи ояндаи худ аз наздик ошно шаванд. Ин аст, ки қисми зиёди хатмкардагони муассисаи таълимии мо дар муассисаҳои давлатии вобаста ба соҳаи бонкдорӣ, молиявӣ ва вобаста ба самти иқтисоду ҳисобу китоб фаъолият менамоянд.

Ин масъала дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон низ хуб ба роҳ монда шудааст. Чунонки мутахассис оид ба кадрҳои ин донишгоҳ Азизҷон Абдуназаров ба мо иттилоъ дод, донишгоҳ бо зиёда аз 170 корхона, ташкилот ва муассиса, аз ҷумла, бо 60 корхонаи саноатӣ шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонидааст. Барои хатмкунандагон бо ҷалби корфармоён 25 чорабинӣ, аз ҷумла, суҳбатҳои гирди миз ва семинар – тренингҳо баргузор гардиданд. Дар чор корхона – ҶДММ «Нассоҷии тоҷик», ҶДММ «Пиллаи тоҷик», ҶСК «Гулистони Душанбе», Комбинати шири Душанбе ва Агентии «Тоҷикстандарт» ба 104 донишҷӯи курсҳои 2, 3 ва 4 аз рӯйи шаш ихтисос дарсҳои амалӣ баргузор карда шуданд, ки ин заминаи муҳим барои гузариш ба низоми таҳсилоти дуалӣ фароҳам месозад ва имкон медиҳад, ки донишҷӯ аллакай пас аз хатми донишгоҳ ҷойи кори ояндаашро муайян намояд.

Бо ҷойи кор таъмин намудан ва мониторинги хатмкунандагон низ яке аз вазифаҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин, оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 27-уми майи соли 2017, №262) «Дар бораи тартиби тақсимот ва бо ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон» моҳи майи соли 2026 бо ҷалби зиёда аз 50 ширкату корхона намоишгоҳ ва ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ барои хатмкунандагон баргузор гардид. А. Абдуназаров гуфт, аз 462 нафар хатмкардаи шуъбаи рӯзонаи 430 нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд, ки дар умум, 94,4 фисадро ташкил медиҳад ва нисбат ба соли 2025-ум 1,4 фисад зиёд аст. Илова бар ин, 285 нафар донишҷӯ (курсҳои 1-4) баробари донишомӯзӣ дар корхонаҳои фаъолияташон гуногун 0,5 басти корӣ ба шуғл фаро гирифта шудаанд. Дар баробари ин, бо мусоидати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи барномаи СММ ҳоло 15 нафар донишҷӯ ба таҷрибаомӯзии муздноқ сафарбар гардиданд.

Масъалаи бо ҷойи кор таъмин намудани хатмкунандагон дар дигар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар низ хуб ба роҳ монда шудааст. Бино ба иттилои маъмурияти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ҳанӯз чоруми майи соли ҷорӣ дар донишгоҳ тақсимоти мутахассисони ҷавони равияи омӯзгорӣ барои соли таҳсили 2026-2027 баргузор гардида буд. Дар натиҷа 147 нафар хатмкунанда, аз ҷумла, 29 нафар тибқи квотаи Президентӣ вобаста ба ихтисосҳояшон ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ фиристода шуданд. Айнан чунин иқдом дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ низ баргузор гардид. Ҳангоми тақсимот 359 нафар хатмкунанда, аз ҷумла, 97 нафар тибқи квотаи Президентӣ аз рӯйи ихтисос ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафарбар гардиданд.

Дар Консерваторияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов низ барои бо ҷойи кор таъмин намудани хатмкунандагон ҳеҷ мушкилот вуҷуд надорад. Дар ин масъала ба мо муовини ректор Лутфулло Шарифзода иттилоъ дод. Мавсуф гуфт, ки Консерваторияи миллиро имсол 67 нафар донишҷӯ (зинаи бакалавриат) бомуваффақият хатм намуданд. Аз 27 нафар хатмкардаи шуъбаи рӯзонаи шакли таҳсили буҷавӣ 23 нафарашон бо ҷойи кор таъмин гардиданд ва 4 нафари боқимонда ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хоҳиши худ сафарбар гардиданд.

– Умуман, - мегӯяд Л. Шарифзода, - ҳамасола оид ба масъалаи тақсими кадрҳо мушкилот надорем. Агар як қисми онҳо ба гурӯҳҳои эҷодии консертӣ ва ансамблҳои давлатӣ аз рӯйи ихтисос ба кор раванд, қисми дигарашон дар қасрҳои фарҳангӣ, шуъбаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун омӯзгори суруду мусиқӣ ба фаъолият мепардозанд.

Бино ба иттилои ректори Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон Сироҷиддин Ҷӯрахонзода, раёсати донишкада таъмини мутахассисони ҷавонро бо ҷойи кор яке аз масъалаҳои калидӣ дар фаъолияти хеш медонад. Аз шумораи умумии хатмкардагони имсола 31 нафарро муҳассилини гурӯҳҳои буҷавии равияи омӯзгорӣ ташкил медоданд. Тибқи роҳхати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин гурӯҳ ва 15 нафар хатмкунандаи гурӯҳҳои буҷавии равияи ғайриомӯзгорӣ дар асоси роҳхати Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра бо ҷойи кор таъмин гардиданд.

Ҳадаф аз таҳсил дар муассисаи давлатӣ, хосса дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунари ба завқу салиқаи худ мувофиқ мебошад. Муассисаҳое, ки хатмкардагони макотиби таҳсилоти олии касбӣ ба ихтиёри онҳо ҳамчун корманд фиристода мешаванд, бояд барои корманди хуб ва дар оянда мутахассиси варзида шудани онҳо мусоидат намоянд.

Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»

АМАЛКАРД

Ёвон: натиҷаҳо назаррасанд

Директори Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои назди шуъбаи маорифи ноҳияи Ёвон Акмалҷон Акрамов зимни суҳбат изҳор дошт, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияти марказ баргузории олимпиадаҳои фаннии хонандагон мебошад.

Мутобиқи маълумот, дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ 85 хонандаи ноҳияи Ёвон иштирок карда, 42 нафари онҳо бо медал ба ноҳия баргаштанд. Дар умум, хонандагони ноҳия як медали тилло, панҷ медали нуқра ва 36 медали биринҷӣ ба даст оварданд. Дар натиҷаи ҷамъбасти байни 25 шаҳру ноҳияи вилояти Хатлон ноҳияи Ёвон мақоми шашумро соҳиб шудааст.

Дар ин миён, Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» барои дарёфти хонандагони болаёқат ва чеҳраҳои нави илм пешбинӣ шудааст, ки ҳамасола дар сатҳи баланд баргузор мегардад. Агар олимпиадаҳо бештар ба муайян кардани қобилиятҳои фаннии хонандагон равона шуда бошанд, Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» доираи васеътареро фаро мегирад.

Дар асоси маълумоти мавҷуда, дар даври аввал 3415 нафар довталаб иштирок карда, 683 нафар ба даври ноҳиявӣ роҳ ёфтанд. Дар даври ноҳиявӣ 76 нафар ғолиб дониста шуда, ба даври вилоятӣ роҳхат гирифтанд.

Ҳамчунин, баргузории озмунҳои «Ҳисобдони беҳтарин», «Доноёк», «Хонандаи соли 2026» ва «Луғатдони беҳтарин» низ аз ҳамин раванд дарак медиҳанд. Яъне, хонандагон дар ин озмунҳо ширкат варзида, хотира, донистани забон, тафаккури мантиқӣ, суръати фикрронӣ ва дониши худро месанҷанд.

Як паҳлуи дигари натиҷаҳои соли таҳсили 2025-2026, иштироки хонандагони ноҳияи Ёвон дар олимпиадаву озмунҳои байналмилалӣ мебошад. Тибқи маълумот, 706 нафар хонанда дар озмунҳои JEO-SEO, «Жар-Пиницта», AMS-2025, ITMC, BRANIACS ва AMC-2026 иштирок кардаанд.

***

Мутобиқи маълумоти Фотеҳ Қурбонзода, директори Маркази технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионии назди шуъбаи маорифи ноҳияи Ёвон, дар 87 муассисаи таҳсилоти умумӣ 46 ҳазору 1 хонандаи синфҳои 5-11 аз фанни технологияи иттилоотӣ таълим мегиранд. Ба ин шумораи хонандагон 136 омӯзгори фанни технологияи иттилоотӣ дарс медиҳанд, ки аз онҳо 91 нафар маълумоти олӣ ва 45 нафар маълумоти миёнаи касбӣ доранд. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия 2040 компютер, 286 принтер, 98 тахтаи электронӣ, 2203 камераи мушоҳидавӣ ва 135 видеопроектор мавҷуд аст. Ҳамчунин, 25 компютер дар ҳолати таъмирталаб қарор доранд.

Агар шумораи умумии хонандагонро ба теъдоди компютерҳо муқоиса кунем, ба ҳисоби миёна ба ҳар як компютер тақрибан 22 хонанда рост меояд. Албатта, ин таносуби умумӣ аст ва тақсимоти воқеии техника байни муассисаҳо ва шумораи хонандагон яксон буда наметавонад.

Ҳамзамон, гуфта мешавад, ки дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ аз ҳисоби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия 134 компютер ва принтер дастрас гардидаанд. Ҳамзамон, аз ҳисоби маблағҳои буҷети муассисаҳои таълимӣ 134 компютери фардӣ ва 6 принтер харидорӣ ва ба истифода дода шудааст.

Дар баробари харидорӣ, масъалаи дигаре, ки дар таҷрибаи ноҳияи Ёвон ба назар мерасад, нигоҳдории техникаи мавҷуда мебошад. Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 56 компютери таъмирталаб барқарор карда шуда, барои истифода ба муассисаҳои таълимӣ омода гардидааст.

Техникаи таълимӣ низ мисли ҳар таҷҳизоти дигар фарсуда мешавад, ба таъмир ва навсозии барномаҳо ниёз пайдо мекунад. Аз ин рӯ, сиёсати рақамикунонӣ, пеш аз ҳама, ба низоми нигоҳдории он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудан мебошад.

Қадами дигари муҳимми рақамикунонии соҳаи маориф, ташаккули муҳтавои рақамии таълим мебошад. Дар ин самт ба муассисаҳои таълимии ноҳияи Ёвон 85 адад маводи электронии флешкортӣ дастрас шудааст, ки дар маҷмуъ, беш аз 11 ҳазору 181 китоби электронӣ доранд. Ин захираҳо метавонанд дастрасии омӯзгорону хонандагонро ба маводи таълимӣ васеъ кунанд ва китобҳои электрониро ба як қисми муҳити таълим табдил диҳанд.

Барои шиносоӣ аз вазъи мавҷуда ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳия рафтем, ки дар умум, 21 компютер дар синфхонаи компютерӣ мавҷуд буд. Хонандагон, ки дарси таърих мегузаштанд, аз манбаъҳои иловагӣ тавассути компютер истифода мекарданд.

Дар МТМУ №16 бинобар набудани хати интернетӣ модем ҳамчун роҳи дастрасӣ ба интернет пешниҳод шудааст. Ин метавонад масъалаи пайвастшавиро то андозае ҳал кунад, вале самаранокии чунин роҳ аз сифати алоқа, суръат, ҳаҷми интернет ва имкони истифодаи ҳамзамони он аз ҷониби омӯзгорону хонандагон вобаста аст. Аз ин рӯ, дар марҳалаи минбаъда масъалаи интернет бояд дар баробари масъалаи компютер низ баррасӣ шавад.

Вазъи синфхонаи компютерӣ ва рақамикунонии соҳа, бар хилофи МТМУ №16, дар МТМУ №72 хуб набуд. Хостем аз синфхонаи компютерии муассисаи мазкур дидан намоем, вале масъулин изҳор доштанд, ки синфхонаи компютерӣ надоранд.

Агар рақамикунонии соҳаи маориф ба ҳамаи хонандагон имконоти нави омӯзиширо пешниҳод кунад, пас танҳо зиёд кардани шумораи умумии техника дар сатҳи ноҳия кофӣ нест.

Ҷасури ҚИЁМИДДИН,
«Омӯзгор»

Дар ноҳияи Ванҷ литсейи касбии техникӣ сохта мешавад.

РИЁЗӢ

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

Машғулияти бисту нуҳум (синфҳои 8-9)

ИСБОТИ НОБАРОБАРИҲО БО ТАТБИҚИ НОБАРОБАРИҲОИ ШОЁНИ ТАВАҶҶУҲ


Масъалаи 134. Агар $p > 0$ ва $q > 0$ бошад, исбот кунед, ки $(p + 2)(q + 2)(p + q) \geq 16\,pq$ мешавад.

Масъалаи 135. Агар $a + b + c = 1$ бошад, исбот кунед, ки $a^2 + b^2 + c^2 \geq \frac{1}{3}$ мешавад.

Масъалаи 136. Исбот кунед, ки барои дилхоҳ x, y, z ва $xyz \neq 0$ дар соҳаи ададҳои ҳақиқӣ нобаробарии $(x^2 + y^2 + z^2)\left(\frac{1}{x^2} + \frac{1}{y^2} + \frac{1}{z^2}\right) \geq 9$ иҷро мешавад.

Масъалаи 137. Агар $a, b, c < 0$ бошад, исбот кунед, ки нобаробарии $\frac{a^3}{bc} + \frac{b^3}{ca} + \frac{c^3}{ab}\ a + b + c$ ҷой дорад.

Масъалаи 138. Исбот кунед, ки барои дилхоҳ $a, b, c > 0$ нобаробарии $a + b + c \leq \frac{a^2}{b} + \frac{b^2}{c} + \frac{c^2}{a}$ иҷро мегардад.



ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО

134. Ҳал. Барои исботи нобаробарии додашуда аз нобаробарии маълуми зерин истифода мебарем:

$\frac{a+b}{2} \geq \sqrt{ab}$ ё ки $a + b \geq 2\sqrt{ab}$, дар ин ҷо $a \geq 0$ ва $b \geq 0$.

Мувофиқи нобаробарии Кошӣ, нобаробариҳои зеринро пайдо мекунем:

$p + 2 \geq 2\sqrt{2p}$; $q + 2 \geq 2\sqrt{2p}$ $p + q \geq 2\sqrt{pq}$.

Тарафҳои чап ва рости нобаробарии ҳосилшударо бо ҳам зарб мекунем:

$(p + 2)(q + 2)(p + 2) \geq 2\sqrt{2p} \cdot 2\sqrt{2q} \cdot 2\sqrt{2pq}$;

$(p + 2)(q + 2)(p + q) \geq 8\sqrt{2p \cdot 2} \cdot pq$;

$(p + 2)(q + 2)(p + q) \geq 8\sqrt{(2pq)^2}$;

$(p + 2)(q + 2)(p + q) \geq 16pq$.

Ҷавоб: Исбот шуд.

135. Исбот. Аз нобаробарии Кошӣ-Буняковский-Шварс $(a_1^2 + a_2^2 + a_3^2)(b_1^2 + b_2^2 + b_3^2) \geq (a_1b_1 + a_2b_2 + a_3b_3)^2$ истифода мебарем.

$1 = a + b + c = a \cdot 1 + b \cdot 1 + c \cdot 1 \leq$

Азбаски $a_1b_1 + a_2b_2 + a_3b_3 \leq \sqrt{a_1^2 + a_2^2 + a_3^2} \cdot \sqrt{b_1^2 + b_2^2 + b_3^2}$ аст, пас пайдо мекунем:

$\leq \sqrt{a^2 + b^2 + c^2}\sqrt{1^2 + 1^2 + 1^2} = \sqrt{3} \cdot \sqrt{a^2 + b^2 + c^2}$.

Ё ки $\sqrt{3} \cdot \sqrt{a^2 + b^2 + c^2} \geq 1$; $3(a^2 + b^2 + c^2) \geq 1$;

$a^2 + b^2 + c^2 \geq \frac{1}{3}$.

Дурустии нобаробариро исбот кардан лозим буд.

Ҷавоб: Исбот шуд.

136. Исбот. Чунин табдилоти ғайристандартиро қадам ба қадам иҷро мекунем:

$3 = 1 + 1 + = x \cdot \frac{1}{x} + y \cdot \frac{1}{y} + z \cdot \frac{1}{z} \leq$

Дар ин ҷо нобаробарии Кошӣ-Буняковский-Шварсро татбиқ мекунем:

$\leq \sqrt{x^2 + y^2 + z^2} \cdot \sqrt{\frac{1}{x^2} + \frac{1}{y^2} + \frac{1}{z^2}}$.

Ё ки $\sqrt{x^2 + y^2 + z^2} \cdot \sqrt{\frac{1}{x^2} + \frac{1}{y^2} + \frac{1}{z^2}} \geq 3$ шуда, $(x^2 + y^2 + z^2) \cdot \left(\frac{1}{x^2} + \frac{1}{y^2} + \frac{1}{z^2}\right) \geq 9$ мешавад.

Ҳамин тавр, нобаробарии матлуб исбот гардид.

Ҷавоб: Исбот шуд.

137. Исбот. Барои исботи нобаробарии мазкур аз нобаробарии Кошӣ истифода мекунем.

$\frac{a^3}{bc} + b + c \geq 3 \cdot \sqrt[3]{\frac{a^3}{b} \cdot b \cdot c} = 3a;$

$\frac{b^2}{ca} + c + a \geq 3 \cdot \sqrt[3]{\frac{b^3}{ca} \cdot c \cdot a} = 3b;$

$\frac{c^2}{ab} + b + a \geq 3 \cdot \sqrt[3]{\frac{c^3}{ab} \cdot a \cdot b} = 3c.$

Тарафҳои чап ва рости нобаробариҳоро ҷамъ мекунем:

$\frac{a^3}{bc} + b + c + \frac{b^3}{ca} + c + a + \frac{c^3}{ab} + b + a \geq 3a + 3b + 3c;$

$\frac{a^3}{bc} + \frac{b^3}{ca} + \frac{a^3}{ab} + 2(a + b + c) \geq 3(a + b + c);$

$\frac{a^3}{bc} + \frac{b^3}{ca} + \frac{a^3}{ab} \geq a + b + c.$

Нобаробарии матлуб исбот гардид.

Ҷавоб: Исбот шуд.

138. Исбот. Барои дар нобаробарии додашуда татбиқ намудани нобаробарии Кошӣ-Буняковский-Шварс табдилоти зеринро иҷро мекунем:

$a + b + c = 1 \cdot a + 1 \cdot b + 1 \cdot c =$

$= \sqrt{(\sqrt{b})^2 + (\sqrt{c})^2 + (\sqrt{a})^2} \leq$

$\leq \sqrt{\left(\frac{a}{\sqrt{b}}\right)^2 + \left(\frac{b}{\sqrt{c}}\right)^2 + \left(\frac{c}{\sqrt{a}}\right)^2} \cdot$

Ё ки $a + b + c \leq \sqrt{a + b + c} \cdot \sqrt{\frac{a^2}{b} + \frac{b^2}{c} + \frac{c^2}{a}}$ мешавад.

Ҳар ду тарафи нобаробарии мазкурро ба квадрат бардошта, ҳосил мекунем:

$(a + b + c)^2 \leq \left(\sqrt{a + b + c} \cdot \sqrt{\frac{a^2}{b} + \frac{b^2}{c} + \frac{c^2}{a}}\right)^2;$

$(a + b + c)^2 \leq \left(a + b + c \cdot \sqrt{\frac{a^2}{b} + \frac{b^2}{c} + \frac{c^2}{a}}\right)^2.$

Ҳар ду тарафи нобаробариро ба ифодаи $a + b + c$ тақсим намуда, пайдо мекунем.

$a + b + c \leq \frac{a^2}{b} + \frac{b^2}{c} + \frac{c^2}{a}$.

Пас, шарти нобаробарӣ иҷро гардид.

Ҷавоб: Исбот шуд.

Мамадҷон МАҲКАМОВ,
профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

ОСОИШТАГӢ

Сулҳу субот - асоси пешрафти ҷомеа

Сулҳ, пеш аз ҳама, осмони соф, чеҳраи хандони кӯдакон, зиндагии ором, хонаву дари обод, мактабҳои пур аз хонандагон, беморхонаҳои муҷаҳҳаз, роҳҳои обод ва умеди нек ба фардо мебошад.

Инсоният дар тӯли таърих барои ба даст овардани зиндагии осоишта талошҳои зиёде кардааст. Ҷанг давлатҳоро хароб намуда, миллионҳо одамонро қурбони худ кардааст. Дар натиҷаи низоъҳо на танҳо ҷони инсон, балки фарҳанг, иқтисод, илму маориф ва дастовардҳои чандинсолаи ҷомеа низ зарар мебинанд.

Вақте дар кишвар сулҳу субот ҳукмфармост, мардум ба оянда бо боварӣ менигаранд. Соҳибкор корхона месозад, омӯзгор насли навро таълим медиҳад, олим ба пажуҳиш машғул мешавад, табиб барои ҳифзи саломатии мардум кор мекунад. Тараққиёти иқтисодӣ низ бе субот имконнопазир аст. Барои сохтани корхонаҳо, роҳҳо, неругоҳҳо, мактабҳо ва иншооти дигари муҳим муҳити орому устувор зарур аст.

Таҷрибаи таърихии Тоҷикистон низ нишон медиҳад, ки сулҳу ваҳдат чӣ гуна метавонанд сарнавишти як ҷомеаро тағйир диҳанд. Вақте мардум ба ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамдилӣ ва ҳамкорӣ мерасанд, роҳи ободонӣ боз мегардад. Мо бояд дарк кунем, ки сулҳ танҳо дастоварди гузашта нест, балки масъулияти имрӯз ва фардои мост. Ҳар насл бояд барои ҳифзи он саҳми худро гузорад.

Нақши ҷавонон дар таҳкими сулҳ бағоят бузург аст. Ҷавонон қувваи пешбарандаи ҷомеа мебошанд. Ояндаи ҳар давлат ба дониш, ҷаҳонбинӣ ва ахлоқи насли ҷавон вобаста аст. Аз ин рӯ, тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, эҳтироми инсон ва муҳаббат ба Ватан яке аз роҳҳои муҳимми таҳкими сулҳ мебошад.

Ҳар як фарде, ки худшиносии миллӣ дорад, аз ҳувияти миллӣ огоҳ аст, дар назди сулҳ масъулияти баландро эҳсос мекунад.

Ҳар як инсон бояд дарк кунад, ки оромии ҷомеа аз рафтори ҳаррӯзаи худи мо низ вобаста аст. Сулҳ асоси зиндагии осоишта, пешрафти давлат ва хушбахтии инсон аст. Бинобар ин, сулҳ арзиши зиндагист. Онро бояд бо фарҳанги баланд, дониш, таҳаммулпазирӣ, эҳтироми якдигар ва ваҳдати ҷомеа ҳифз кард.

Гулҷаҳон МАЛИКОВА,
ходими хурди илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

ҲАМОИШ

Ҳафтаномаи «Омӯзгор» ойнаи таърихи маориф ва матбуоти кишвар буда, дар тӯли фаъолияти худ дар рушди маърифату фарҳанг, пешрафти ҷомеа ва тарбияи наслҳо хидматҳои шоиста анҷом додааст. Ин нашрияи маъруфу серхонанда барои чандин насли адибон, публитсистон ва рӯзноманигорон мактаби касбӣ ва эҷодӣ ба шумор рафта, дар ин даргоҳи маърифат шахсиятҳои зиёде фаъолият намудаанд, ки ҳам дар рушду пешрафти ҳафтанома ва ҳам дар такомули матбуоти тоҷик саҳми бориз гузоштаанд.



«ОМӮЗГОР» МАКТАБ АСТ

6 октябри соли равон дар идораи ҳафтаномаи «Омӯзгор» ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ ва Рӯзи омӯзгорон таҳти унвони «Посдорони забон, собиқадорони соҳибмактаб» ҳамоиш баргузор гардид. Дар он ду шахсияти фидоӣ ва собиқадори соҳа – Нависандаи халқии Тоҷикистон, адиби шинохта ва рӯзноманигори варзида Марямбонуи Фарғонӣ ва собиқ сармуҳаррири ҳафтаномаи «Омӯзгор», рӯзноманигори соҳибтаҷриба Муҳаммадшариф Бобошоҳзода иштирок намуданд.

Дар оғоз сармуҳаррири ҳафтанома Эҳсон Сафарзода дар бораи фаъолияти меҳмонон маълумоти мухтасар дода, аз саҳми онҳо дар пешрафти нашрия ва тарбияи рӯзноманигорони ҷавон ёдовар шуд. Ӯ хидматҳои собиқадоронро дар ҳифзи анъанаҳои неки рӯзноманигорӣ ва таҳкими ҷойгоҳи «Омӯзгор» дар фазои матбуоти кишвар арзишманд донист.

Сипас Муҳаммадшариф Бобошоҳзода ва Марямбонуи Фарғонӣ аз солҳои фаъолияти худ дар нашрия ёдовар шуда, хотираҳои ҷолибашонро ба самъи ҳозирон расонданд. Ёдҳо аз ҳамкорону устодон, ҷараёни омодасозии мавод ва заҳмати аҳли эҷод ба иштирокдорон имкон доданд, ки бо муҳити корӣ ва анъанаҳои касбии нашрия бештар ошно шаванд.

Ҳамчунин, ба рӯзноманигорони ҷавон барои фаъолияти пурсамар маслиҳатҳои судманд доданд. Суҳбати онҳо дар бораи таҷрибаи корӣ ва нозукиҳои рӯзноманигорӣ барои кормандони ҷавон сабақи омӯзанда буд.

Дар идомаи ҳамоиш кормандони нашрия низ аз ҳамкорӣ бо собиқадорон ва лаҳзаҳои ҷолиби фаъолияти муштаракашон ёдовар шуданд. Рӯзноманигорони ҷавон саволҳои худро ба меҳмонон пешниҳод намуда, посуххои муфассалу омӯзанда гирифтанд. Ба ин тартиб, мулоқот ба суҳбати самимии устодону шогирдон ва табодули таҷрибаи касбӣ табдил ёфт.

Бояд қайд кард, чандин сол аст, ки дар арафаи иду ҷашнҳо, бахусус, Рӯзи матбуоти тоҷик аёдати собиқадорони «Омӯзгор» ба анъанаи нек табдил ёфтааст. Воҳӯрии мазкур идомаи ҳамин иқдом буда, ба таҳкими муносибатҳои устодию шогирдӣ ва пайванди наслҳои рӯзноманигорон мусоидат мекунад. Чунин дидорҳо ҳам нишонаи қадршиносии собиқадоронанд ва ҳам василаи интиқоли таҷрибаи онҳо ба насли нав.

Шоистаи таъкид аст, ки соли 2024 китоби «Замоне бо «Омӯзгор»» ва соли 2025 китоби «Сармуҳаррирони «Омӯзгор»» ба табъ расиданд, ки дар ин китобҳо фаъолияти роҳбарони нашрия ва зумрае аз собиқадорон бозтоби худро ёфтааст.

Н. ОХУНЗОДА,
«Омӯзгор»

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар рейтинги GreenMetric World University Rankings 2026 ба натиҷаи бесобиқа ноил гардид.

Чун бувад илм бе амал, на накуст,
Ки ғараз аз шукуфа меваи ӯст.
Камолидддин Биноӣ

ТАРБИЯ

Аввалин китоби фарзанд зиндагии падару модар аст

Мо бисёр вақт аз тарбияи фарзанд сухан мегӯем ва нахустин чизе, ки ба ёдамон меояд, насиҳатест, ки ба кӯдак чӣ бигӯем, ӯро аз кадом кор боздорем, ба чӣ роҳнамоӣ кунем, чӣ гуна фаҳмонем, ки некӣ чисту бадӣ кадом аст. Вале тарбия аз насиҳат огоз намешавад, балки хеле пештар, ҳатто пеш аз он ки кӯдак маънои бисёре аз суханони моро пурра дарк кунад, огоз шудааст. Кӯдак пеш аз он ки китоб хондanро ёд гирад, чеҳра, рафтор, муносибат ва сухани падару модарро «мехонад». Пеш аз он ки кӯдак дар бораи ростгӯӣ, эҳтиром ва адолат дарс бишнавад, аз зиндагии ҳаррӯзаи атрофиёнаш онҳоро меомӯзад. Мебинад, ки калонсолон дар хона то чӣ андоза рост мегӯянд. Ӯ эҳтиром ё беэҳтиромиро дар муносибатҳои онҳо эҳсос мекунад ва дарк менамояд, ки бо ӯ ва дигар аъзои хонавода одилона рафтор мекунанд ё не.

Аз ҳамин ҷост, ки хонавода нахустин мактаби инсон аст, аммо ин мактаб синфхона, тахтаи синф ва китоби дарсӣ надорад. Барномаи он тарзи зиндагии худи мост. Муаллими аввалини кӯдак падару модаранд ва нахустин китоби ӯ зиндагии онҳост.

Ин андеша дар замони мо аҳаммияти бештар пайдо кардааст. Мо мехоҳем фарзандонамон соҳибмаърифат, ҷасур, эҷодкор, мустақил ва масъул бошанд. Мехоҳем фикри худро дошта бошанд, фирефтаи ҳар хабар нашаванд, ҳақро аз ботил фарқ кунанд ва дар зиндагӣ роҳи худро ёбанд. Аммо пурсиши асосӣ ин аст, оё муҳите, ки мо барои онҳо месозем, воқеан чунин инсонро тарбия мекунад?

Баъзан миёни орзуи мо ва тарзи тарбияи мо зиддият пайдо мешавад. Мо мегӯем, ки фарзанд бояд соҳибандеша бошад, аммо вақте андешааш бо фикри мо мувофиқат намекунад, онро беэҳтиромӣ мешуморем. Мегӯем, ки бояд бисёр бипурсад, аммо аз пурсишҳои пайдарпайи ӯ хаста мешавем ва мегӯем: «Бас кун, зиёд напурс, калон шав», баъд мефаҳмӣ». Аз ӯ ростгӯӣ талаб мекунем, вале вақте ҳақиқати нохушеро ба забон меорад, сарзанишаш мекунем. Мехоҳем озод фикр кунад, вале гоҳе танҳо ҳамон посухеро мепазирем, ки худамон интизораш ҳастем. Кӯдак дар чунин муҳит хеле зуд мефаҳмад, ки барои осуда зиндагӣ кардан на ҳамеша рост гуфтан ё фикри худро баён кардан лозим аст. Баъзан беҳтар аст чизеро бигӯяд, ки калонсол мехоҳад бишнавад. Ва ҳамин ҷо хатар оғоз мешавад! Ба ҷойи андешидан, ӯ «писанд омадан» ба дигаронро меомӯзад.

Тарбияи воқеӣ бояд натиҷаи дигар дошта бошад. Падару модар набояд аз пурсиши фарзанд битарсанд. Баръакс, ҳар пурсиши фарзанд имконияти тарбияти ӯст. Ба ҷойи он ки ҳамеша бигӯем: «Ин корро кун», «Ин корро накун», «Ман гуфтам, тамом!», баъзан метавон пурсид: «Ба назари ту чаро ин кор дуруст аст?», «Агар ту дар ҷойи ӯ мебудӣ, чӣ мекардӣ?», «Оё роҳи дигаре ҳам ҳаст?», «Чаро чунин фикр мекунӣ?». Ин гуна пурсишҳо одӣ менамоянд, вале дар зеҳни кӯдак кори бузургеро анҷом медиҳанд. Ӯ меомӯзад, ки барои ҳар назар бояд далеле дошта бошад. Мефаҳмад, ки масъала метавонад бештар аз як роҳи ҳал дошта бошад. Ба фикри дигарон гӯш доданро ёд мегирад. Муҳимтар аз ҳама, дармеёбад, ки андешаи ӯ арзиш дорад. Албатта, ин маънои онро надорад, ки кӯдак бояд бе ҳадду марз ба воя расад. Тарбияи дуруст ҳам озодӣ мехоҳад ва ҳам қоида. Аммо қоида бояд то ҳадди имкон ба фарзанд фаҳмонида шавад. Ӯ бояд на танҳо бидонад, ки «ин корро кардан хуб нест», балки тадричан бифаҳмад, ки чаро набояд ин корро анҷом диҳад. Тарсе, ки рафторро муваққатан идора мекунад, ҳанӯз тарбия нест. Тарбия вақте самар медиҳад, ки кӯдак на танҳо қоидаро бишнавад, балки маънои онро бифаҳмад ва аз рӯйи он амал кунад.

Дар ин раванд забони хонавода нақши фавқулода муҳим дорад. Мавлонои Балхӣ гуфтааст:

Одамӣ махфист дар зери забон,
Ин забон пардаст бар даргоҳи ҷон.

Сухани инсон ҷаҳони ботинии ӯро ошкор мекунад. Аммо сухан танҳо ошкоркунанда нест, тарбияткунанда ҳам ҳаст. Кӯдак бо забони хона на танҳо вожа меомӯзад, балки муносибат бо инсон ва ҷаҳонро аз худ мекунад. Агар забони ҳоким дар хона забони таҳқир, таҳдид, фарёд ва фармон бошад, ҳамин тарзи муносибат тадричан барои ӯ муқаррарӣ мешавад. Агар аъзои оила дар хона бо ҳам суҳбат кунанд, далел биёранд, узр пурсанд, сухани якдигарро бишнаванд ва ҳатто ҳангоми ихтилоф эҳтиромро нигоҳ доранд, кӯдак низ ҳамин фарҳангро меомӯзад.

Мушкили дигаре, ки имрӯз бештар мушоҳида мешавад, кам шудани суҳбати воқеӣ дар хонавода аст. Аҷиб аст, ки воситаҳои иртиботии мо ҳаргиз ин қадар зиёд набуданд, аммо имкони муошарати амиқ камтар шудааст. Падар телефони худро дорад, модар телефони худро, фарзанд низ дар ҷаҳони рақамии худ зиндагӣ мекунад. Одамон метавонанд соатҳо дар як хона бошанд, вале бо ҳам чанд ҷумла бештар нагӯянд. Ҳатто суҳбати мо бо фарзанд аксаран ба чанд пурсиши маъмул маҳдуд мешавад: «Дарсатро хондӣ?», «Баҳоят чанд шуд?», «Имтиҳонро чӣ хел супоридӣ?». Ин пурсишҳо заруранд, вале барои тарбияи инсони андешаманд кофӣ нестанд. Чаро аз ӯ напурсем: «Имрӯз чӣ чиз туро ба ҳайрат овард?», «Бо кадом фикри муаллим ё ҳамсинфат розӣ нашудӣ?», «Чаро розӣ нашудӣ?», «Имрӯз чӣ чизеро фаҳмидӣ, ки дирӯз намедонистӣ?», «Кадом пурсиш то ҳол дар ёдат мондааст?». Фарқи ин ду навъи пурсиш хеле бузург аст. «Баҳоят чанд шуд?» натиҷаро мепурсад. «Чаро чунин фикр мекунӣ?» тарзи андешиданро мепурсад. Аввалӣ барои назорат лозим аст, дувумӣ барои парвариши ақл.

Аммо тавонотарин воситаи тарбияи падару модар боз ҳам намунаи шахсии онҳост. Агар падар китоб нахонад, вале ҳар рӯз фарзандашро ба китобхонӣ даъват кунад, суханаш тадричан таъсири худро гум мекунад. Агар модар аз ростгӯӣ ҳарф занад, вале кӯдак борҳо бинад, ки худи калонсолон барои осонии кори худ дурӯғ мегӯянд, ӯ на сухан, балки рафторро ҳамчун ҳақиқат қабул мекунад. Агар дар хона аз ахлоқ бисёр сухан равад, вале таҳқир, фарёд ва беэҳтиромӣ одати ҳаррӯза бошад, кӯдак ахлоқро аз китоб не, аз ҳамин муносибатҳои зинда меомӯзад. Аз ин рӯ, падару модар будан танҳо ҳаққи табиӣ нест. Масъулияти бузурги фарҳангист. Ҳеч кас аз рӯзи таваллуди фарзанд худ ба худ мураббии комил намешавад. Падару модар низ бояд омӯзанд, китоб бихонанд, фикр кунанд, таҷрибаи худро бозбинӣ намоянд ва ҳатто дар назди фарзанд хатои худро эътироф карда тавонанд. Ҷумлаи «намедонам, биё, бо ҳам посухи ҳалли ин мушкилотро пайдо мекунем» шояд аз сад насиҳат таъсирбахштар бошад, зеро кӯдак аз он ду чиз меомӯзад: надонистан шарм нест ва донишро метавон ҷустуҷӯ кард.

Хонавода огози тарбия аст, аммо идомаи ин роҳ дар мактаб сурат мегирад. Дар ҳамин ҷо масъулияти омӯзгор оғоз мешавад. Замоне омӯзгор яке аз манбаъҳои асосии иттилоот буд. Хонанда барои гирифтани дониш бештар ба китоб ва сухани муаллим вобаста буд. Имрӯз вазъ комилан дигар шудааст. Телефон дар дасти наврас метавонад дар чанд сония ҳазорон посух пеш гузорад. Зеҳни сунъӣ метавонад матн эҷод кунад, интернет метавонад садҳо маълумот пешниҳод намояд. Аз ин тағйирот баъзан чунин хулоса мегиранд, ки мақоми омӯзгор коста шудааст. Баръакс, дар ҷаҳони фаровонии иттилоот нақши омӯзгор аз ҳар вақти дигар муҳимтар гардидааст. Вале вазифаи ӯ дигаргун шудааст. Акнун омӯзгори хуб танҳо касе нест, ки маълумоти бештар медиҳад. Ӯ бояд ба шогирд омӯзонад, ки аз байни анбуҳи маълумот чӣ гуна маълумоти дурустро интихоб кунад, манбаъро чӣ гуна бисанҷад, далелро аз даъво ва овозаро аз хабар фарқ карда тавонад. Масъалаи асосии мактаби имрӯз ин нест, ки хонанда чанд саҳифа аз ёд кардааст. Пурсиши муҳимтар ин аст: ӯ бо дониши худ чӣ кор карда метавонад? Оё метавонад матнеро бихонад ва фикри асосии онро дарёбад? Оё метавонад байни ду андеша муқоиса кунад? Оё медонад, далел чист? Метавонад бигӯяд: «Ман бо ин фикр розӣ нестам, зеро...»? Агар далели беҳтаре пешниҳод шавад, оё омода аст назари худро ислоҳ кунад? Ин қобилиятҳо худ аз худ ба вуҷуд намеоянд. Мактаб бояд онҳоро огоҳона парвариш диҳад.

Кӯдак табиатан пурсанда аст. Ҳар падару модар медонад, ки кӯдаки хурдсол рӯзро бо «чаро?» мегузаронад. «Чаро осмон кабуд аст?», «Чаро шаб фаро мерасад?», «Чаро ин кор дуруст нест?». Пурсиш барои ӯ роҳи кашфи ҷаҳон аст. Аммо баъзан мо ҳамин кунҷковии табиии ӯро хомӯш мекунем: «Зиёд напурс!», «Хомӯш бош!», «Муаллим беҳтар медонад!», «Ҳамин тавр аст, бас!». Баъд аз чанд сол аз ҳамин кӯдак эҷодкорӣ ва андешаи мустақил талаб мекунем. Агар мо воқеан мехоҳем насли нав андешаманд бошад, мактаб бояд макони амни пурсидан ва ҷустани посух ба ҳар гуна пурсишҳо бошад. Шогирд бояд ҳақ дошта бошад, ки бипурсад: «Чаро?», «Далели ин сухан чист?», «Манбаи маълумот аз куҷост?», «Оё назари дигар ҳам дар ин бора вуҷуд дорад?». Пурсиши хуб баъзан аз даҳ посухи азёдшуда арзишмандтар аст. Ин маънои поён бурдани мақоми омӯзгорро надорад. Баръакс, омӯзгори тавонову огоҳ аз пурсиши шогирд наметарсад. Ӯ ҳар пурсишро таҳдид ба эътибори худ намешуморад. Метавонад бигӯяд: «Пурсиши хуб аст», «Биёед, якҷо фикр кунем», «Дар ин масъала дидгоҳи дигар ҳам ҳаст». Ҳамин лаҳзаҳо шогирдро ба шахси мустақил табдил медиҳанд.



Азёдкунӣ низ комилан нолозим нест. Хотира барои дониш зарур аст. Инсон бидуни донишҳои бунёдӣ наметавонад хуб фикр кунад. Аммо азёдкунӣ бояд оғози таҳлилу таҳқиқ бошад, на анҷоми таълим. Хонандае, ки посухи тайёрро аз ёд кардааст, мумкин аст дар баробари пурсише, ки андаке дар шакли дигар гузошта шудааст, саргардон шавад. Пас мо набояд танҳо бипурсем: «Чӣ медонӣ?». Бояд бипурсем: «Он чиро медонӣ, чӣ гуна истифода мекунӣ?». Дар ҳамин ҷо масъалаи навиштан низ аҳаммият пайдо мекунад. Навиштан яке аз беҳтарин машқҳои тафаккур аст. Ҳангоми сухан гуфтан инсон метавонад аз фикре ба фикри дигар гузарад ва парешонии андешаи худро пай набарад. Вале вақте ки менависад, маҷбур мешавад, фикрашро ба тартиб оварад: масъала чист, далел кадом аст, мисол барои чист ва хулоса аз куҷо бармеояд. Аз ҳамин сабаб, иншоҳои қолабӣ ба рушди андеша чандон ёрӣ намедиҳанд. Агар тамоми синф ибораҳои тақрибан яксон «Ватанамонро дӯст медорем» ё «Муаллим чароғи маърифат аст» нависад, мо бештар тарзи такрорро омӯхтаем, на навиштанро. Беҳтар аст хонанда панҷ ҷумла нависад, вале ҳар панҷ ҷумла зодаи андешаи худаш бошад ва барои он далел дошта бошад.

Фарҳанги баҳс низ бояд аз мактаб оғоз шавад. Мо баъзан баҳсро бо ҷанҷол омехта мекунем. Ҳол он ки баҳси солим маънои мағлуб кардани тарафи дигарро надорад. Мақсад санҷидани фикр аст. Шогирд бояд омӯзад, ки ба ҷойи «ту хато мегӯӣ» бигӯяд: «Ман бо ин далел розӣ нестам, зеро...». Фарқ хеле калон аст. Дар ҳолати аввал мо ба шахс ҳамла мекунем, дар ҳолати дуюм андешаро месанҷем. Ҷомеае, ки мардумаш чунин гуфтугӯ карданро ёд гирифтаанд, ихтилофи назарро душманӣ намешуморад. Ва ин фарҳанг аз синфхона оғоз мешавад. Аммо ҳамаи ин танҳо вазифаи омӯзгор нест. Агар хонавода як чизро омӯзонад ва мактаб баръакси онро нишон диҳад, кӯдак дар аъроф мемонад. Агар омӯзгор ба пурсиш эҳтиром гузорад, вале дар хона ҳар эътирози фарзанд саркӯб шавад, кори мактаб душвор мегардад. Агар падару модар китобхониро муҳим шуморанд, вале мактаб хондanро танҳо ба аз ёд кардани матн табдил диҳад, боз ҳам натиҷаи дилхоҳ ба даст намеояд. Тарбияи инсон кори як нафар ё як муассиса нест. Хонавода, мактаб, омӯзгор, китобхона, матбуот ва тамоми муҳити ҷомеа дар он иштирок мекунанд.

Мо аксар вақт мепурсем, ки фарзандони мо дар оянда дар чӣ гуна ҷаҳон зиндагӣ хоҳанд кард? Посухи дақиқ ба ин пурсиш надорем. Ҷаҳони онҳо аз ҷаҳони мо фарқ хоҳад кард. Касбҳое пайдо мешаванд, ки имрӯз номашонро намедонем. Масъалаҳое пеш меоянд, ки посухашон ҳоло омода нест. Зеҳни сунъӣ, технология ва тарзи зиндагӣ босуръат тағйир меёбанд. Пас вазифаи мо ин нест, ки барои фарзанд ҳама посухҳоро аз пеш омода кунем. Ин ғайриимкон аст. Вазифаи муҳимтар ин аст, ки ба ӯ чӣ гуна ёфтани посухро омӯзонем. Ҷуръати пурсидан диҳем. Одати санҷидани далелро дар ӯ парвариш кунем. Ӯро биомӯзонем, ки «намедонам» поёни роҳ нест, балки огози ҷустуҷӯст. Ба ӯ нишон диҳем, ки тағйир додани фикр дар рӯ ба рӯйи далели қавитар заъф нест, нишонаи камол аст. Ва муҳимтар аз ҳама, омӯзонем, ки барои сухан, интихоб ва рафтори худ масъул бошад.

Саъдӣ гуфтааст:


Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,
На ҳамин либоси зебост нишони одамият.

Ба дунё омадани инсон ҳанӯз ба маънои ба камоли инсонӣ расидан нест. Инсон шудан роҳи дарозе парвариш, омӯзиш, худшиносӣ ва худсозист. Хонавода қадами аввали ин роҳ аст, мактаб идомаи он ва ҷомеа майдони озмоиши он. Аз ҳамин сабаб, вақте дар бораи ояндаи маориф ва ҷомеаи сухан мегӯем, бояд аз ҳақиқати одие оғоз кунем, ки фардои ҷомеа дар муносибати имрӯзаи мо бо кӯдак шакл мегирад. Ҷомеаи андешаманд аз кӯдаке оғоз мешавад, ки аз пурсидан наметарсад, аз падару модаре, ки сухани ӯро мешунаванд, аз омӯзгоре, ки пурсишро душмани дарс намешуморад, аз мактабе, ки на танҳо посухи дуруст, балки роҳи расидан ба посухро меомӯзонад. Аввалин китоби фарзанд зиндагии падару модар аст ва муҳимтарин дарси мактаб шояд ин бошад, ки «Андеша карданро ҳеч гоҳ бас накун!».

Шодимуҳаммад СӮФИЗОДА,
доктори илмҳои филолог,
профессор, директори Китобхонаи марказии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

36 довталаб аз шаҳри Душанбе ба даври ниҳоии озмуни «Шоҳномахонӣ» роҳхат гирифтанд.

БАРДОШТ



Китоби «Ёддоштҳо»-и профессор С. Ятимов, бахусус, қисмати «Бачаи муаллим» фаротар аз як хотираи муқаррарии айёми кӯдакист; он як шоҳасари амиқи равоншиносӣ, ҳуҷҷати муҳимми таърихиву иҷтимоӣ ва манифести пурқуввати педагогикаи миллист. Ин навиштаҳо раванди мураккаб ва дар айни замон зебои ташаккули шахсиятро дар пайванди ногусастанӣ бо се рукни муқаддаси ҳастӣ – китоб, мактаб ва оила инъикос мекунанд.

ИШҚ БА КИТОБ ДАР ОИНАИ ЯК ЁДДОШТ

Муаллиф бо як маҳорати баланди нигорандагӣ, забони шево ва самимияти беназир ба хонанда нишон медиҳад, ки чӣ гуна муҳити солими хонавода, мақоми баланди омӯзгор дар ҷомеа ва майлу рағбати фитрии инсон ба омӯзиш метавонад таҳкурсии сарнавишти дурахшони ӯро гузорад.

Яке аз дурахшонтарин паёмҳои ин хотирот, ки дар шароити имрӯза ниёз ба эҳё ва тарғиби густурда дорад, эҳтироми беназир ба мақому манзалати омӯзгор ва муқаддас будани ин пеша мебошад. Ибораи «бачаи муаллим» дар фазои як деҳаи тоҷик на танҳо муаррифии одӣ, балки унвони ифтихориест, ки бори масъулияти вазнинро бар дӯши кӯдак мегузорад. Муаллиф бо ифтихор баён мекунад, ки аз ин унвон меболид ва ин муносибат ба ӯ ҳисси ғурури созанда мебахшид. Тасвири амалу рафтори падари қаҳрамон, яъне, саҳаргоҳон бо сару либоси тоза ва бо майли том ба мактаб рафтан ниҳоят рамзӣ ва омӯзанда аст. Он замон ва имрӯз низ омӯзгор намояндаи қонун, ахлоқ, илм ва набзи тапандаи ҷомеа аст. Мактаб дар тасаввури мардум макони муқаддасе мебошад, ки дар он ҷо сарнавишти инсонҳо навишта мешавад. Паёми муаллиф ба ҷомеаи имрӯз ин аст, ки муаллим дар ҳама давру замон мақоми баландтарину муқаддастаринро дошту дорад ва мактаб ҳамчун даргоҳи муқаддас шинохта шудааст.

Паҳлуи дигари бисёр муҳимми ин қисса, ки баҳои дастуруламали зиндагиро дорад, арзиши меҳнат ва пайванди он бо илмомӯзист. Падар бо ҳикмати хосси деҳқониву омӯзгории худ ба фарзанди хурдсолаш, ки бо гиря мехоҳад ба мактаб равад, таъкид мекунад: «Кори хона худаш як мактаби бузург аст ... Дониста бош, одам чӣ хеле кор кунад, ҳамон хел мехонад. Чӣ хеле, ки хонад, ана ҳамон хел кор мекунад. Сифати ҳамин ду амал, сифати одам аст». Ин формулаи мукаммали тарбиявист, ки дар тамоми давру замонҳо чун ҳақиқати мутлақ ва бебаҳс бокӣ мемонад. Дар замони муосир, ки баъзан волидон фарзандони худро аз ҳар гуна меҳнати ҷисмонӣ озод карда, гумон мекунанд, бо ин роҳ ба омӯзиши онҳо кумак мерасонанд, ин таъкиди падар як дарси бузурги педагогист.

Навиштаи мазкур, ҳамчунин, намунаи олии ҳамкории се ниҳоди муҳим - оила, мактаб ва ҷомеаро ба намоиш мегузорад. Саҳнаи омадани «комиссия» ба хонаи онҳо барои дақиқ кардани рӯйхати кӯдакони синни мактабӣ, нишондиҳандаи ғамхории ҷомеа барои саводи ҳар як фард аст. Давлат назорат мекунад, ки ягон кӯдак аз таҳсил дар канор намонад; падар дар симои муаллим қонуну қоидаҳои муқарраршударо (нарасидан ба синни шашсолагӣ) эҳтиром ва риоя мекунад; модар бошад, дар симои парастори руҳу равон он шавқи исёнгари кӯдакро мепарварад ва намегузорад, ки оташи шавқи ӯ хомӯш шавад. Агар падар намояндаи мантиқ ва тартибот бошад, модар таҷассуми меҳр, фаҳмиш ва ғизодиҳандаи зеҳни кӯдак аст.

Саҳнаи ҷустуҷӯи китоби «Алифбо» аз болохонаи чанггирифта ва бо меҳри модарона пок кардану часпонидани варақҳои даридаи он, авҷи драмаи равонии ин қисса аст. Модар бо ин амали худ на танҳо як китоби куҳнаву фарсуда, балки орзуҳои шикаста ва шавқи пошхӯрдаи фарзандашро саҳифабандӣ ва эҳё мекунад. Ин лаҳза пайғоми амиқе барои волидон ва омӯзгорони имрӯза дорад: ҳеҷ гоҳ шавқ ва орзуи кӯдакро ба дониш, ҳатто, агар он аз чаҳорчӯбаи муқаррарот берун бошад ҳам, набояд саркӯб кард. Муҳити оила низ бояд дорои қоидаҳои хос ва дар айни замон майдони парвоз барои орзуҳои дар зеҳн мепарваридаи фарзанд бошад.

Муқоисаи шадид ва дардноке, ки аз қаъри ин ёддошт ба вуҷуд меояд, масъалаи меҳр ва зарурати ишқ ба китоб аст. Муаллиф ҳолати худро нисбат ба мутолиа ба шахсе ташбеҳ медиҳад, ки дар хоб сахт ташна шудааст ва ҳарчанд об менӯшад, ташнагиаш намешиканад. Кӯдак дар ин қисса барои ёфтани як китоби куҳнаву фарсудаи «Алифбо» мисли ҷӯяндаи ганҷ ба болохона медавад; ӯ ин варақҳои даридаро ба мисли муқаддасоти олии ҳаёт ба оғӯш мекашад.

Агар ба воқеияти имрӯз назар афканем, насли наврас дар иҳотаи фаровонии технологияҳои муосир, китобҳои электронӣ ва дастрасии бемаҳдуд ба иттилоот қарор дорад. Аммо оё он «ташнагӣ»-и ботинӣ ва ишқи сӯзоне, ки қаҳрамони хурдсоли қисса ба ҳарфҳои канда-кандаи «Алифбо»-и куҳна дошт, дар вуҷуди хонандаи имрӯза ҳаст? Ин ёддошт ҳамчун занги бедоркунанда садо медиҳад: фаровонӣ ва осонӣ набояд боиси бекадрии илм ва китоб гардад.

Таъсири нерумандии каломи бадеъ, аз ҷумла, шеърҳои устод Садриддин Айнӣ («Биёед, эй рафиқон, дарс хонем...») дар бедории шуури қаҳрамони хурдсол бозгӯи он аст, ки сухани баланд ва ҳадафманд чӣ гуна метавонад ба шиори зиндагӣ ва муҳаррики ботинии инсон барои раҳоӣ аз нодонӣ ва хорӣ мубаддал гардад.

Моҳияти меҳварии ин навиштаҳо, ки ба он шукӯҳи беназири фалсафӣ мебахшад, ҳамон қиссаи афсонавӣ ва дар айни замон воқеии «Тиллои пошхӯрда» аст. Кӯдак варақҳои кандаву парешони «Алифбо»-ро ба баргакҳои тиллои пошхӯрдаи зери хоку рег монанд мекунад. Муаллиф тавассути ин рамзофарӣ ҳақиқати бузурги ҳастиро бозгӯ мекунад: дониш, илм ва ҳатто, худи инсон ҳамон тиллоест, ки дар оғоз пошхӯрда ва парешон аст. Он танҳо бо заҳмати пайваста, сарҷамъӣ, муҳаббат ва неруи тафаккур метавонад ба маъдани холис табдил ёбад.

Хулоса, паёми устод С. Ятимов дар ин бахши қисса ба насли наврас, ба омӯзгорон ва ба кулли ҷомеа пайғоми худшиносӣ ва ҷустуҷӯи пайваста аст.

Файзиддин РАҶАБАЛИЕВ,
устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ТАДРИС

Тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касб

Тарбия намудани хонандагон дар руҳияи меҳнатдӯстӣ ва дӯст доштани Ватан, ки аз заҳмати софдилона ба нафъи ҷомеа машғул мегирад, аз вазифаҳои муҳимму аввалиндараҷаи мактабу омӯзгорон ба шумор меравад. Маълум аст, ки машғулиятҳои технологияи меҳнат дар ду қисм: ба писарон алоҳида ва духтарон алоҳида, дар кабинетҳои махсуси тибқи талаботи замон таҷҳизонидашуда гузаронида мешавад. Ба писарон асосҳои технологияи коркарди чӯб, анҷом додани амалу ҳунарҳои наҷҷорӣ, дуредгарӣ, харротӣ, челонгарӣ ва амсоли инҳо омӯзонда мешаванд. Дар ин бобат масъалаи асосӣ кор бо асбобҳои дастию барқӣ ба шумор меравад. Омӯзгорони технологияи меҳнат дар қадами аввал бояд ба шогирдон қоидаҳои бехатарии истифода аз асбобу васоити барқиро фаҳмонда, ҳангоми кор бо ин асбобу абзор эҳтиётқор буданро ба онҳо таъкид намояд.

Машғулиятҳои технологияи меҳнат он гоҳ шавқовару ҷолиб ба роҳ монда мешаванд, ки агар хонандагон тавассути асбобҳои дуредгарӣ, ҳаттотӣ, буррандагӣ ва ғайра сохтани абзору олоти зарурии рӯзгорро ёд гиранд ва боварӣ ҳосил кунанд, ки дар ҷомеа кори фоиданокеро бо маҳсули дастони худ анҷом дода метавонанд. Дар машғулиятҳо аз фанни мазкур писарон сохтани бозичаҳои гуногун, дару тиреза, асбобҳои рӯзгор, зарфҳои хӯрокхӯрӣ ва тарҳ (модел)-и техникаи вазнинро омӯхтаву аз худ мекунанд. Бофтану риштан дӯхтани болиш, кӯрпаву пироҳанҳои занона, курокдӯзӣ, токӣ, алочаю адрас ва гулдӯзию бофтани ҷемпер... фаъолияти асосии духтаронро дар бар мегирад. Яке аз амалҳои судбахши хонандагон дар машғулиятҳои технологияи меҳнат таъмири мизу курсиҳои шикаста мебошад. Маълум аст, ки дар ҳар як мактаб дар раванди фаъолият ва ба роҳ мондани машғулиятҳо шуморе аз мизу курсиҳо корношоям мешаванд ва ин абзору васоили мактабӣ бо қувваи хонандагон дар дарсҳои технологияи меҳнат таъмиру тармим ва мавриди истифода қарор дода мешавад. Бояд зикр кард, ки фанни технологияи меҳнат бо интихоби касбу ҳунари хонандагон алоқамандии зич дорад. Интихоби касб бояд огоҳонаю ҳадафмандона сурат гирифта, дар ин роҳ ҳавасу тақлидкорӣ ва муносибати сатҳию зоҳирӣ ба суди кор намебошад. Аз ин рӯ, омӯзгори технологияи меҳнатро лозим меояд, ки якҷо бо роҳбарони синфҳо дар машғулиятҳои тарбиявӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, моҳияту ҳадафи пешаю касбҳоро ба таври амиқу дақиқ ва бо мисолҳои воқеию ибратомӯз тавзеҳ бахшанд. Яке аз роҳҳои муассири ба интихоби касбу пеша омода намудани хонандагон, ташкилу баргузор кардани вохӯрию мулоқот бо одамони маъруфу шинохтаи деҳа, собиқадорони маорифу меҳнат ва амсоли инҳо мебошад. Чунин вохӯриҳо дар тарбияи касбинтихобкунӣ ва сарнавишти ояндаи хонандагон нақши барҷастаю муассир мебозанд. Ба меҳнати софдилона машғул гардидани хонандагон дар оянда онҳоро аз даст задан ба амалҳои номатлуб, беҳудагардӣ ва дигар корҳои бемоҳияту беҳадаф бозмедорад. Дар умум, имрӯз машғулиятҳои технологияи меҳнат хеле хуб ба роҳ монда шуда, раҳбарияти муассисаҳои таълимӣ ба он мекӯшанд, ки барои беҳтару самаровар баргузор шудани дарсҳои амалӣ дастгоҳҳои техникию таҷҳизоти заруриро харид карда, ба рушду пешрафти ҳунару маҳорат ва малакаҳои меҳнатии хонандагон мусоидат кунанд.

Мумтоз САФАРОВА,
корманди ДҶТИБКСМ

ИННОВАТСИЯ

Технологияҳои иттилоотӣ дар таълим

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ соҳаи маориф бо як қатор мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Бо вуҷуди ин, омӯзгорони кишвар бо масъулияти баланд фаъолияти худро идома дода, дар нигоҳ доштани сатҳи таълим ва тарбияи насли наврас саҳми арзанда гузоштанд. Имрӯз натиҷаи он заҳматҳо дар рушди муассисаҳои таълимӣ, беҳтар гардидани шароити таҳсил ва воридшавии технологияҳои муосир ба раванди таълим ба таври равшан мушоҳида мешавад.

Яке аз самтҳои муҳимми рушди маорифи муосир истифодаи технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Ҷаҳони имрӯзаро бе технология тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, ворид намудани воситаҳои рақамӣ ба раванди таълим яке аз қадамҳои муҳимми пешрафти соҳа ба ҳисоб меравад.

Ман ҳамчун омӯзгори ҷавони фанни технологияҳои иттилоотӣ дар гимназияи «Нуриддин»-и ноҳияи Фирдавсӣ дар давоми як соли фаъолияти омӯзгорӣ мушоҳида намудам, ки истифодаи усулҳои муосири таълим ба баланд гардидани сифати дарс таъсири мусбат мерасонад.

Истифодаи тахтаи электронӣ, маводи мултимедиявӣ ва барномаҳои таълимӣ имкон медиҳад, ки мавзуъҳо ба таври ҷолибу фаҳмо пешниҳод гарданд. Хонанда ҳангоми дидани тасвир, намунаҳои амалӣ ва машқҳои интерактивӣ маводро беҳтар аз худ мекунад. Ин раванд шавқу ҳаваси онҳоро нисбат ба донишомӯзӣ ба таври назаррас афзоиш медиҳад.

Яке аз тағйироти муҳимми замони муосир арзёбии шаффофи дониши хонандагон мебошад. Бо истифода аз низомҳои электронӣ натиҷаи таҳсили хонандагон метавонад ба таври дақиқ ва саривақтӣ ба падару модарон расонида шавад. Ин раванд ҳамкории сеҷонибаи омӯзгор, хонанда ва оиларо таҳким бахшида, масъулияти ҷонибҳоро баланд мебардорад.

Омӯзгори муосир бояд пайваста дар ҷустуҷӯи усулҳои нав бошад, дониши худро такмил диҳад ва ба талаботи замон ҷавобгӯ гардад.

Омӯзгор бояд дар хонанда ҳисси масъулият, ватандӯстӣ, шавқу меҳр ва ба меҳнат омӯзишро ташаккул диҳад, зеро хонандагони имрӯза мутахассисони ояндаи кишвар мебошанд.

Аслиддин СОБИРОВ,
омӯзгори технологияҳои иттилоотии гимназияи «Нуриддин»-и ноҳияи Фирдавсӣ

Ҳаҷми гардиши савдои хориҷии Тоҷикистону Россия дар ҳашт моҳ ба 1 миллиарду 676,5 миллион доллар расид.

Худ бувад илм бо амал пайваст,
Ки садо барнахезад аз як даст.
Камолиддин Биноӣ

СИМО

Рӯзе, ки ҳамроҳи сармуҳаррири нашрияи «Шаҳриёр» Нуриддини Амриддин (равонаш шод бод!) ба сӯйи манзили устод Султон Акрамов барои аёдату суҳбат мерафтем, андешае ба сар омаду барои иншои мавод маро раҳнамо гардид. Андешаи он ки бисёр касон умрро сарфи кори роҳбарӣ мекунанду баъди аз вазифа рафтан зуд фаромӯши аҳли коргоҳ мегарданд. Агар фаромӯш ҳам нашаванд, дар рӯзҳои иду тантанаҳо ё зодрӯзу ҷашнҳо табрикаш намекунанд. Вале Султон Акрамов инсонест, ки на танҳо онҳое, ки бо ӯ замоне шиносу ҳамкор буданд, балки онҳое, ки шогирдаш буданд ё ғоибона мешиносандаш, то ба имрӯз эҳтиромаш доранд.



СУЛТОНИ ҚАЛБҲО

Устодро ҳамон рӯз чунин дарёфтем: инсоне бузург, хоксор, ғамхору дилсӯз, донишманду хушмуомила ва накухислат. Боз, хушбахтона, солиму бардам ва бо хотироти қавӣ. Лаҳзае, ки бо Султон Акрамов суҳбат доштем, чанд нафар омӯзгори муассисаи таълимии рақами 1 бо туҳфаҳо ҳамроҳи духтари устод Назирабону, ки дар ҳамин муассиса омӯзгори синфҳои ибтидоист, ба табрикаш омаданд…

Соли 1956 Султон Акрамов мактаби миёнаро бо баҳои аъло хатм намуд. Ҳамон вақт падараш амаки Акрам, ки дар заводи пахта усто шуда кор мекард, Султонро низ дар паҳлуи худ ба кор гирифт. Баъди як соли дастёрии падар меҳри илму донишандӯзӣ Султонро ба Донишкадаи педагогии Душанбе (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ) оварад. Ба факултети таъриху филология дохил шуд. Солҳои донишҷӯӣ низ ноаён паси сар гаштанд. Султон Акрамов бо роҳхати Вазорати маориф ба ноҳияи Орҷоникидзеобод (ҳозира шаҳри Ваҳдат) омад. Дар мактаби зодгоҳаш ба кор қабулаш карданд. Дар синфҳои русӣ ба таълими забони тоҷикӣ шуруъ кард. Баъдтар фанни таърихро низ ба ӯ вобаста карданд.

Бо ҳамкорону роҳбарияти муассиса муносибати хубе дошт. Аз калонсолон таҷриба меомӯхту ба навкорон кумак мерасонд. Ба шогирдон чун падар ғамхору меҳрубон буд. Лаҳзаҳои фориғ аз дарс бо онҳо суҳбатҳои дӯстона меорост. Дар таълим усулҳои гуногунро истифода мебурд. Ҳамин буд, ки ҳамаи хонандагон фанҳоеро, ки Султон Акрамов ба онҳо меомӯзонд, хуб аз худ мекарданд. Баъдан қариб ҳамаи онҳо ба мартабаҳои баланде расида, ба ҷомеа ва халқу Ватан содиқона хидмат намуда истодаанд. Устод номи чанде аз онҳоро бо ифтихор ба ёд овард.

Соли 1970 ӯро ҷонишини директори мактаб таъйин карданд. Дониши амиқ ва пешрафту муваффақиятҳои кори омӯзгори ҷавон Султон Акрамов аз чашми кумитаи ҳизби коммунисти ноҳия пинҳон намонд. Барои ҳизб чунин кадрҳои ҷавону қобилиятноку бовиҷдон зарур буд. Бо розигии котиби якуми кумитаи ҳизби коммунист Камол Сӯфиев соли 1975 Султон Акрамов ба шуъбаи агитатсия ва пропаганда ба кор гузашт. Ҳафт сол дар деги кори ҳизбӣ чӯшид. Дар ин давра бо медали «Барои меҳнати шоён» сарфароз гардид.

Соли 1982 котиби тозаинтихоби кумитаи ҳизби коммунисти шаҳр Усмон Ҳасанов бо мақсади равнақи кори таълиму тарбия ва бунёдкорӣ Султон Акрамовро директори мактаби миёнаи рақами 1 таъйин намуд. Ҳамон мактаби ошно, ҳамон маконе, ки пайраҳаи фаъолияти омӯзгорияш аз он ҷо шуруъ гардида буд.

Мушкилот зиёд буд. Синфхонаҳо намерасиданд. Мактаб варзишгоҳ надошт. Ҳавзу майдончаи солимгардонӣ сохтан лозим буд. Бо маслиҳату машварат ниҳоят роҳи ҳалли мушкилот ёфт шуд: волидонеро, ки вазифаҳои масъул доранд, ҷалб кардан лозим. Масалан, дар мактаб фарзандони сардори раёсати таъмиру сохтмонӣ (РСУ) Мирзо Азимов, сардори хоҷагии об Тағоймуродов барин шахсон мехонданд. Султон Акрамов бо волидон суҳбат гузаронд. Ташаббуси директорро якдилона маъқул донистанд. Ҳар кас ба қадри қудрататаш ёрӣ расонд. Дар як муддати кӯтоҳ аз ҳисоби боғчаи мактаби шабона, ки дар ҳамсоягии таълимгоҳи рақами 1 воқеъ буд, варзишгоҳ ва ҳавзу майдончаи солимгардонӣ бунёд гардиданд, ки аз ин шодию хурсандии хонандагону омӯзгорон ҳадду канор надошт.

Акнун боз як кори бузурги дигар дар пеш меистод. Инро ягон кас ба саркори таълимгоҳ бор накарда буд, балки Султон Акрамов онро худаш ба худаш вазифагузорӣ намуд: баргузор намудани ҷашни 50-солагии мактаб ва таъмиру ободонии муассиса. Мактаби рақами 1 соли 1937 таъсис ёфта, соли 1987 50-сола мешуд.

– Тобистон мегузаронем ва ба ҷашн тамоми хатмкардагони солҳои пешинро даъват мекунем,-бо қатъият гуфт Акрамов.

Ҷашн хеле хуб гузашт. Қариб ҳамаи хатмкардагони мактаб ҳозир шуданд. Акрамов нақша дошт, ки ҷашнро дар майдони мактаб мегузаронад. Вале барои мардуми зиёди даъватшуда ҷой тангӣ кард. Ҷашн ба варзишгоҳи марказии шаҳр, ки рӯ ба рӯйи мактаб, дар он тарафи роҳи мошингард воқеъ буд, кӯчонда шуд.

– Дар ҳақиқат, он ҷашн бисёр аҷоибу фаромӯшнашаванда гузашт,-ба хотир оварда Султон Акрамов. – Афсӯс, ки он солҳо сабти видеоӣ набуд, вагарна имрӯз метавонистем он шукӯҳу шаҳомат ва тантанаи фаромӯшнашавандаро боз тамошо кунем. Сухангӯиҳо, табрикот, қиссаҳои хатмкардагони мактаб, оғӯшкашию ашкрезиҳо, суруду рақсҳо чун навор аз пеши назарам мегузаранд. Пас аз ҷашн шогирдони мактаб маслиҳат карда, таълимгоҳашонро аз таъмири хушсифат баровардаанд.

Султон Акрамов барои дастовардҳояш дар рушди мактабу мактабдорӣ бо нишони «Аълочии маорифи ИҶШС» қадрдонӣ карда шуд…

Чун аз манзили устод Султон Акрамов берун мешудем, аз он хушнуд будам, ки ба саволи «Султон Акрамов чӣ гуна инсоneанд, ки ҳатто бегонагон эҳтиромаш доранд?» ҷавоб ёфтам.

Дар ҳақиқат, Султон Акрамов султони қалбҳо гаштааст. Бигзор, роҳи зиндагии Султон Акрамову ӯ баринҳо бардавом бошад.

Амруллоҳи ЗАБИР,
рӯзноманигор

ОМӮЗГОРОНИ МО

Дар ҳалли масъалаҳои риёзӣ танҳо ёфтани ҷавоб муҳим нест. Муҳим он аст, ки хонанда роҳи расидан ба ҷавоброро дарк кунад, мустақилона андеша ронад ва ба қобилияти худ эътимод пайдо намояд. Раҳбар Баҳодурова дар фаъолияти омӯзгориаш ба ҳамин ҷиҳати таълим тавоҷҷуҳи хос зоҳир мекунад. Барои ӯ дарси математика ҳамеша майдони парвариши тафаккур, ташаккули мустақилият ва бедор намудани шавқи ҷустуҷӯ дар дили шогирдон аст. Бо сабру таҳаммул ва меҳри модарона мекӯшид, ки хонандагон аз тарзи иҷрои муқарририи супоришҳо ба дарки моҳияти масъала, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳал ва хулосабарорӣ рӯ ованд.

Роҳи омӯзгории ин бонуи соҳибтаҷриба беш аз ним асрро фаро мегирад. Дар ин муддат ӯ ба наслҳои гуногуни хонандагон дарс гуфта, омӯзгорони ҷавонро роҳнамоӣ кардааст ва дар пешбурди фаъолияти муассисаҳои таълимӣ саҳм гузоштааст. Ҳар марҳалаи кораш аз заҳмати пайваста, масъулиятшиносӣ ва муҳаббат ба касби омӯзгорӣ гувоҳӣ медиҳад.

Раҳбар Баҳодурова 8 октябри соли 1951 дар шаҳри Хуҷанд, дар оилаи хизматчӣ ба дунё омадааст. Соли 1968 мактаби №15-ро хатм карда, ба Институти давлатии педагогии Ленинобод ба номи С. М. Киров (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) дохил шуда, онро соли 1973 бо дипломи аъло хатм кард. Қадамҳои нахустинашро дар ҷодаи омӯзгорӣ ҳанӯз дар даврai донишҷӯӣ гузошта буд: соли 1972 дар мактаби №26-и шаҳри Хуҷанд (ҳоло таълимгоҳ дар ҳудуди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров) ба таълими хонандагон пардохт.

Беш аз ним аср дар хидмати маориф

Аз соли 1977 то соли 1994 фаъолияти ӯ бо мактаби №21 пайваст буд. Дар ин муассиса ба хонандагони синфҳои болоӣ математика меомӯхт ва дар омодагии хатмкунандагон саҳми арзанда мегузошт. Муаллима хуб медонист, ки шавқи хонанда ба фан аз тарзи пешниҳоди мавзуъ, муносибати омӯзгор ва муҳити дарс вобаста аст. Аз ин рӯ, ба ташкили кабинети фаннӣ аҳаммияти ҷиддӣ медод. Кабинети математикаи ӯ дар озмунҳои шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ дар қатори беҳтаринҳо қарор мегирифт. Дар озмуни ҷумҳуриявии «Ҳуҷраи беҳтарини фанни математика» сазовори ҷойи аввал гардид. Ин дастоварди барои иштироки муаллима дар Намоишгоҳи хоҷагии халқи Иттиҳоди Шуравӣ роҳ кушод. Муваффақияти мазкур самараи ҷустуҷӯву ташаббуси омӯзгоре буд, ки барои омӯзиши амиқи фан ва рушди қобилияти шогирдон шароити мусоид фароҳам меовард.

Мавзуи «Аҳаммияти корҳои мустақилонаи толибилмон дар баланд бардоштани сифати дарс, ташаккули фикронӣ ва фаъолияти эҷодии толибилмон» дар фаъолияти педагогии Раҳбар Баҳодурова ҷойгоҳи махсус дошт. Ӯ солҳои тӯлонӣ дар ин самт кор карда, натиҷаи таҷриба ва ҷустуҷӯҳои худро дар хонишҳои педагогии шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод менамуд. Соли 1987 дар хонишҳои XIII педагогии ҷумҳуриявӣ дар шаҳри Душанбе сазовори ҷойи намоён гардид.

Меҳвари ин ҷустуҷӯҳо масъалаҳое буданд, ки омӯзгор дар фаъолияти ҳаррӯза бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад: чӣ гуна хонандаро ба андешидани мустақилона ҳидоят бояд кард? Чӣ тавр шавқи ӯро ба омӯзиш афзуд? Чӣ гуна метавон эътимодашро ба донишу тавоноии худ таҳким бахшид? Барои муаллима корҳои мустақилона воситаи шинохти қобилияти шогирдон ва рушди тафаккури онҳо буданд. Натиҷаи ин заҳмат дар дастовардҳои хонандагонаш низ ифода меёфт: шогирдони ӯ дар олимпиадаҳои шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ғолиб омада, бо медалҳои тилло ва нукра қадрдонӣ шудаанд.

Таҷрибаи андӯхтаи устод дар доираи як мактаб маҳдуд нагаштааст. Ӯ бо Донишкадаи такмили ихтисос ҳамкорӣ карда, барои шунавандагони курсҳо дарсҳои намунавӣ мегузаронд ва роҳу усулҳои самарабахши таълими математикаро муаррифӣ менамуд. Таҷрибаи пешқадамаш дар миқёси вилоят паҳн гардид. Дастурҳои таълимию методии таҳиякардаи ӯ, аз ҷумла, дастурҳое, ки солҳои 1999 ва 2001 ба табъ расиданд, барои омӯзгорони математика ва хатмкунандагон мададгор буданд. Дар заминаи таҷрибаи омӯзгориаш рисолае низ оид ба нақши кори мустақилона дар баланд бардоштани самаранокии дарс ва рушди фаъолияти фикрию эҷодии хонандагон таҳия гардид.

Солҳои 1994-2007 Раҳбар Баҳодурова дар шуъбаи маорифи шаҳри Хуҷанд ба ҳайси мушовири фанҳои математикаву физика ва мудири кабинети методӣ фаъолият кард. Дар ин марҳала донишу таҷрибаи ӯ ба такмили фаъолияти омӯзгорон ва беҳтар намудани сифати таълим равона гардид. Солҳои 2007-2010 роҳбарии мактаби №2-ро ба уҳда дошт ва дар навсозиву ободонии муассиса саҳм гузошт. Аз соли 2010 фаъолияти худро ҳамчун мушовир ва намояндаи муассисаи «Мактаби П. Пӯлотов» идома медиҳад.



Меҳнати бисёрсолаи ин омӯзгори фидоӣ бо унвонҳои «Муаллими калон», «Муаллим-методист», нишони «Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ифтихорномаву сипосномаҳо қадрдонӣ шудааст. Самараи заҳмати ӯро дар роҳи минбаъдаи шогирдонаш низ метавон дид. Садҳо хатмкарда ва даҳҳо омӯзгори ҷавон аз донишу таҷрибаи ӯ баҳра гирифтанду имрӯз дар соҳаҳои гуногун фаъолияти пурсамар доранд.

Раҳбар Баҳодурова модари се фарзанд ва соҳиби оилаи хушбахт аст. Ба омӯзгори собиқадору фидоӣ Раҳбар Баҳодурова саломатии бардавом, рӯзгори осудаву пурнишот ва неруи тоза дар таълиму тарбияи насли наврас таманно дорем. Бигзор, меҳри шогирдон ва эҳтироми ҳамкасбон ҳамеша ҳамсафари зиндагии ин бонуи соҳибмаърифат бошанд.

Н. ОХУНЗОДА,
«Омӯзгор»

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон нақшаи даъвати ҷавонон ба сафи Артиши миллиро 101 фоиз иҷро намуд.

АФКОР

Дар таърихи афкори педагогӣ ва фалсафӣ як масъалаи бунёдӣ ҳамеша мавриди баҳс қарор доштааст: тарбия муқаддам аст ё таълим? Инсон, пеш аз ҳама, бояд тарбия шавад ва баъдан дониш омӯзад, ё баръакс, таълим заминаи ташаккули шахсият аст? Дар назари аввал, таълим ва тарбия аз ҳам ҷудо менамоянд. Таълим бештар ба азхуд намудани дониш, малака ва маҳорат равона мешавад, дар ҳоле ки тарбия ташаккули ахлоқ, ирода, муносибат, масъулият, фарҳанги рафтор ва арзишҳои инсониро дар бар мегирад. Инсон ба дунё меояд, аммо шахсият шудан, соҳиби ҷаҳонбинӣ, ахлоқ, масъулият, фарҳанг ва мавқеи иҷтимоӣ гардидани ӯ дар раванди зиндагӣ ташаккул меёбад.

ОМИЛИ ШАХСИЯТСОЗИИ ХОНАНДАГОН

Агар мо тарбияро ҳамчун ташаккули шахсият маънидод намоем, пас мебинем, ки он аз оғоз ҳаёти кӯдак ибтидо гирифта, дар тамоми давраи ҳаёти инсон идома меёбад. Тарбия пеш аз мактаб оғоз меёбад, кӯдак пеш аз он ки хондану навиштанро омӯзад, тарзи муносибат кардан, сухан гуфтан, эҳтиром кардан, шунидан ва муносибат бо дигаронро меомӯзад.

Тарбияро метавон заминаи инсонсозии таълим ва таълимро воситаи рушди ақл ва такмили тарбия номид.

Дар ин сурат, агар мо шахсро танҳо маҳсули ирсият ҳисоб кунем, пас, нақши омӯзгор, падару модар, мактаб ва ҷомеа хеле камранг ва камтаъсир арзёбӣ мегардад. Аммо бо садҳо далел метавон исбот намуд, ки муҳит метавонад ба ҷаҳонбинӣ, одат, малака ва рафтори инсон таъсири ҷиддӣ расонад.

Масъалаи ирсият дар осори классикони адабиёти тоҷик яке аз масъалаҳои баҳснок буда, бахусус, дар эҷодияти Саъдии Шерозӣ муносибат ба ин масъала якрангу мушаххас нест. Дар баъзе ҳикояҳои ӯ ба «гавҳар», «ҷавҳар» ва қобилияти фитрии инсон аҳаммият дода мешавад. Бахусус, дар «Гулистон»-и Саъдӣ, дар боби «Дар таъсири тарбият» чунин оварда шудааст:

Чун буд асли гавҳарӣ қобил,
Тарбияташ дар ӯ асар бошад.
Ҳеҷ сайқали наку надонад кард
Оҳанеро, ки бадгуҳар бошад.

Аз ин рӯ, омӯзгорро зарур аст, ки хусусиятҳои инфиродии ҳар як кӯдакро омӯхта, роҳи муносиби таъсиррасонии педагогиро пайдо кунад ва ҳаргиз кӯдаконро ба категорияҳои қобил ва ғайриқобил ҷудо накунад. Яъне, омӯзгор дар шинохти хусусиятҳои инфиродии кӯдакон аз роҳу усулҳои мухталифи педагогӣ истифода намуда, боварию эътиқоди кӯдакро нисбат ба худ пайдо намояд.

Ба ҳар яки мо маълум аст, ки кӯдак пеш аз ворид шудан ба мактаб аллакай тарзи муносибат бо одамон, тарзи баён кардани эҳсосот, муносибат ба меҳнат, одоби гуфторро хуб медонад. Вале ҳангоми тарбияи мактабӣ омӯзгор бо баъзе мухолифатҳои тарбияи оилавӣ метавонад дучор шавад, зеро роҳу равиш, рафтору гуфтор ва муомилаю муносибат дар мактаб аз хона то андозае фарқ мекунад.

Мо наметавонем доим кӯдакро аз озмоишҳои ҳаррӯза, ба мисли душворӣ дар азхудкунии донишҳо, муноқиша бо ҳамсинфон эмин нигоҳ дорем. Аз ин рӯ, зарур аст, ки падару модар байни озодию соҳибихтиёрӣ ва масъулияту ҷавобгарӣ мувозинати дурустеро ёбанд, ки кӯдак оҳиста-оҳиста ба он одат кунад ва худаш мушкилотро ҳал намояд.

Ба ин маънӣ тарбия бояд пеш аз таълими расмӣ оғоз шавад ва дар мактаб тарбия ва таълим бояд ҳамдигарро пурра намоянд. Кӯдак аввал рафторро мебинад, баъд қоидаро меомӯзад, аввал муносибатро эҳсос мекунад, баъд маънои онро дарк менамояд. Аз ин рӯ, масъалаи асосӣ муқобил гузоштани тарбия ба таълим нест, балки муайян кардани муносибати дурусти байни онҳост.

Таълим инсонро донишманд мекунад, тарбия ӯро инсон месозад. Таълими дуруст бошад, танҳо он вақт комил аст, ки бо тарбияи дуруст ҳамроҳ бошад. Вазифаи мактаб, оила ва ҷомеа на танҳо додани дониш, балки тарбия намудани насли ватандӯст, бомасъулият, меҳнатдӯст, бомаърифату донишманд ва дорои фарҳанги баланди инсонӣ мебошад.

Манижа ЁРМУҲАММАДОВА,
муовини директор оид ба корҳои тарбиявии МТМУ №61-и ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ

Сипари боэътимод бар зидди терроризм ва экстремизм

Дар ҷаҳони муосир яке аз масъалаҳои ташвишовари ҷомеа терроризм ва экстремизм мебошад. Ин зуҳуроти номатлуб ба амният, субот ва рушди давлатҳо таъсири манфӣ расонида, оромиш мардумро халалдор месозанд. Мубориза бар зидди онҳо на танҳо вазифаи давлат, балки масъулияти ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ мебошад. Экстремизм ин пайравӣ ба ақидаҳои тундрав ва ифротӣ аст, ки одатан бо нафрат, бетаҳаммулӣ ва рад кардани андешаҳои дигарон алоқаманд мебошад. Шахси экстремист кӯшиш мекунад, ки фикру назари худро ба дигарон бо роҳи фишор ё таҳдид таҳмил намояд. Агар чунин андешаҳо густариш ёбанд, метавонанд ба низоъ ва ҷудоии ҷомеа оварда расонанд.

Терроризм бошад, шакли хавфноктарини ифротгароӣ буда, бо истифодаи зӯроварӣ, тарс ва таҳдид амалӣ мегардад. Ҳадафи асосии террористон ба вуҷуд овардани воҳима ва ноороми дар ҷомеа мебошад. Онҳо мехоҳанд бо роҳи зӯроварӣ ба мақсадҳои сиёсӣ ё идеологии худ бирасанд. Чунин амалҳо на танҳо ғайриқонунӣ, балки зидди арзишҳои инсондӯстӣ мебошанд.

Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронихои худ борҳо таъкид намудаанд, ки терроризм ва экстремизм ба дину мазҳаб иртибот надоранд ва онҳо хатари глобалӣ ба амнияти ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошанд. Роҳбари кишвар ҳамеша ҷавононро ба ҳушёрӣ, ватандӯстӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ даъват менамоянд. Ба андешаи Сарвари давлат, танҳо бо роҳи баланд бардоштани маърифат, таҳкими худшиносии миллӣ ва эҳтиром ба қонун метавон пеши роҳи ифротгароиро гирифт.

Хатарнокии терроризм ва экстремизм, пеш аз ҳама, дар он аст, ки онҳо ба амният ҷомеа зарар мерасонанд. Вақте ки мардум худро бехатар эҳсос намекунад, эътимод байни шаҳрвандон коста мегардад. Нооромӣ ва тарс метавонанд ба рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлат таъсири манфӣ расонанд.



Хулоса, терроризм ва экстремизм хатари ҷиддӣ ба сулҳ ва вахдати миллӣ мебошанд. Танҳо бо роҳи ҳамдигарфаҳмӣ, дониш, фарҳанги баланд ва эҳтироми арзишҳои инсонӣ метавон ҷомеаро аз чунин таҳдидҳо ҳифз намуд.

Нурафшон АМОНУЛЛОЕВА,
омӯзгори МТМУ №6-и ноҳияи Рушон

ЧАШМАНДОЗ

МАОРИФИ ҶАҲОН

МЕКСИКА

Донишгоҳи миллии мухтори Мексика тақрибан 58 ҳазор довталабро, ки имтиҳони дохилшавиро ба таври онлайн супорида буданд, ба имтиҳони такрории ҳузурӣ даъват мекунад. Сабаби ин тасмим гумонҳо дар бораи тақаллуби густурда ва давр задани низоми назорати фосилавии имтиҳонҳо мебошад.

Ин донишгоҳ, ки бузургтарин ва бонуфузтарин муассисаи таҳсилоти олии Мексика ба шумор меравад, бори нахуст имтиҳони дохилшавиро ба таври фосилавӣ баргузор кард. Ҳадаф фароҳам овардани имкони иштирок барои довталабони иёлотҳои дурдаст ва раҳо кардани онҳо аз зарурати сафар ба пойтахт буд. Барои 21 ҳазору 962 ҷойи таҳсили ройгон қариб 160 ҳазор нафар довталабӣ гардиданд.

Барои пешгирӣ аз рӯйбардорӣ низоми имтиҳон бо воситаҳои шинохти чеҳра ва овоз тавассути вебкамера муҷаҳҳаз шуда буд. Бо вуҷуди ин, афзоиши ғайримуқаррарии натиҷаҳои баланд масъулони донишгоҳро ба шубҳа овард.

Дар солҳои 2021-2025 танҳо 3,5 дарсади довталабон аз 120 холи имконпазир 100 хол ё бештар аз онро мегирифтанд. Имсол ин нишондиҳанда ба 16 дарсад расид. Ҳиссаи довталабоне, ки 110 хол ва бештар ба даст оварданд, аз 0,9 то 5,5 дарсад афзуд. Дар самти тиб қариб 30 дарсади довталабон беш аз 100 хол гирифтанд, дар ҳоле ки соли гузашта ин нишондиҳанда 9 дарсад буд.

Таҳқиқ нишон дод, ки саволҳои имтиҳон ҳанӯз дар моҳҳои май ва июн, ҳангоми оғози санҷишҳо, ба интернет роҳ ёфта, ба фурӯш гузошта шудаанд. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ҳамчунин, тавсияҳо барои давр задани низоми назорати фосилавӣ фурӯхта мешуданд.

Ба гуфтаи ректори донишгоҳ Леонардо Ломели, натиҷаҳои 3174 довталаб ё тақрибан 2 дарсади иштирокдорон, бинобар ба ҷойи шахси дигар супоридани имтиҳон ва истифодаи зеҳни сунъӣ бекор шудаанд. Барои барқарор кардани эътимод ба натиҷаҳо Шурои илмии донишгоҳ тақрибан 58 ҳазор довталаб, пеш аз ҳама, онҳоеро, ки холи гузариш гирифта, ба рӯйхати қабул дохил шудаанд, ба имтиҳони иловагии ҳузурӣ даъват кард.

ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

Тобистони соли 2026 дар Федератсияи Россия шумораи ҷойҳои кори холӣ барои мутахассисони дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2025 ба андозаи 84 дарсад зиёд шудааст. Дар ин бора Forbes Education бо истинод ба таҳлили эълонҳои кории сомонаи «Авито Работа» хабар медиҳад.

Афзоиши бештари талабот дар соҳаи идоракунии кадрҳо ба қайд гирифта шудааст. Корфармоён дар миёни хатмкунандагони коллеҷу техникумҳо мудирони кадрҳоро нисбат ба тобистони соли гузашта 78 дарсад бештар ҷустуҷӯ кардаанд. Талабот ба зоотехникҳо 53 дарсад, агрономҳо 32 дарсад, муҳандисони техникӣ 22 дарсад ва муҳандисони механикӣ 21 дарсад афзудааст.



Дар байни минтақаҳои Россия вилояти Твер аз рӯйи афзоиши ҷойҳои кори холӣ барои хатмкунандагони коллеҷу техникумҳо пешсаф шудааст. Дар ин минтақа шумораи пешниҳодҳои корӣ 153 дарсад афзудааст. Вилоятҳои Владимир ва Воронеж бо афзоиши мутаносибан 139 ва 137 дарсад дар ҷойҳои баъдӣ қарор гирифтаанд.

БЕҲТАРИН МАКТАБҲОИ ТИҶОРАТИИ ҶОР МИНТАҚАИ ҶАҲОН

Нашрияи тиҷоратии Bloomberg Businessweek радабандии беҳтарин мактабҳои тиҷоратии ҷаҳонро барои соли таҳсили 2026-2027 нашр кард. Ба рӯйхати ниҳоӣ 98 муассисаи таълимӣ ворид шудааст, ки дар онҳо таҳсил асосан ба забони англисӣ сурат мегирад.

Тибқи натиҷаҳои радабандӣ, Мактаби олии тиҷорати Стэнфорд дар ИМА, Мактаби тиҷорати Айви дар Канада, Институти байналмилалии рушди менеҷмент дар Швейтсария дар минтақаи Аврупо ва Ховари Миёна ва Донишгоҳи молия ва иқтисоди Шанхай дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором беҳтарин дониста шудаанд.

Мавзуи асосии таҳқиқ таъсири зеҳни сунъии тавлидкунанда ба барномаҳои магистрии идоракунии тиҷорат (MBA), раванди таълим ва имкониятҳои бо кор таъмин шудани хатмкунандагон будааст. Муаллифони таҳқиқ муайян кардаанд, ки ҳарчанд на ҳамаи мактабҳо ба истифодаи фаъоли ин технология омодаанд, донишҷӯён аз абзорҳои зеҳни сунъӣ барои иҷрои вазифаҳои хонагӣ, ҷустуҷӯи иттилоот, таҳлили ҳолатҳои амалӣ ва омодагӣ ба мусоҳибаҳои корӣ истифода мекунанд.

ИСПАНИЯ

Дар Испания ҳиссаи ҳолатҳои озору таҳқири интернетии хонандагон бо истифода аз зеҳни сунъӣ дар як соли таҳсил аз 14,2 то 23,5 дарсад афзудааст. Ин технология барои сохтани видеоҳои маснуӣ аз аксҳои ҳамсинфон, тақлиди овози онҳо ва истифодаи шахсияти дигарон ба кор меравад.

Тибқи гузориши муштараки фондҳои Mutua Madrileña ва ANAR, дар соли таҳсили 2025-2026 зеҳни сунъӣ дар 23,5 дарсади ҳолатҳои озору таҳқири интернетӣ, ки худи хонандагон дар бораи онҳо хабар додаанд, истифода шудааст. Як соли пеш ин нишондиҳанда 14,2 дарсадро ташкил медод.

Таҳқиқот бар асоси пурсиши 18 ҳазору 245 хонанда ва 412 омӯзгор аз 236 мактабу литсейи Испания анҷом ёфтааст. Натиҷаҳои он аз афзоиши озору таҳқир дар муассисаҳои таълимӣ низ шаҳодат медиҳанд.

Таҳияи
Н. ОХУНЗОДА,
«Омӯзгор»

Густариши ҳамкории Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар соҳаи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ баррасӣ шуд.

ТАВАҶҶУҲ

ОБУНА БА ҲАФТАНОМАИ «ОМӮЗГОР» БАРОИ СОЛИ 2027

Нархи обуна барои як сол бе иловаи хидмати почта – 138 сомонӣ



Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта: шаҳри Душанбе 184 сомонию 93 дирам ва дигар шаҳру ноҳияҳо 203 сомонию 24 дирам

Агар хоҳед, ки дар соли 2027 аз навовариҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаро сари вақт дастрас намоед, аз таҷрибаи судманди ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, аз эҷоди бадеии ҳампешагон огоҳ бошед, қолибтарин нигоштаҳоро оид ба умдатарин масоили рӯз мутолиа кунед ва сатҳи донишу маҳорату малакаи худро пайваста боло бардоред, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.

СУРАТҲИСОБИ МО

КВД БА ҶТ «Амонатбонк»

с/ҳ 20202972200817101000

ҳ/м 20402972316264

РМБ 350101626

РМА 010009400

Ба «Омӯзгор»

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

барои ишғоли вазифаҳои зерин озмун эълон менамояд:

Дотсенти кафедра - 27 ҷой

- забони муосири рус - 1 ҷой;
- биология ва методикаи таълими он - 2 ҷой;
- забонҳои хориҷӣ - 2 ҷой;
- забоншиносӣ ва таърихи забон - 1 ҷой;
- иқтисодиёти рақамӣ ва идоракунӣ - 1 ҷой;
- муносибатҳои байналмилалӣ - 1 ҷой;
- умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ - 2 ҷой;
- фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо - 3 ҷой;
- фалсафа - 3 ҷой;
- физикаи умумӣ ва назариявӣ - 2 ҷой;
- таърихи халқи тоҷик - 1 ҷой;
- иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ - 1 ҷой;
- адабиёти тоҷик - 1 ҷой;
- химия ва методикаи таълими он - 1 ҷой;
- молия ва қарз - 2 ҷой;
- педагогикаи умумидонишгоҳӣ - 1 ҷой;
- информатика ва технологияи инноватсионӣ - 1 ҷой;
- таъминоти барномавӣ ва WEB-дизайн - 1 ҷой.

Муаллими калони кафедра - 44 ҷой

- биология ва методикаи таълими он - 2 ҷой;
- забонҳои хориҷӣ - 2 ҷой;
- забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ - 2 ҷой;
- тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он - 2 ҷой;
- таърих ва методикаи таълими таърих - 2 ҷой;
- фалсафа - 2 ҷой;
- фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо - 2 ҷой;
- сиёсатшиносӣ - 2 ҷой;
- физикаи умумӣ ва назариявӣ - 2 ҷой;
- муносибатҳои байналмилалӣ - 1 ҷой;
- таърихи халқи тоҷик - 2 ҷой;
- иқтисодиёти рақамӣ ва идоракунӣ - 2 ҷой;
- иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ - 2 ҷой;
- адабиёти тоҷик - 2 ҷой;
- химия ва методикаи таълими он - 2 ҷой;
- баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит - 1 ҷой;
- молия ва қарз - 2 ҷой;
- педагогикаи умумидонишгоҳӣ - 2 ҷой;
- информатика ва технологияи инноватсионӣ - 2 ҷой;
- методикаи таълими информатика - 2 ҷой;
- таъминоти барномавӣ ва WEB-дизайн - 2 ҷой;
- география ва сайёҳӣ - 2 ҷой;
- математика ва методикаи таълими он - 2 ҷой.

Номзадҳо бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

- донистани қонун ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии МТОК;
- донистани асосҳои илми педагогика ва психология;
- кор кардан дар компютер ва шабакаи интернет;
- донистани ҳатмии забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ;
- қобилияти коммуникативӣ ва ташкилотчигӣ.

Довталабон барои иштирок дар озмуни ишғоли вазифа ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:


- ариза ба номи ректори донишгоҳ оид ба иштирок дар озмун;
- варақаи шахсӣ;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (доштани собиқаи беш аз 5-солаи корӣ дар соҳаи маориф ва илм);
- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи дараҷаи илмӣ (ҳадди ақал номзади илм, дотсент);
- рӯйхати маводи нашрӣ дар 5 соли охир;
- нусха аз ҷаласаи Шурои олимони факултет (барои кормандони донишгоҳ).

Ҳуҷҷатҳо барои иштирок дар озмун то 31.10.2026 қабул карда мешаванд.

Суроға: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, кӯчаи С. Сафаров - 16, тел.: 2-35-06, 2-35-09, E-mail: info@kgu.tj, www.kgu.tj

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

МУАММОИ «ЗАБОН»



1. «*** дар даҳон, эй хирадманд, чист? Калиди дари ганҷи соҳибҳунар. (Саъдӣ). 2. Яке аз рамзҳои миллӣ. 3. Ҳиссаи нутқ. 4. Калимаҳое, ки дар навишт якхела, дар маъно гуногунанд. 5. Шакли сифати феълӣ. 6. Қофиласолори адабиёти тоҷик. 7. Соҳаи илми забоншиносӣ, ки тарзи навишти дурусти калимаҳоро меомӯзонад. 8. «***ро набувад он ҳама рафъат, ки варост, Гулу гулзори замин як гули рухсори зан аст (Лоиқ). 9. Савт, оҳанг. 10. «*** чист, худро дур аз шар(р) доштан (Тошхӯҷа Асирӣ). 11. Муродифи вожаи «раҳмат». 12. Сурат, ….. 13. Хитобкардашуда. 14. Асари пандуахлоқии Саъдии Шерозӣ. 15. Навъи жанри адабӣ. 16. Дастгоҳи гирандаи овоз аз масофаи дур. 17. Шахси сеюми шумораи ҷамъ. 18. Гетӣ, дунё. 19. Соҳаи афзалиятноки ҷомеа. 20. Қисми соҳаи забоншиносӣ, ки савтиётро меомӯзонад. 21. Нашриёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22. «То ватандор аст, *** аст ӯ» (Б. Собир). 23. Баландӣ, аз ҳама боло. 24. Ҳарфи алифбои ниёгон.

Муратиб
Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»

Ҷавоби муаммои «Омӯзгор» («Омӯзгор», №39, 1.10.2026)

1. Омӯзгор. 2. Ранг. 3. Глобус. 4. Сухан. 5. Нусрат. 6. Таърих. 7. Харита. 8. Акбар. 9. Рафиқ. 10. Қалам. 11. Муаллим. 12. Мактаб. 13. Бӯр. 14. Рӯзнома. 15. Аср. 16. Рух. 17. Хуҷанд. 18. Дарс. 19. Синтаксис. 20. Сулс. 21. Соат. 22. Тоқӣ. 23. Ирфон. 24. Наврӯз. 25. Забон. 26. Ном. 27. Мирзо.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи БП №947718, ки онро соли 1982 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и ноҳияи Дӯстӣ ба Юлдашев Исомурод Сафарович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи №541086, ки онро соли 1977 муассисаи таҳсилоти миёнаи №62-и шаҳри Душанбе ба Хотамов Джума Одинаевич додааст, эътибор надорад.

ҲАФТАНОМА АЗ 28-УМИН ШОҲИ СОЛИ 1992 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА
225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Анвар САФАРЗОДА
Раҳим САИДЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Қобилчон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Насриддин ОХУНЗОДА (ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотам ҲОМИДЗОДА 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА (муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА (шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Сухроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61 (масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА (ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 44545 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора
Ҷ. Қиёмиддин